# Ҳикоятҳои оканда аз ҳаёт

## Даҳ ҳикоят аз зиндагии устод Муҳаммадҷон Шакурии Бухорӣ



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Унвони китоб: **Ҳикоятҳои оканда аз ҳаёт**

**Даҳ ҳикоят аз зиндагии устод Муҳаммадҷон Шакурии Бухороӣ**

Ба кӯшиши: **Дилафрӯз Қурбонӣ ва Маҷиди Асадӣ**

Зери назари: **муаллимаи бузургвор Дилафрӯз Икромӣ - ҳамсари устод Муҳаммадҷон Шакурии Бухороӣ**

Виростор: **Мубашир Акбарзод**

Тароҳии ҷилд: **Ромиш Шералӣ**

Ношир: **Ройзании фарҳангии Сафорати Ҷумҳурии Исломии Эрон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Литографӣ, чоп ва саҳофӣ: **“Паёми дониш”**

Навбати чоп: **Аввал. 2014**

Адади нашр: **500**



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

## Пешгуфтор

## Ҳикоятҳои оканда аз ҳаёт

Дар бораи хотироти шифоҳии академик устод Муҳаммадҷон Шакурии Бухороӣ

Ёду номи Эрон барои мардуми тоҷик-чунон ки ёду номи Тоҷикистон барои мардуми Эрон хушҳолкунанда аст. Аммо ин хурсандӣ дар онон, ки маърифату муҳаббати бештаре нисбат ба



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

аслҳову асолатҳои муштарак ва ошноиҳо ёфтаанд, дучандону садчандон аст. Дар ин зумра номи зиндаёд устод Шакурӣ аз дурахшандагии вежае бархурдор аст. Ман низ пеш аз азимат барои намояндагии фарҳангии Ҷумҳурии Исломии Эрон дар Тоҷикистон ба авсофе ҳамида, аз ҷумла алоқа ба фарҳанги маърифатпарвари ниёконамон номи устодро шунида будам ва шавқманд будам, ки эшонро бибинаму адаби худро тақдим кунам. Аммо тақдир чунон рақам хурда буд, ки танҳо лаззати самъӣ саҳми банда бошад аз зиндагии шӯровари устод.

Устод соли 1926 ба дунё омадааст. Сахтикашида, сабури рӯзгор будааст ва фарзанди падару модаре сахтикашида. Падар баъд аз хонанишинӣ дар зиндон даргузаштаасту модар, ки дар зиндон ба бемории сил мубтало шуда буд, як сол пас аз озодӣ дар 37-солагӣ даргузаштааст. Муҳаммадҷон дар солҳои мусодиф бо ҷанги дуюми ҷаҳонӣ (1941-1945) машғул ба таҳсил аст. Моҳона 500 сум ҳам маош мегирад, дар ҳоле, ки гоҳе нархи нон ба 400 сум мерасид.

Устод мегӯяд:

-"Дар давраи аспирантӣ, эҷодиёти Сиддиқии Аҷзӣ (1888-1927) мавзӯи рисолаи ман шуд. Чанде дар бойгониҳову китобхонаҳои шаҳрҳои Душанбе,



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Самарқанд, Тошканду Маскав ҷустуҷӯҳо карда, рисолаи дифоия навиштам. Рисоларо аз кафедра гузаронида, фишурдаи онро ба русӣ тарҷума кардам ва барои дифоъ омода шуда будам, ки иддио карданд, ки Аҷзиро на равшангару маорифпарвар, балки аз ҷадидону миллатгароёни буржуазӣ бояд донист. Бобоҷон Ғафуров дар оғоз ба дастгирии банда бархост, лекин дар ниҳоят розӣ шуд. Дар натиҷа Кумитаи Марказии Ҳизби Коммунисти Тоҷикистон 29 декабри соли 1952 дар маҳалли раёсати Фарҳангистони Илмҳои Тоҷикистон аҳли адабро гирд оварда, масъалаи Аҷзиро аз соати 7-и аср то 3-и саҳар баррасӣ кард. Ба ҷуз банда, Алоуддин Баҳоуддинови файласуф ва Холиқ Мирзозодаи адабиётшинос, ки роҳбари илмии банда буд, касе ҷуръат накард хилофи фикри котиби Кумитаи Марказии ҳизб, ки раиси ҷаласа буд, чизе бигӯяд. Маҷлис тасмим гирифт Аҷзиро шоири иртиҷоӣ ба шумор оварад.

Рисолаи ман рад шуд ва заҳмати сесолаам сӯхт. “ (Валӣ Самад, Меҳрнома. Ҷашнномаи устод Шакурӣ. Душанбе, Ройзании фарҳангии Ҷ.И. Эрон дар Тоҷикистон. тирмоҳи соли 1385. Саҳ.16-17 )

Ба навиштаи устод, дар мақолаи “Аз маорифпарварӣ то ба чингизпарастӣ”, яке аз бузургтарин марказҳои фарҳанги тоҷикон, чун асрҳои гузашта Самарқанд буда, ки ҳавзаи



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

равшангарии он ба суръат доман паҳн мекард. Дар адабиёти ҷадидаи ин ҳавза, ба хусус Саййид-аҳмадхоҷа Сиддиқии Аҷзӣ(1888-1927) ва достонҳои манзуми ӯ “Миръоти ибрат” (1913) ва “Анҷумани арвоҳ” (1913) идеалҳои маорифпарварӣ ва равшангариро хеле барҷаста ифода намуд.

Муҳаммадҷони Шакурӣ, номзади илм он рӯзҳо ва академик солҳои баъд, пас аз рад шудани рисолааш мавзӯи илмии дигаре барои таҳқиқу дифоъ интихоб мекунад:” Хусусиятҳои ғоявӣ ва бадеии ёддоштҳои Айнӣ”. Гӯё касоне намехоҳанд ӯ дар майдони илм ҷоеву ҳарфе барои гуфтан дошта бошад. Аммо ӯ медонад, ки бояд барои ҷиҳоди илмӣ омода бошад ва дар ин байн ба дурустӣ дарёфтааст, ки ҷиҳод барои зиндаву зоянда нигаҳ доштани забону адаби форсӣ роҳи равшанест, ки ба ободии фарҳанги боландаву пурбори ниёкон роҳ мебарад. Ифтихор мекунад, ки соли 1988 мубориза пуршиддате дар роҳи устувор кардани пояҳои забони форсии тоҷикӣ бо мақолаҳои ӯ шурӯъ шудааст. Ӯ дар ин роҳ ҳам барои омӯзиши забони форсӣ ба фарзандони сарзамини худ умр гузошт ва ҳам дар роҳи ошнойии амиқи бузургсолон бо забону адаби форсӣ ба ҷон кӯшид. Мақолаҳои дардмандонаи ӯ гувоҳи ин ҷӯшу хурӯш аст:”Ҳар к-ӯ ба забони хештан дармонад”, “Қайдҳои нависандагон дар бораи муносибати



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

байни миллатҳо”, “Забони миллӣ, ғамхории махсус хоҳон аст”. (Меҳрнома, 24)

Ӯ, ки дардкашидаи ҷангҳои дохиливу аз ин воқеъа дилгир буд, менавишт:”Шуъури иҷтимоӣ паст аст ва шуъури музофотӣ қувват мегирад.

Асосан ба ҳамин сабаб буд, ки дар Тоҷикистон ҷанги дохилӣ шурӯъ шуд ва аз соли 1992 то соли 1997 идома ёфт ва меҳан хароб шуд”.

Ба гумони ӯ бояд Тоҷикистон ба ҳамдигарфаҳмӣ рӯ меовард. Баъзе китобҳои ӯ дар ин замина аст:”Хуросон аст ин ҷо”, “Истиқлол ва худшиносии иҷтимоию маънавӣ” ва “Инсонгароии омӯзиш ва забони миллӣ”.

Дар ҷараёни ин ҷиҳоди илмии ӯ то 26 феврали соли 2006, яъне, замоне ки зиндагиномаи худнавишт аз худ ба ёдгор ниҳод, 44 китобу беш аз 500 мақола дар мавзӯоту заминаҳои гуногун падид овард. Дар ин байн бахше аз умри Муҳаммадҷон Шакурӣ дар фарҳангнависӣ гузаштааст. Ҳам ин таҷрибаи арҷманд ва дигар қобилиятҳои чашмгири устод боис шуд, то бо даъвати Фарҳангистони забону адаби форсии Ҷумҳурии Исломии Эрон дар соли 1996 ба узвияти пайвастаи ин ниҳоди муаззами илмӣ пазируфта гардад. Устод ба фарҳанге тааллуқ дошт ва посдори фарҳанге



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

будааст, ки аз омӯзаҳои маънавии дин ғано меёфт. Дар ин фарҳанг, ки тавсия ба эҳсон дар боби волидайн шуда, мақоми падарончунон арзиш меёбад, ки падарро “қиблагоҳ” меноманд.

Бахши пурранг аз сурудаҳову сурудҳо дар ин сарзамин ороста ба зеботарин автифу эҳсосот дар мақоми модар аст. Ба гунае, ки бемуҳобо метавон тоҷиконро аз ин ҳайс миллате пешсаф дар ҷаҳон шинохт. Тоҷикон сарзамини арзию арзишии худро низ модар медонанд ва “Модар-Ватан” мехонанд. Муҳаммадҷон сайёди баҳрҳои пургуҳарест, ки чашмаҳои ҷӯшанда дар қаърҳои он ва қуллаҳои пурбарф дар фарози рӯдҳое ба сони дарё дар онҳо мавҷоҷ буда, талотум додаанд. Устод, ки маълум нест, чӣ ҳангом ба дунё омадааст ва ба навиштаи худ “тахминан таъйин мекарданд, ки синни мо чанд аст”, аз насли мардонест, ки марг надоранд ва рӯшноиҳое, ки дар зиндагии башар парокандаанд, ҳамвора партавафкан аст.

Аммо пештар оқои Қаҳрамон Сулаймонӣ аз ходимони андешаманди фарҳанг, ки замоне ба унвони Ройзани фарҳангии Ҷумҳурии Исломии Эрон дар ин кишвар хидмат кардаанд ва акнун дар мақоми муовини пажӯҳиҳию омӯзишии Созмони фарҳанг ва иртибототи исломии Эрон адои вазифа доранд, бо нашри “Меҳрнома”-бо пайгирии устод



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Валӣ Самад поси хидматҳои арҷманди устод Муҳаммадҷон Шакурии Бухороиро кӯшидаанд. Низ оқои доктор Муҳаммадҳусайн Амир Ардуш, ки эшон ҳам то чанде қабл дар мақоми Ройзани фарҳангии Ҷумҳурии Исломии Эрон дар ин кишвар идеяҳои арзишмандеро тарҳу ҳидоят намудаанд ва инак дар ҷойгоҳи мушовири муовини пажӯҳиҳию омӯзишии Созмони фарҳанг ва иртибототи исломии Эрон дидгоҳҳову таҷрибаҳои худро дар ихтиёри ҳавзаи илму фарҳанг қарор медиҳанд, бонии тарҳе будаанд, ки ҳосили он тадвини хотироти шифоҳии устод Шакурист. Бинобар ин бар банда ибрози сипос аз ҳиммати баландашон фарз аст. Дигар аз бародарам оқои Меҳрдоди Порсо ташаккур мекунам, ки ба унвони муовини муҳтарами Ройзании фарҳангии Ҷумҳурии Исломии Эрон дар Тоҷикистон дар ин кору тарҳҳои дигари Ройзанӣ миннатдори назарот ва ҳиммати ӯям. Ҳамчунин сипосгузори муҳаққиқи фарҳехта ҷаноби доктор Маҷиди Асадӣ ҳастам, ки бо мушорикати саркорхонум Дилафрӯз Қурбонӣ заҳмати нигориши каломи устод ва тадвини ин корро ба ду хатти форсӣ ва сириллик қабул намуданд ва ҳар вақт дар бораи ин китоб суҳбат мекардем, ин чанд нуктаро ба тариқе ёдоварӣ кардаанд, ки:



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

1-Муҳтавои китоб бар асоси каломи устод дар охирин соли ҳаёташон ва тавассути худашон дар қитъаҳои мухталифи замонӣ дар Нюкасли Англия забт гардидааст.

2-Мутаассифона ба иллати бемории устод калом заиф ва дар баъзе ҷойҳо номафҳум забт шудааст.

3-Баъзан устод бархе аз нукотро нотамом гузоштаанд, ки баъдан изофа намоянд, аммо мутаассифона фаромӯш шудааст ва ё ба иллати вуруди аёдаткунандае калом раҳо шуда, идома наёфтааст.

4-Дар пиёда кардани каломи устод ниҳояти талош сурат гирифтааст, ки калом айнан бар қалам ҷорӣ шавад, аммо дар танзиму тадвини китоб аз он ҷо, ки бархе аз матолиб бояд аз назари замонӣ дар пайи ҳам меомаданд, тағйир дар чиниши ҳикояҳо баҳси гурезнопазир будааст.

5-Дар матни сириллики китоб ниҳояти талош сурат гирифтааст, ки иборату ҷумлаҳо айнан иборату гуфтори устод бошанд ва матни навишторӣ бештарин ҳамоҳангиҳоро бо каломашон дошта бошад, магар ин, ки аҳёнан бино бар зарурат ва бар асоси қаринаҳои мавҷуд дар дигар бахшҳо ҷумла комил шудааст.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

6-Дар матни форсӣ бо таваҷҷуҳ ба тафовутҳои сохторӣ дар ҷумлабандию қоидаҳои нигоришӣ ва ҳамчунин зарурати тарҷумаи бархе аз калимоти русӣ ва ё калимаҳои камкорбурд ва ё ниёзманд ба тавзеҳ дар каломи устод ба ночор бар асоси маънои калом матн нигориш шудааст.

7-Аз он ҷо, ки устод дар бархе мавридҳо ба афроду созмонҳое ишора дошта, дар бораи онҳо изҳори назар кардаанд, талош шудааст, бо дар назар гирифтани ин нукта, ки мақсад нигориши таърих набуда, ҳамчунин куллияти матолибу мавзӯъ то он ҷо, ки латмае ба калому мавзӯъ ворид нашавад, аз зикри номи афроду созмонҳо худдорӣ гардад.

Ҳоло Худовандро шукр мегузорем, ки тавфиқи ба анҷом расондани ин вазифаро иноят фармуд ва умедворем ин хотираҳо ва пандҳои онҳо, ки ҳар кадом ба мадади умре ба ҳосил омадааст, ҳамвора дар хотирамон боқӣ бимонад.

Доктор Муҳаммадҳусайни Санъатӣ-

Ройзани фарҳангии Сафорати Ҷумҳурии Исломии Эрон дар Тоҷикистон



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

# Каломи устод Шакурӣ бобати фароҳам сохтани имкони забти хотироташон

Банда Муҳаммадҷони Шакурӣ ҳастам. Муҳаммадҷони Шакурии Бухороӣ. Имрӯз 9-11-2010 аз Ройзании фарҳангии Эрон дар Тоҷикистон бо меҳрубонии сарвари ин Ройзанӣ оқои Ардуш, ҷавони ҳимматманди ин Ройзанӣ Раҷабов, корманди ин Ройзанӣ Ҳикматуллоҳ Раҷабов барои ман ин асбоби сабти овозро оварданд ва банда мехоҳам сипосгузории худро барои ин гуна ҳадяи олиҷаноб, ки ба ман алъон хеле зарур аст, баён кунам. Хеле миннатдор ҳастам. Саломат бошед. Раҳмат, ташаккур, ҳам ба оқои Ардуш, ҳам ба оқои Ҳикматуллоҳ Раҷабов. Минаъд кӯшиш мекунам, ки ин дастгоҳи сабти овозро барои навиштани баъзе мақолаҳо, барои навиштани зиндагиномаи худнавишт истифода кунам. Иншоаллоҳ... Акнун инро зер мекунам...



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

# Ҳикояти омӯзиши забони форсии тоҷикӣ ба фарзандонам

Банда се фарзанд дорам, се писар. Якумӣ Шариф аст, соли таваллудаш соли 1948, дувумӣ Анвар аст, ки соли таваллудаш 1952 ва севумӣ Рустам ном дорад, ки таваллудаш соли 1961 мебошад. Ин бачаҳо дар замоне калон шуданд, ки аҳолии Душанберо асосан русҳо ва русизабонҳои омада ташкил медоданд. Русизабон, яъне ғайрирус, ки бо русӣ гап мезананд, белорусҳову бошқирду қафқозӣ ва ҳоказо. Онҳо чунон бисёр буданд, ки масалан як вақте солҳои панҷоҳум аҳолии Душанбе, аҳолии таҳҷоӣ, аҳолии тоҷик ҳамагӣ 12 дарсадро ташкил мекард. Ҳамагӣ 12 дарсади



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

аҳолии шаҳри Душанбе тоҷик буд, боқӣ ҳама ғайритоҷик. Ҳама русизабон. Аз хона, ки берун мешудем, кучае, ки мерафтем, ҳатто ҳеҷ ҷо ҳам наравем, фақат дар кӯча истем ҳам, ҳама русӣ ва ҳама суханҳо русӣ. Шаҳр муҳити тоҷикӣ набуд. Дар ин шароит ба кӯдак забони тоҷикӣ ёд додан бисёр душвор буд. Забони тоҷикӣ ёд гирифтани бачаҳо имкон надошт. Бачаҳои тоҷик ҳама аз аввали забон боз кардан русӣ забон мебароварданд, зеро падару модарашон ҳам кайҳо русигӯй шуда буданд ва байни худ бо русии шикаста сухан мекарданд. Яъне, муҳити тоҷикӣ дар шаҳри Душанбе бисёр кам монда буд.

Мактабҳо ҳама русӣ, боғчаҳо-кӯдакистонҳо ҳама русӣ. Аз хона, ки баромадӣ, ун тараф ҳама русӣ, хулоса ҳамаи атроф русӣ. Дар хонаи мо, даруни хона ҳам русӣ буд. Зани якуми ман ҳам рус буд. Одам бояд донад, ки дар ин шароит тавре амал кунад, ки кӯдак забони тоҷикиро ёд бигирад.

Баъди андешаи бисёре ба ҳамин қарор омадам, ки аввало коре кардан даркор аст, ки кӯдак аз аввали забон бароварданаш забони тоҷикиро донад, аз аввали забон бароварданаш забони тоҷикӣ дастраси ӯ бошад. Агар баъд аз калон шуданаш забони тоҷикиро омӯзад, ба ҳар ҳол ин забони



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

омӯхташуда, на монанди забони модарӣ, мисли забони хориҷӣ мешавад.

Аз аввал бо модарашон аҳд кардем, ки модар бо кӯдак бо забони русӣ гап хоҳад зад ва падар, яъне ман ба забони тоҷикӣ. Мо бояд аз аввали забон баровардани кӯдак, ҳар дуямон ба ду забон бо ӯ гап занем. Шояд, ки ҳар ду забонро ёд гирад. Шояд, ки натиҷае шавад аз ин кори мо. Ба ҳар ҳол як санҷидану озмудан лозим аст, ки чӣ мешавад?

На дар хона, на дар кӯча дигар касе бо онҳо тоҷикӣ гап намезад. Ба ҳар ҳол лозим буд, ки ба бачаҳо забони тоҷикӣ ёд диҳем. Як андаке, андаке бошад ҳам, забони тоҷикӣ ёд бигиранд.

Вақте ки телевизор пайдо шуд, дар хона андак гапи тоҷикӣ, ки аз ман мешуниданд, ҳамин ҳам барҳам хурд. Бачаҳо дар хона бошанд, пеши телевизор мешиштанд ва программаи Маскавро тамошо мекарданд. Бо ин ҳол фақат ман бо ин бачаҳо тоҷикӣ гап мезадам. Серкор будам, вақтам кам буд. Бо бачаҳо имкони суҳбатҳои дуру дароз кардан набуд, лекин ба ҳар сурат бо онҳо тоҷикӣ гуфтугӯ мекардам, то ин ки бачаҳоям мактабашон сар шуд. Лекин мактабу синфашон ҳам русӣ буд ва бачаҳои ман дар синфи русӣ таҳсил сар карданд. Лекин ман китобҳои дарсии синфи аввалро, баъд синфи дуюмро, баъд синфи сеюму чорумро ёфта



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

овардам. Аз Алифбо сар карда, ҳар дарсе, ки дар мактаб, масалан Шариф ба русӣ мехонд, дар хона мо онро тоҷикӣ мегузаштем. Ҳаррӯза дарси забони тоҷикӣ доштам. Дарси мактабашро дар хона ба тоҷикӣ такрор мекардем. Ҳатто дарси ҳисоб мегузаштем. Китоби ҳисоб харида будам. Ҳисобҳоро мебаровардем, машқҳои ҳисобро ба тоҷикӣ ҳал мекардем, то ин ки бачаҳо истилоҳоти ҳисобро ҳам ба тоҷикӣ донанд: зарб, тақсим, ҷамъ, тарҳ ва ҳоказо. Ҳамин тариқ кӯдакҳоям бо китобҳои тоҷикӣ шинос шуданд, китобҳои тоҷикиро хондан ёд гирифтанд, китоби тоҷикиро фаҳмидан ёд гирифтанд ва баробари дарси русӣ дарси тоҷикӣ мехонданд, ки бисёр муҳим аст. Лекин ин тоҷикӣ хондани мо, ин дарсҳои мо то охири синфи чорум давом кард. Аз синфи панҷум сар карда, дарси бачаҳо бисёр душвор шудан гирифт, вақташон кам монд ва ман ҳам вақти кам доштам. Мо натавонистем, ки дарси тоҷикӣ гузарем. Гоҳ-гоҳ  зарур шавад, тасодуфан он чизе, ки дар мактаб мехонданд ё ба хонаи муаллим мерафтанд, ҳар рӯзи Худо, рӯздармиёну як ҳафта ду бор, ё ин ки муаллим ба хонаи мо меомад. Лекин ба ҳар ҳол бачаҳо забони тоҷикӣ ёд гирифтанд, мисли забони русӣ набошад ҳам, ба ҳар ҳол гап мезаданд, гапи тоҷикӣ мешуниданд.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Мо аз аввали забон баровардани кӯдак синни яксолагӣ, якунимсолагӣ, дусолагии кӯдак ба ду забон гап мезадем. Кӯдаке, ки нав забон баровarда истодааст, бо ӯ модараш ба русӣ сухбат мекард, ман бо тоҷикӣ. Аз аввали забон баровардан, кӯдак худ ба худ дониста-надониста бо ман тоҷикӣ гап мезад, бо модараш русӣ. Ин тур нашудааст, ки бо ман русӣ гап зада бошаду бо модараш тоҷикӣ. Ман ҳайрон мешудам. Ҳатто меҳмон, ки меомад, тоҷик биёяд, кӯдак бо ӯ тоҷикӣ гап мезанад, рус биёяд, кӯдак бо ӯ русӣ гап мезанад. Ҳайрон будам, ки ин кӯдаки дусола-сесола аз куҷо медонад, ки ин тоҷик асту бо ӯ тоҷикӣ гап задан лозим? Инаш рус аст, бо ӯ русӣ гап задан лозим? Аз куҷо медонад? Ҳанӯз ҳам намедонам. Домулло Осимӣ ҳам ҳикоя мекарданд, ки як набераашон ҳамин тур будааст. Келинашон рус будааст. Набераашон аз аввали забон баровардан бо ду забон гап мезадааст. Бо модараш ба русӣ, бо падар ба тоҷикӣ. Лекин аҷиб ин, ки ин набераи Осимӣ бо ҳама занҳо ба русӣ гап мезадааст, чун модараш зан буд ва бо мардҳо тоҷикӣ. Мардҳо хоҳ тоҷик бошанду хоҳ рус, бо ҳамаи мардҳо тоҷикӣ ҳарф мезадааст. Домулло бисёр механдиданду ҳикояҳо мекарданд аз гап заданҳои набераашон.

Ҳамин гуна омӯзиши ду забон аз аввал, аз давраи забон баровардан бисёр сирру асрори аҷиб



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

дорад, ки ман намедонам, омӯхта шудааст дар илм ё не? Ин гуна таҷрибаҳоро дар ҷойҳое чун Тоҷикистон дар амал татбиқ кардан лозим аст, зеро тифл аз аввали забон баровардан агар ба ду забон гап занад, кор осонтар мешавад. Баъд аз ин, ки фарзандонам ба синфи якум рафтанду ба забони русӣ мактаб мехонданд, забони тоҷикӣ ҳам дар хона гӯё забони мактабӣ шуда буд, чун хона ҳам то як андозае мактаб шуда буд ва мо дарси забони тоҷикӣ мехондем. Қисман то андозаи мактаб ва замони дарс дар мактаб мо дар хона ба забони тоҷикӣ дарс мехондем.

Инҳо, бачаҳои ман мактаби миёнаро, синфи даҳумро, ки тамом карданд, ҳар сеяшон ҳам барои таҳсили олӣ ба Маскав рафтанд. Ба “МГУ”(Донишгоҳи Давлатии Маскав).

Шариф ба факултаи санъатшиносӣ даромад. Вақте ки дар Донишгоҳи Маскав таҳсил мекард, забони тоҷикӣ чандон лозимаш нашуд. Ҳама кор асосан ба забони русӣ буд. Лекин вақте ки донишгоҳро хатм кард, аспирантура дохил шуд ба Академияи Илмҳои Тоҷикистон Институти шарқшиносӣ, шароит фарқ кард. Писарам Шариф чун ба аспирантура даромад, мавзӯи рисолааш якумин миниатюраҳое, ки барои “Шоҳнома” кашидаанд, “Шоҳнома” ва миниатюраҳои он буд.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Мавзӯи тамоман тоҷикӣ. Шарифи мо аз аввали аспирантура се бор “Шоҳнома”-и Фирдавсиро хонд. Тамоман забони форсиро надонад ҳам, донед, ки ёд гирифт. Шариф корро аз ин сар кард, ки се бор “Шоҳнома”-ро хонд аз аввал то охир. Луғатҳоро дар атроф монда, луғатномаҳо, фарҳангҳоро дид ва ба ин сурат се бор “Шоҳнома”-ро фаровард. Беҳтар аз ин магар имконе хоҳад буд? Беҳтар аз хониши пай дар пайи забони форсии тоҷикӣ магар роҳи дигар ҳам мебошад, ки форсӣ ёд гирифтаву омӯхта шавад? Аз аввал, аз кӯдакӣ ворид шудан ба ҷаҳони “Шоҳнома”. Он ҳама меҳнатҳое, ки андак таҳкурсӣ ба вуҷуд оварда будааст, бисёр кумак кард, ба гунае, ки то ҳанӯз, то ҳол мавзӯъҳои ҳама китобҳояш ба Хуросон вобастагӣ дорад, он ҳам ба забони форсӣ, ба забони “Шоҳнома”.

Аммо Анвар Шукуров аз тоҷикӣ камтар баҳравар шуд.Чаро? Чун он вакт, ки Анвар якунимсола шуду вақти забон баровsecurityанаш расид, ман барои навиштани рисолаи номзадӣ ва ҳимояи он яксола ба Маскав рафтам. Як соли дароз дар Маскав будам. Вақте ки ман дар хона набудам, дар Маскав будам, Анвар забон баровард ва албатта фақат ба русӣ гап задан ёд гирифт. Вақте ки ман омадаму хостам, ки акнун тоҷикӣ ҳам гап занад, бо



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

ман дигар натавонист. Вақт гузашта буд. Ҳама вақт мегуфт, ки:

- Баъд ёд мегирам, калон шавам, ёд мегирам. Ҳақиқатан баъд аз он ки калон шуд, худаш андак-андак мустақилона забони тоҷикиро омӯхт. Лекин ихтисоси ӯ физика. Физика, математика, астрофизика ихтисосҳое ҳастанд, ки чандон донистани забони тоҷикиро талаб намекунанд.

Рустам низ ҳамчунин роҳеро гӯё тай кард. Аввали забон баровarданаш ба ду забон гап мезад ва баъд, вақте ки дар мактаби ибтидоӣ мехонд, забони тоҷикиро аз банда ёд гирифт. Ҳарчанд ин таҳкурсӣ номустаҳкам буд, ба ҳар ҳол таҳкурсӣ ба вуҷуд оварда будааст. Рустам ҳам дар Донишгоҳи Давлатии Маскав донишҷӯй шуд, дар факултаи таърих, таърихи асрҳои миёна, ки он ҷо донистани забони тоҷикӣ зарур набуд. Лекин вақте ки Рустам донишҷӯи курси сеюм буд, рӯзе телефон карду гуфт:

-Ман як рисолаи фалсафии қарни сенздаҳро аз тоҷикӣ ба русӣ тарҷума карда истодаам. Ба ӯ гуфтам:

- Тарҷумаи ин китобро ба ту кӣ фармудааст? Аз дарсат намон, ба имтиҳонат тайёрӣ сар кун.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Вақтатро бисёр мегирад, фикратро ба худаш банд мекунад. Ӯ ҷавоб дод:

-Не, ман вақтҳои бекорӣ, вақтҳои истироҳат ин корро мекунам. Тарҷумаи ин китоб барои ман мисли истироҳат аст.

Тобистон, вақте ки омад, рисоларо овард. Дидам, ки ба охир расонидааст. Рисолаи калон набудааст. Аз ман илтимос кард, ки ман корашро як бинам, баъзе ҷойҳо суол ҳаст, суолҳоро ҳал кунем. Банда албатта розӣ шудам. Мо бо ҳам шишта, тарҷумаи русии Рустамро ба асли форсӣ ҷумла ба ҷумла, калима ба калима муқоиса кардем аз аввал то охири китоб. Ҳама суолҳо ҳам ҳал шуд, иштибоҳҳо ислоҳ шуд. Вақте ки кор ба охир расид, Рустамҷонамро офарин гуфтам. Хуб анҷом додааст. Кори душвор, ҳамин қадар душвор, ки ҳаргиз барои донишҷӯи курси сеюм имконпазир набуд, аммо ӯ анҷом додааст ва хуб ҳам анҷом додааст. Баъд ба ӯ гуфтам:

-Акнун ин тарҷумаро бояд ба мутахасисҳо нишон дод. Мутахасисони таърихи фалсафа бояд бинанд ва гӯянд, ки то чи андоза дуруст аст ин тарҷумаи ту. Ба кор меояд ё ба кор намеояд?



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Рустам ба ин гуфтаи банда амал кард. Бурда ба мутахасисон нишон дод Рустам. Як дафъа омада мегуфт, ки:

-Маъқул шуд, эроде, ки буд, суоле, ки буд, ҳал кардем. Ин тавр аз назари мутахассисон гузаронидани тарҷума якчанд сол давом кард. Баъд аз хатми донишгоҳ ин тарҷумаашро дар Маскав ба чоп дод.

Ба ин фарзандҳо ёд додани забони тоҷикӣ он қадар душвор буд, хеле душвор. Чӣ тур инҳо ин қадар ин забонро ёд мегиранд? Албатта ин ҷо кӯшишу ғайрати худашон. Аз ман забони тоҷикӣ омӯхтанашон аз рӯи маҷбурият набудааст. Падар маҷбур карда истодааст ё маҷбуран ёд гирифтан лозим? На, хоҳиши худашон ҳам будааст. Худашон ҳам меҳр доштаанд, то ин ки баъдтар ҳатто баъди хатми донишгоҳ низ махсус вақт ҷудо мекарданду махсус матнҳо, китобҳои классикии форсиро мехонданд, форсии асрҳои гузашта.

Аз фарзандонам барои хуб ёд гирифтани забони тоҷикии форсӣ миннатдорам.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

# Ҳикояти мубориза дар роҳи қонунӣ ва миллӣ шудани забони тоҷикӣ дар Тоҷикистон

Шахси масъуле дар Тоҷикистон чанде пеш ба муносибати ёдоварии таърихи муборизаҳои мардуми мо дар роҳи ҳифзи забон, дар роҳи ҳифзи забони давлатӣ ва Қонуни забон, ки дар Ҷумҳуриҳои собиқ Шӯравӣ сурат гирифта буд, аз ҷумла дар Тоҷикистон, суханронӣ оғоз карду ба чӣ сабабе якбора гуфт:

-Ин ҷо ягон нафар набояд даъво дошта бошад, ки мо қаҳрамонӣ кардем. Ҳамаи ҷумҳуриҳои назди Балтика, Қафқоз ва Осиёи Миёна ин корро карданд



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

ва ин як раванди таърихӣ буд. Матни ин суханронӣ дар рӯзномаи “Наҷот”, 22 июли 2010 саҳифаи 5 чоп шудааст. Афсӯс хӯрдам, ки эшон ба унвони намояндаи Тоҷикистон дар соҳаи фарҳанг, хусусан дар соҳаи ҳифзи забон, дар бораи муборизоне, ки дар солҳои 1980-90 дар роҳи забони миллии худ, дар роҳи забони давлатӣ фидокориҳо карда буданд, дар бораи онҳо бо ин гуна як оҳанги нофорам сухан мекунаду мегӯяд, ки гӯё онҳо имрӯз даъвои қаҳрамонӣ доранд, вале сазовори қаҳрамонӣ нестанд ва ҳоказо.

Аз он касоне, ки дар Тоҷикистон дар ин мубориза ширкат доштанд, бисёриҳо имрӯз дигар дар қайди ҳаёт нестанд. Метавон гуфт, ки дар баъзе соҳаҳо ҳанӯз банда фаъолият дорам. Аз он нафароне, ки дар қабули Қонуни забон иштирок доштанд, фақат ман дар қайди ҳаёт ҳастам ва он гапе, ки ин нафар гуфтааст: баъзе касон даъвои қаҳрамонӣ доранд, имрӯз пеш аз ҳама дар ҳаққи банда гуфта шудааст. Он кас, ки имрӯз “ба оши тайёр бакавул шуда омад”, ҳатто андак кӯшиш накардааст, ки аз таърихи масъала хабар ёбад. Таърихи ҳамин рӯз, ин таърихи дирӯз не, ҳатто таърихи парерӯз не, таърихи ҳамин рӯз аст. Афсус, ки чунин таърихе навишта ҳам нашудааст. Ҳоло мумкин навишта шавад. Алъон банда мехоҳам, ки



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

баъзе лаҳзаҳоеро аз ҳаёти худам, аз ширкати худам дар он муборизаҳо баён кунам.

Дар он муборизаҳо дар Тоҷикистони мо бисёре иштирок карда буданд. Дар байни он иштирокдорон одамони машҳури соҳаи фарҳанг, адабиёт, санъат, матбуот мавҷуд буданд. Ғайр аз ин дар ин мубориза гурӯҳи калони одамони одӣ, муаллимони қишлоқ иштирок кардаанд. Он иштироккардаҳо бешуморанд. Ёдашон ба хайр! Фақат баъзеи онҳо имрӯз бо мо қадам мегузоранд. Ман дар бораи ҳамаи онҳо ё ин ки баъзеи онҳо ин ҷо ҳикоя карда наметавонам.

Фақат он чиро, ки худам медонам, беҳтар медонам, он чиро, ки ба худам дахл дошт, он килеро, ки ба худи ман супурда буданд, то иҷро кунам, баъзе чизҳоро ёдовар мешаваму бас.

Масъалаи забонҳои миллии ҷумҳуриҳои собиқ Шӯравӣ дар замони зуҳури Горбачёв ба миён омад. Ҳамин ки Горбачёв ошкорбаёнӣ эълон кард, то мардум ошкоро гап зананд, камбудҳоро гӯянд, мақсадҳоро равшан баён кунанд ва ҳоказо. Ҳама мардуми Советӣ мунтазири чунин ишорае буданд, бинобар ин дар ҳама соҳаҳои гуногуни ҳаёт ошкорбаёнӣ шурӯъ шуд, аз ҷумла дар бораи аҳволи забони миллии халқҳои собиқ Шӯравӣ дар ҷумҳуриҳои иттифоқӣ. Аввалин бор масъалаи



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

аҳволи забони миллии халқҳои СССР нахуст дар баъзе маҷлисҳои Маскав бардошта шуд. Дар маҷлисҳое, ки дар Иттифоқи Нависандагони СССР, дар Институти Адабиёти ҷаҳон, дар Институти Шарқшиносӣ, дар идораҳои рӯзномаҳо, маҷаллаҳо ва баъзе ҷойҳои дигар барпо мегардид, мардум аз аҳволи табоҳи забонҳои миллӣ сухан оғоз карданд. Сухан аз ин оғоз карданд, ки дар ҷумҳуриҳо вазъи забони миллӣ хеле бад аст. Забони миллӣ аз инкишоф, аз тараққӣ бозмондааст, хеле хароб шудааст, оҷизу нотавон шудааст. Дар зери фишори пурзӯри забони русӣ қарор ёфтааст. Дар ҳама ҷо забони русӣ ҳукмрон аст. Аммо забони миллии ҳар ҷумҳурӣ аз иҷрои вазифаҳои иҷтимоии худ маҳрум мондааст. Вазифаҳои иҷтимоии худро иҷро карда наметавонад. Аз ҳуқуқҳо маҳрум аст, амал намекунад, вазифаи худро иҷро намекунад. Ба таъбири дигар пасмонда, бознишаста, харобу афгор аст.

Дар ин бора дар маҷлисҳо баъзе суханҳои аҷиб гуфта мешуд. Мисолҳои барҷаста оварда мешуд. Дар бораи фарҳанги миллӣ, дар бораи забони адабии халқҳо академик Лихачёв бисёр суханҳои аҷиб мегуфт. Якумин бор, ҳамон вақтҳо суханронии ӯро чанд бор дар Маскав шунидам. Суханҳои ӯ таъсири амиқе дар дили ман гузоштанд. Дар он ҷамъомадҳо Чингиз Айтматов суханронӣ



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

карда буд. Ман на як бор, балки чанд суханронии ӯро дидаву шунида будам. Мисол овард, ки дар шаҳри Фрунзе, Бишкеки имрӯза пойтахти Қирғизистон, ҳамагӣ як мактаби қирғизӣ боқӣ мондааст, ки ба он мактаб ҳам аз дигар мактабҳо кадом бачаеро, ки берун ронанд, беистеъдод бошаду хонда натавонад, ба ҳамин мактаби қирғизӣ меоранд. Чингиз Айтматов ин гуна гапҳоро хеле боалам мегуфт.

Аз Ҷумҳурии Молдавия бисёр шикоят мекарданд, аз ин, ки хаташон дигар шудааст. Хаташон лотинӣ буд, кириллӣ шудааст. Хати аслии онҳо лотинӣ асту барои онҳо хеле муҳим ҳамон хати лотинӣ аст. Бисёр, аз ҳад зиёд намояндагони ҷумҳуриҳои лаби Балтика, хусусан Эстония. Аҳволи забони миллии онҳо нисбат ба аҳволи забони миллии тоҷикии мо беҳтар буд, аз гапҳояшон маълум мешуд, ки беҳтар будааст. Лекин бо вуҷуди он онҳо камбуди бисёре аз фаъолияти иҷтимоии забони миллӣ эҳсос мекарданд ва забони миллии худро бисёр талаб мекарданд.

Ҳар вақте ки ҳуқуқҳои қонунии забони миллӣ баргардонда шавад, дар ҳар ҷумҳурӣ бояд пурра, мукаммалан амал кунад, фаъолият кунад, он гоҳ тараққӣ мекунад. Агар фаъолият накунад, амал



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

накунад, бекор истад, ин забон оқибат нест мешавад. Чизе, ки амал намекунад, кор намекунад, ба ягон кор даркор нест, оқибат нест мешавад. Забони миллӣ ҳам ба ҳамин роҳ рафта истодааст. Мисолҳои бисёре оварда шуд, ки солҳои ҳокимияти Шӯравӣ чандин забон аз байн рафтааст. Аз забонҳои халқҳои хурд, ки забонашон чандон қавию тавоно набудааст ё ин ки қавию тавоно бошад ҳам, азбаски худи ин халқ кам будаасту дар байни халқҳои дигар мондааст, дар натиҷа кам-кам забонаш аз байн рафтааст. Рақамҳои аҷибе дар матбуоти он солҳо дар Маскав чоп шуд. Баъзе он рақамҳоро ман дар баъзе мақолаҳоям навиштаам.

Ҳамин тавр мубориза зидди беҳуқуқии забони миллӣ, муборизаи ҳифзи забон аз Маскав сар шуд. Дар доираҳои демократии Маскав аз тарафи намояндагони ҷумҳуриҳои гуногуни собиқ Шӯравӣ бардошта шуд. Ин дар ҳақиқат як мубориза буд. Муборизаи сахте буд, ки дар Иттиҳоди Шӯравӣ назир надошт. Ман он суханрониҳоро гӯш мекардаму дар бораи забони худамон, дар бораи аҳволи забони форсӣ-тоҷикии Тоҷикистонамон фикр мекардам, ки ин забон, ин забони бузург, забони ҳазорсола, таърихи ҳазоронсола дошта, дар ин муддати таърихи тӯлонӣ сарватҳои оличаноб ҷамъ овардааст, вале имрӯз он сарватҳоро ҳеҷ кас намедонад, он сарватҳо



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

истифода намешаванд. Забони тоҷикӣ аз ҳуқуқ маҳрум, дар чордевори хонаҳо мондааст. Андеша мекардам, ки агар ин тур давом кунад, маълум аст, ки роҳи забони миллӣ аз чордевори хона рост ба сӯи нестист. Бо таассуф медидам, ки забони миллиямон дар чордевори хона мондаасту ба сӯи нобудӣ меравад. Аз зинда мондани он умед нест. Мехостам дар ин бора ман ҳам чизе бигӯям. Ман хуб гӯш кардам суханрониҳои маҷлисҳои Маскавро ва оқибат ба ин фикр омадам, ки мо ҳам бояд ором нашинем, Тоҷикистон ҳам бояд хомӯш наистад. Бояд ба ин мубориза ҳамроҳ шавад, чунки забони тоҷикӣ аз дигар забонҳо хеле зиёдтар осеб дидааст, нисбат ба дигар забонҳо хеле зиёдтар ба роҳи нестӣ наздик шудааст. Бисёр мехостам, ки чизе нависам, аммо медонистам, ки агар ҳам чизе нависам, онро дар Душанбе чоп кунондан имкон надорад. Нависам, мегӯянд, ки миллатчӣ шудӣ. Баъд дар баъзе маҷлисҳои Маскав мегуфтагӣ шудам. Медидам, ки мардум чӣ мегӯянд, сухани маро маро қабул мекунанд ё на? Он демократҳои Маскав, ки ин масъаларо бардоштаанд, эроде мегиранд ё не?

Горбачёв забони русиро дар тамоми Иттиҳоди Шӯравӣ забони давлатӣ кардан мехост, аммо онҳоеро, ки дар Маскав ва дар ҷумҳуриҳояшон барои давлатӣ шудани забони миллияшон талош мекарданд, ин нияти Горбачёв



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

хеле ба ташвиш оварда буд. Даву ғеҷ шурӯъ карданд, вале натиҷаи он ҳанӯз маълум набуд. Он гоҳ, ки дар Кишинёв будам, андак камкор будам ва дар айни замон дар бораи муборизае, ки дар ҷумҳуриҳои гуногун барои давлатӣ шудани забони миллӣ меравад, дар даст маводи муҳим доштам. Аз мубоҳисаҳое, ки дар Душанбе дар Тоҷикистон давом дорад, аз мубоҳисаҳое, ки дар Молдавия идома дорад ва дар пеши назари худам сурат мегирифт, аз муборизаҳои мардуми ҷумҳурии Эстония ва баъзе ҷойҳои дигар андак маводу маълумот дар даст доштам.

Дар ибтидои соли 1988 банда бемор шудам ва барои якумин бор дар умрам дар касалхонаи ҳукуматӣ бистарӣ шудам. Одати касалхонаи ҳукуматӣ ин будааст, ки муҳлати муолиҷаро 24 рӯз таъйин мекардаанд ва маро 24 рӯз он ҷо нигоҳ доштанд. Айни вақти серкорӣ буд. Банда имкон надоштам, ки 24 рӯз бихобам, вале лозим омад, ки бихобам. Пас қарор додам, ки мақола менависам. Аз ин беҳтар вақт, имкон, ки кайҳо боз орзу дорам, нест.

Се мақола навиштам ба забони русӣ. Яке дар бораи аҳволи забони адабии тоҷикӣ. Номи мақола “Тот кто слабен в собственном языке”, (“Ҳар кас ба забони хештан дармонад”). Мақолаи дуюм дар



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

бораи таълими забони тоҷикӣ. Дар бораи ин, ки ин забони бузурги тоҷикии мо дуруст таълим дода намешавад. Донишҷӯ дар мактабҳои олӣ аз ин забони бузург баҳра нагирифта меравад, чаласавод, нимсавод. Савияи саводи аҳли ҷомеа паст аст. Ҷомеаи тоҷикон ҷомеаи камсаводон аст.

Номи мақола “Ҳукумати асрҳо”. Сеюм як мақола низ ба забони русӣ бо номи “ Дузабонӣ ё безабонӣ” буд. Ҳамон дузабоние, ки дар тамоми СССР ташвиқу тарғиб мешуд, ки гӯё ҳама халқҳо дузабон бошанд, на танҳо забони худ, балки забони русиро низ донанд. Дар бораи гузориши ин масъала, дар бораи ин масъаларо чӣ тур бояд ҳал кард, тавре ки бар зарари забони миллӣ набошад, баҳс кардам. Албатта ҷои шакку шубҳа нест, ки ҳар кас аз мардуми Шӯравӣ, ҳар як нафар на танҳо забони миллии худро донад, балки забони русиро донистан лозим, дигар забонҳои хориҷиро донистан лозим аст, лекин гап дар ин, ки чӣ хел донистан лозим? Ба ҷои забони худ забони дигарро аз худ кардан лозим аст? Забони русиро масалан ба ҷои забони худ истифода, ба кор гирифтан лозим аст? Ё чӣ тавр? Ин мухтавои мақолаи сеюм буд.

Ҳамин, ки сиҳат шудам, аз касалхона берун омада, ин мақолаҳоро гирифта Маскав рафтам. Мақолаи якумро, ки дар бораи забони адабӣ буд, ба



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

“Литературная газета” бурдам. “Литературная газета” рӯҳияи демократӣ дошт. Хеле паҳлуҳои муҳимми ҷомеаро зуд мебардоштанд ва барои дуруст ҳал шудани он кӯшиш мекарданд. Аммо бо ин ҳол барои чопи мақолаи ман дар шубҳа монданд. Гуфтанд, ки:

-Андак нарм кунем, то имкони чоп фароҳам шавад. Мухолифат кардам. Банда исрор намудам, ки ҳамон чизе, ки ҳаст, чоп кунанд. Маро назди мудир равон карданд. Мудири газета мақолаи манро гирифту зуд як чашм давонд ва гуфт:

- Мумкин аст, ки мо бигирем, лекин ду саҳифаи аввали онро партофтан лозим. Ин корро зуд иҷро кун, биёр, чоп мекунем. Гуфтам:

- Ман ин корро зуд иҷро карда наметавонам. Ду моҳ аст, ки ман дур аз Душанбе гаштаам, пасфардо бояд Душанбе равам, билетам дар дастам. Ҳама корҳоям зарурӣ, овора мешавам ва барои ислоҳи ин мақола вақт кам мемонад. Агар мумкин бошад гуфтам, ҳамин суханҳоеро, ки ту гуфтӣ, аз ҳамин нуқтаи назар мақолаи маро ислоҳ кунед. Мудир гуфт, ки:

-На, ман ё яке аз коргарони мо як калимаи ин мақоларо наметавонад дигар кунад. Агар “Литературная газета” ба муқобили шумо коре



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

бикунад, академикҳо даррав мераванд Кумитаи Марказӣ, зуд маҷлис ташкил мекунад, оқибатҳо доштанаш мумкин. Бинобар ин ҳар коре, ки лозим аст, бояд худатон иҷро кунед. Банда ночор гуфтам, ки:

-Фардо соати 10 ман ин мақоларо тайёр карда мебиёрам, оё шумо ба кор мебиёед ба идораи "Литературная газета"? Мудир гуфт, ки:

-Мақоларо омода карда биёред, ман ҳам мебиём.

Ба хона омадам. Ба писарам Анвар гуфтам:

-Мумкин аст, ки ман туро соати 3-и саҳар бедор кунам ва ту мақолаи маро дар мошинка мошиннавис бикунӣ? Анвар розӣ шуд, ки барвақттар бихезад. Ман чӣ коре, ки лозим буд, як-як анҷом додам. Гӯё мақола дубора навишта шуд. Дигаргуниҳо шуд, гапҳо пасу пеш шуд ва ҳоказо. Аммо дар асл матни умумӣ дигар нашудааст, таъйир наёфтааст. Расо соати 3-и саҳар ман ислоҳи мақоларо ба охир расондам. Анварро бедор кардам ва ӯ мақоларо дар мошинка чоп кард.

Соати нуҳи пагоҳӣ газета омада дидам, ки мудир нест. Андак мунтазир истодем, наомад. Аз рафиқони ҳамкораш илтимос кардам, ки як телефон кунанд. Оқибат аъзои кормандони шуъба маслиҳат карданд, ки занг бизананд ба хонаи мудир, ки:



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

- Мудир, имрӯз ба кор боз фалонӣ, ки дирӯз мақола оварда буд ва имрӯз овардаст ин ҷо мунтазири шумо ҳаст, чӣ кор кунад? Рафиқон телефон карданд, ба ӯ гуфтанд. Мудир гуфт:

-Ҳозир мебиём, мунтазир истад муаллифи мақола. Мудир пайдо шуд, омад, мақолаи маро гирифт. Зуд варақ зад ва гуфт:

-Қобили қабул аст. Ман эроде надорам, лекин мақола бояд аз ду “редколлегия” гузарад. Ду “редколлегия” ҳаст, яке “редколлегия”-и шуъбаи адабиёти халқҳои Шӯравӣ ин мақоларо як-як мебинанд. Маъқул шавад, иҷозат медиҳанд барои чоп. Боз “редколлегия”-и калон ҳаст, умумӣ. Он ҷо боз ҳам одам бисёртар, одамҳои он ҷо ҳам як-як мебинанд. Лекин ман кӯшиш мекунам, ки гузарад.

Ман шумораи баъдии газетро гирифта дидам, ки чоп нашудааст. Телефон кардам ба он мудири шуъба.

-Боке нест, натавонистем, ки дар ин шумора ҷой бидиҳем, ҷой набуд, лекин ман коре мекунам, ки дар шумораи оянда ҳатман чоп шавад. Мунтазири чопи шумораиояндаи “Литературная газета” бошед. Шумораи дигари “Литературная газета” омад, боз дидам, ки мақолаи ман чоп нашудааст. Боз телефон кардам ба мудир. Гуфт, ки:



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

-Бале, натавонистем. Натавонистем, ки бигӯем зӯрамон нарасид, лекин дар шумораи оянда ҳатман чоп хоҳад шуд. Банда шумораи ояндаро дидам, ки ҳақиқатан ҳамон тарзе, ки ман мақоларо дода будам, аз чоп баромада буд. Бисёр хурсанд шудам.

Ин мақолаи ман моҳи ноябри соли 1988 дар рӯзномаи “Литературная газета” аз чоп баромад бо номи “Кто беспомощен в собственном языке”, “Ҳар к-ӯ ба забони хештан дармонад”. Ин мақола мақолаи сол шуд, ҷоиза ҳам гирифт. Хабари ҷоиза гирифтанаш дар шумораи якуми соли 1989 дар худи ҳамон “Литературная газета” эълон шудааст. Пас аз ин, ки мақолаи ман аз чоп баромад, аз ҳар ҷо номаҳо мегирифтам. Муаллифон маро табрик кардаанд, ки чунин мақолае навиштаӣ. Мақоларо мақолаи ҷасурона ҳисобидаанд, ки ҷуръаткорона навишта шудааст ва аз забони худашон, аз ҷумҳуриҳои худашон, аз забони миллии ҷумҳуриҳои дигар ҳикоя мекарданд, ки низ мақола навиштан лозим аст ва муҳокима кардан лозим аст. Фақат як нафар эрод гирифта буд. Як нафар аз хонандаҳои шаҳри Маскав навишта буд, ки дар сарлавҳаи мақолаи ту ғалат ҳаст. “Кто бессилен в собственном языке”-“собственном” не, балки “своём языке” гуфтан даркор буд. Ман ба ӯ навиштам, ки:



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед

-Ташаккур барои ин маслиҳат, лекин ман ин қадар нозукии ин масъалаи забони шуморо намедонистам. Мутаассифона, кормандони рӯзнома ҳам ба ин тарафи масъала аҳаммияти даркорӣ надодаанд, лекин ман минбаъд ислоҳ мекунам ва ҳоказо. Ана ҳамин. Дигар эрод набуд. Аҷабам аз ин буд, ки номаҳое, ки ман мегирифтам, аз ҳама республикаҳо, аз ҷумҳуриҳои гуногун меомаданд. Фақат аз Тоҷикистон наомад.

Лекин Тоҷикистон ба он муборизаи бузург, муборизаи роҳи забони миллӣ далерона дохил шуд. Пештар аз дигар баъзе ҷумҳуриҳо, баъдтар аз ҷумҳурии Эстония, вале хеле пештар аз ҳама ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ Тоҷикистон ба по хест ва барои забони тоҷикӣ-форсии худ муборизаро сар кард.

Ин мубориза ин тавр шурӯъ шуд, ки моҳи ноябри соли 1988 Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакӣ як конференсияи калон дар бораи вазъи забони имрӯз барпо кард. Дар ин конфронс муаллимони пешқадами ҳама ноҳияҳои Тоҷикистонро даъват карда буданд. Муаллимҳо ҳар кас, ки даъватномаро гирифтанд, зуд бо шавқу завқи тамом омаданд, ҷамъ шуданд. Дар толори Академияи илмҳои Тоҷикистон маҷлис барпо карданд. Муаллифи маърӯзаи якуми ин



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

конференсия раҳматӣ Шарофиддин Рустамов буд. Шарофиддин Рустамов ду-се рӯз пеш аз конфронс маърӯзаашро тамом карда, ба баъзе касон нишон дод, ки хонанду бинанд ва фикрашонро гӯянд. Аз ҷумла гуфта будааст, ки ба забони тоҷикӣ мақоми давлатӣ дода шавад.

Раиси Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакӣ Абдуқодир Маниёзов аз Шарофиддин Рустамов илтимос кардааст, ки матни суханронияшро биёрад, бибинанд ва барои маърӯза тасдиқ кунанд. Рустамов маърӯзаашро барои тасдиқ кунондан овардааст. Абдуқодир Маниёзов чун бо матни суханронӣ шинос мешавад, мебинад, ки он ҷо пешниҳоде ҳаст, ки ба забони тоҷикӣ мақоми давлатӣ дода шавад. Ба Рустамов мегӯяд:

-Агар ин пешниҳодро аз матни суханронӣ набарорӣ, аз партбилет маҳрум мешавӣ. Як замон дидам, ки Рустамов хеле димоғсӯхта меояд, мондааст, ки гиря кунад. Гуфтам:

- Чӣ шуд?

-Шумо ҳам бибинед ва фикратонро гӯед, ки ман матни маърӯзаамро ислоҳ кунам. Банда гирифтам, хондам ва пешниҳодашро, ки забони тоҷикӣ забони давлатӣ шавад маъқул донистам. Аммо Рустамов ҳайрон буд, ки чӣ кор кунад? Дар ҳамин ҳол



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

конфронс сар шуд. Рустамов маърӯза кард, лекин андак тарсида-тарсида гап мезад. Хусусан дар ҷои пешниҳоди забони давлатӣ шудани забони тоҷикӣ, чӣ кор кард ё ин ҷумларо партофт, нахонд, ё нимғурма, номафҳум, нофаҳмо чӣ гуна хонд, ки номаълум гузашта рафт.

Аз ин рӯ дар маърӯзаи асосии конференсия ҳамон даъват, пешниҳоди забони давлатӣ шудани забони тоҷикӣ садо надод. Пас аз ин музокира шурӯъ шуд. Дар музокира банда бо қатъияти тамом масъала гузоштам, ки конфронси мо бояд ба Ҳукумати Тоҷикистон пешниҳод кунад, то вазъи забонро омӯзад. Банда ин пешниҳодро пеш овардам. Хуш пешвоз гирифтанд. Хеле чапак заданд, дасту по кӯфтанд.

Баъд аз танаффуси нимрӯзӣ, ки конфронсамон давом меёфт, Гулрухсор расида омад. Ба ӯ ҳам сухан доданд. Ӯ ҳам фақат ҳаминро гуфт, ки:

- Бояд масъала ба миён гузошта шавад ва ҳамин конфронс ин масъаларо дар пеши Ҳукумат гузорад. Ин пешниҳоди Гулрухсор ҳам бо рӯҳбаландии тамом пешвоз гирифта шуд. Пас, дар охири маҷлис раиси маҷлис Абдуқодир Маниёзов ба банда таклиф кард, ки ҳамон пешниҳоди худро, ки гуфтам, барои дохил кардан ба қарори



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

конференсия, ки пагоҳ қабул хоҳад шуд, ба сифати як модда таҳрир карда биёрам. Банда бегоҳӣ ин корро анҷом додам. Рӯзи дигар пагоҳӣ омадем. Абдуқодир Маниёзов ин навиштаи бандаро хонд ва гуфт:

-Чун ин пешниҳод аз номи конференсияи Институт меравад, бинобар ин гуфтан лозим, ки ду забон забони давлатӣ шавад. Ба ин пешниҳод розӣ набудам, лекин ӯ гуфт, ки:

- Савоб ҳамин аст. Ҳамин тур бояд кард, вагарна ҳамаи мо сахт ҷазо мебинем.

Дар рӯзи дуюми конфронс ман хулосаи пешниҳоди худро, ки дирӯз ба шакли моддаи қарори конфронс пешниҳод карда будам, навишта овардам. Банда чун ба аҳли маҷлис ин моддаи қарори дузабониро арз кардам, ки забони тоҷикӣ ва русӣ забони давлатӣ эълон шавад, толор бисёр шӯриданд. Баъзеҳо аз ҷой хеста, норозигӣ карданд. Гуфтем, ки:

-Барои он ки пешниҳодамон қабул шавад, рад нашавад ва барои он ки Ҳукумат таклифи моро қабул кунаду чорае бинад, ночорем ду забонро номбар кунем. Қабул накарданд. Доду фарёд бардоштанд, қабул накарданд. Ҳатто банда гуфтам, ки:



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

-Агар забони русиро номбар накунем, ҳамаамон мумкин ҷазо бинем. Дар ин маврид ҳам ба гапи ман розӣ нашуданд, ки: як забон бояд забони давлатӣ шавад. Ҳама даступокӯбон:”Як забон бояд забони давлатӣ шавад”. Ман ба таври худ кӯшиш кардам, бифаҳмонам, ки гуфтугӯи мо бисёр кашол шуд. Аҳли зал торафт бештар шӯрид. Пас Абдуқодир Маниёзов маҷбур шуд, ин моддаро ба овоз гузорад. Дар инҳоят ин моддаи қарори конфронс бо вироиши банда, он гуна, ки Шарофиддин Рустамов оварда буд, чоп шуд ва моддаи қарор ба овоз гузошта шуда, сад дар сад овоз гирифт, гузашт. Вақте ки якзабонӣ қабул шуд ва натиҷаи овоздиҳиро эълон карданд, боз тамоми толори Академияи илмҳо шодмонӣ карданд. Қарори маҷлис рӯзи дигар дар рӯзномаи “Маориф ва илм” рӯи чоп баромад, ҳамон қарордоди конфронс, ки дар сари он ин қадар ҷанҷол шуд.

Он рӯзҳое, ки конфронс идома дошт, ду мақолаи банда дар Тоҷикистон чоп шуд. Яке тарҷумаи тоҷикии ҳамон мақолае, ки ба забони русӣ дар “Литературная газета” чоп шуда буд. Дигаре низ мақолае дар бораи забони имрӯзӣ, вазъи онрӯзаи забони тоҷикӣ. Албатта он гоҳ, ки барои забони давлатӣ ва қонуни забон мубориза мерафт, банда якчанд мақола навиштаам. Дар натиҷаи қарори конфронс баъд як гурӯҳи кор ташкил шуд,



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

ки дар ҷаласаҳои гурӯҳи кор се-чаҳор нафар юристҳо(ҳуқуқшиносҳо), ки қонуннависиро медонистанд, иштирок мекарданд. Ба асоси гурӯҳи корӣ ҷалб шудани Успенская хеле муҳим буд, ки ӯ ба зулоли забони тоҷикӣ хуб сарфаҳм мерафт. То охири коре, ки супурда мешавад ба мо, бояд софдилона иҷро кунем ва Қонуни забони давлатиро бинвисем.

Вақте ки ман дар Маскав дар Узкое будам дар Тоҷикистон Қонуни забон тасдиқу тасвиб шуд. Ҳамон рӯз иҷлосияи Шӯрои Олии Тоҷикистон мешавад ва баъзеҳо мегӯянд, ки матни Қонуни забонро мумкин аст, ки ҳоло қабул нашавад. Медонистам, ки дар Душанбе ҳам мубориза сахттар шуда истодааст. Бо ҳамин интизорӣ, рӯзи 22-юм ҳамеша дар пеши радио нишаста будам, лекин радио чизе намегуфт. Рӯзҳои гузашта дар ин масъала ҳар рӯз ду-се бор чизе мегуфт, аммо акнун хомӯш шуда буд. Рӯзи дароз хомӯш. Бегоҳ шуд, хомӯш аст. Хостам телефон кунам ба Душанбе ва фаҳмам, ки чӣ шуд? Телефон кардам, касеро пайдо карда натавонистам. Оқибат Шарофиддин Рустамовро пайдо кардам ва пурсидам, ки:

-Аҳвол чист? Шарофиддин Рустамов бисёр хурсанд буд. Ӯ бо хушҳолӣ гуфт:



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

-Вақте ки натиҷаи овоздиҳиро эълон карданд, дидем, ки қонун қабул шудааст, гузаштааст. Депутатҳо байни худ як-як оғӯш кушода, якдигарро табрик мекарданд. Аз чашмашон об мебаромад, ашки шодӣ. Бо таклифи Шарофиддин Рустамов қарор шудааст, ки 22 июли ҳар сол "Рӯзи забон" эълон шавад, Ҳама Рӯзи забонро бо хурсандии тамом гӯё ҷашн гирифтанд. Чун ин хабарҳоро аз ӯ шунидам, хушҳол шудам. Ин дастоварди бузурге буд дар таърихи Тоҷикистони соҳибистиқлол.

Аммо ин масъалаҳо барои мардуми мо нав буданд. Мардум аз моҳияти масъала чандон хабар надоштанд, лекин маълумот додан даркор буд ба мардум, фаҳмиши ин, ки як забон бояд забони давлатӣ шавад. Гоҳ-гоҳ ба Душанбе номаҳои зидди забон мефиристоданд. Мазмуни ҳамаи номаҳо як буд. Зидди забони миллӣ мегуфтанд, навишта мефиристоданд. Апрели соли 1989 чанд гоҳ дар Маскав будам ва мақолаҳои дар ин замина чопшударо дидам. Ду мақолаи таҳқиромез дар бораи илм ва адабиёт ҳам буд. Афсӯс хурдам, ки чаро ин гуна ҳарфҳо ҳаққи забони мо гуфта мешавад? Гуфтам дар як мақола, як мусоҳиба ба муовини директори ин Институт муроҷиат кунам, ки:



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

-Оҳой, эй афроде, ки муқобили забони давлатӣ шудани забони тоҷикӣ гап мезанед, исбот кунед ҳарфҳоятонро. Дар ин ҳангом Қонуни забони Горбачёв ҳам чоп шуд. Горбачёв ҳам гуфта буд, ки бигзор забони русӣ забони давлатӣ эълон шавад. Ин Қонуни нави забон, дӯстдорони забони миллии ҷумҳуриҳоро, онҳоеро, ки мехостанд забони миллияшон забони давлатӣ гардад, бисёр ба ташвиш овард. Бисёр ба ҳайрат овард.

Ин Қонуни забон бист сол хидмат кард. Хидмати вай пеш аз ҳама иборат аз он буд, ки пояҳои ҳуқуқии забони тоҷикӣ дар ин муддат дар Тоҷикистон дар тамоми идораҳо, муассисаҳои давлатӣ ва ғайридавлатӣ ба сифати забони расми ҷорӣ шуд. Мо ба забони тоҷикӣ дафтардорӣ ёд нагирифта будем, чанд вақт боз фаромӯш карда будем, нав ёд гирифтан лозим омад.

Дар баъзе ҷойҳо курсҳои таълимӣ ташкил карданд. Кумитаи истилоҳот, ки соли 1990 таъсис шуд, аввалин вазифаи худ ҳаминро донист, ки истилоҳоти ихтисосии ҳамаи идораҳо, ҳамаи вазоратҳо, ҳамаи муассисаҳоро тайёр кунад. Бо қарори Ҳукумат ҳама муассисаҳо, ҳама вазоратҳо, ҳама идораҳо ба Кумитаи истилоҳот муроҷиат карданд. Кумитаи истилоҳот чанд соли аввал ба ҳамин кор машғул шуд. Ин гуна истилоҳоти



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

ихтисосӣ ҳатто чоп ва ба ҳама ҷойҳои дахлдор тақсим шуданд. Ҳамон вазоратҳо худашон чоп карданд, лекин як қисмаш чоп нашудааст. Чоп мешуд, беҳтар буд ва ҳоказо.

Забони тоҷикӣ ҳамчун забони давлатӣ камкам дар ҳаёти иҷтимоӣ як ҷойгоҳи муайян ишғол намуд. Пеш аз соли 1989 дар ҷомеа, дар ҳаёти иҷтимоӣ забони тоҷикӣ вуҷуд надошт. Ба кадом идорае, ки дароед, коргузорияш фақат ба забони русӣ буд, ҳатто ба кадом магазин (мағоза) ҳам дароед, ба забони русӣ сухан кардан лозим меомад. Пас аз чанд соли комёбиҳо, ки барои забони тоҷикӣ бисёр муваффақияти калон буд, лозим омад, ки ин Қонуни забонро таҳрир кунем, вироиш намоем. Ҳукумат боз Комиссияи Қонуни забон ташкил карду боз гурӯҳи кор ташкил намуд, то ин ки Қонуни забонро аз сари нав вироиш кунанд ё ин, ки як лоиҳаи нав ба вуҷуд биёранд. Яке аз аъзои ин гурӯҳи кор банда будам.

Афсӯс, афсӯс, ки аз он касоне, ки соли 1989 аъзои гурӯҳи кор буданду матни Қонуни забонро ба вуҷуд оварданд, таҳрир карданд, такмил карданд ва ҳоказо ва дар ин кор хеле таҷриба пайдо намуданд. Афсӯс, ки он рафиқони мо дигар натавонистанд дар ин дувумин гурӯҳи кор ширкат кунанд. Онҳо дигар дар қайди ҳаёт нестанд. Ин гурӯҳ боз аввал қонуни



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

худамонро, ки соли 1989 қабул шуда буд, гирифта хуб омӯхт. Принсипҳои асосии онро барои худ муайян кард. Соли 1989 мо ҳама лоиҳаҳои Қонуни забон, ки дар кишварҳои ҳамсоя буд, онҳоро гирифта дида будем.

Соли 2009 низ ҳамин корро анҷом додем. Қонунҳои нави онҳоро дидем, ки дӯстони мо чӣ гуна кор кардаанд? Дар таҳрири дуюму сеюм чӣ кардаанд? Аз чӣ иборат аст? Чӣ кор кардаанд? Чӣ чизҳо илова кардан лозим шудааст? Ҳатто як имкон пайдо шуда буд, ки баъзе чизҳо дар Полша ҳаст, дар Чехия ҳаст, бояд хабардор шавем, андак варақ занем ва ҳоказо. Ҳамин хел таҷрибаи баъзе кишварҳои дигарро ҳам ба назар гирифта кор кардем. Як матни асосии мо бояд ин бошад, ки дар дуюмин Қонуни забон, забони тоҷикӣ ва он дузабонӣ, ки дар якумин Қонуни забон, ки соли 1989 қабул гашта буд, такрор нашавад. Дар соли 1989 шароит, вазъият чунон буд, ки мо зарур донистем, ки расман фақат забони тоҷикӣ забони давлатӣ шавад ва ҳамроҳаш забони русӣ низ дар давлатдорӣ бошад. Барои он ки охири умри Имперотурии Шӯравӣ буд ва барои мо амал кардан ва ҳарф задан ба забони русӣ лозим буд. Баъд дар он вақт ҳоло забони тоҷикӣ чандон таҷрибаи иҷтимоӣ, фаъолияти иҷтимоӣ дар ҷомеа надошт. Нав, акнун забони давлатӣ шуда истода буд.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Бинобар ин лозим буд, ки дар паҳлуяш забони русӣ бошад ва ҳоказо. Инро мутахассисҳои мо ҳоло муайян хоҳанд кард. Моҳиятан якумин қонуни забони мо дузабониро раво дид. Зоҳиран гуфта нашудааст, лекин моҳиятан дузабонӣ буд. Аммо дар соли 2009, дар дувумин Қонуни забон бояд коре мекардем, ки акнун танҳо забони тоҷикӣ ҳукмронӣ кунад, ҳокимияти мутлақ дошта бошад, амали мукаммал бошад ва фақат ҳамин гуна амал, амали мукаммал, арзишманд метавонад тараққии забонро кафолат бидиҳад. Ҳама рафиқони мо, ки дар гурӯҳи кор буданд, ин аслро қабул карданд. Ман дидам, ки ҳама ҳамин аслро мехоҳанд. Дар ин бист соли амали якумин Қонуни забон маълум шуд, ки имрӯз бояд чӣ кор кунем ва ин аслро ҳама қабул карданд. Кӯшиш кардем, ки то ҳадди имкон ин қоидаро сахт риоят кунем. Вақте ки корамон ба охир расид, матни пешнависи Қонуни забонро ба вазоратҳо фиристоданд, розигии онҳоро гирифтанд ва ба Ҳукумат доданд. Аввал матн ба шуъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Раиси Ҷумҳур омад. Он ҷо кормандон онро бисёр таҳрир карданд, беибо қалам задан гирифтанд. Баъд бароварданд ба муҳокимаи аъзои Дастгоҳи Раиси Ҷумҳур, бо раисии вазирону калоншавандагони дастгоҳ.

Дидам, ки аз он асл дузабониро дар ҷомеа нигоҳ доштан мехоҳанд. Ҳама моддаҳо якпаҳлу, як



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

қисми ҳуқуқҳои забони тоҷикиро иҷро намояд, яъне, забони давлатиро аз як қисми ҳуқуқҳои худаш маҳрум карданд. Баъд ин матн рафт ба Маҷлиси Намояндагон. Матни Қонуни забонро ва қонунҳое, ки матни Қонуни забонро ташкил мекарданд, куллан тағйир доданд. Дар охирин лаҳзаҳо як модда дохил карданд ба Қонуни забон, ки ба пои ҳуқуқии меъёрии забони тоҷикӣ латма мезанад. Ба ду забон содир мешавад ин забон. Дар дигар қонунҳо будааст, дар амал буд, амалӣ мешуд ин модда, лекин дар Қонуни забон набуд. Ин модда хилофи Қонуни забон аст. Чун ба Қонуни забон ҳам дохил карданд ин моддаро, ин шуд, ки тамоми Қонуни забонро ба он мувофиқ кунанд, тамоман асли қонунро дигар кард, вайрон кард. Тамоми қонунро дигар кардан лозим буд. Моддаҳои дигар ҳам ҳаст, ки ба асли қонун халал ворид намуд. Дар Қонуни забон ду ғалат ҳаст. Бо ҳамин ғалатҳо ба тасвиб расид. Ҳам дар Шӯрои Олӣ имзо шуд, ҳам аз тарафи Раиси Ҷумҳур. Ман матни қонуни якуми забонро гирифтам, варақ задам, хуб аз назар гузаронидам, ки соли 1989 ҳам ғалате гузашта буд дар матни қонуни забон ё не? Дидам, ки ғалате нест. Лоақал метавон гуфт, ки ғалати зоҳирӣ нест, дар матни Қонуни забоне, ки соли 1989 қабул карда будем. Аммо дар матне, ки соли 2009 қабул кардем, ду то ғалат ҳаст. Ба ҳамин хулоса омадам, ки вазъи забони мо дар тӯли муддати аз якум Қонуни забон



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

то дувум Қонуни забон вазъи забони мо бадтар шудааст. Дар бораи забони тоҷикӣ-форсӣ, ки дар ҳама моддаҳои қонун дарҷ гаштааст, бо амал кардан дубора ҷон гирифтанаш даркор, ки худаш амал намояду дар ҳама гӯшаву канори ҷомеа амал кунад, алоҳида бояд сухан ронд. Ин мавзӯи алоҳида аст. Забони моро фардову пасфардо чӣ тур метавонанд аз вартаи нестӣ наҷот диҳанд? Роҳашро алъон  муайян кардан даркор. Роҳи дурусташро бояд пайдо кард, то нақши мусбат гузорад дар ҷараёни таҷдиди забони тоҷикӣ. Мақола навиштан лозим аст, савод лозим аст.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

# Ҳикоятҳое аз даврони донишҷӯӣ

1-Охирҳои соли 1944 ва аввалҳои соли 1945 банда дар охирин курси Институти педагогии Душанбе, ҳозира Донишгоҳи омӯзгории шаҳри Душанбе таҳсил мекардам. Ин муддат мо дигар дарс надоштем, дарсҳо тамом шуда буд. Акнун ба мо озодӣ доданд, ки мустақилона барои имтиҳонҳои давлатӣ тайёрӣ бинем. Фақат чанд “лексияи обзорӣ” ном дарсе ба мо мегузаштанд. Яке аз ин дарсҳо, дарси устоди арҷманди ман Носирҷон Маъсумӣ дар мавзӯи “Феъл” буд. Домулло Маъсумӣ ба мо дар мавзӯи “Феъл” як асари муҳимми илмии таҳқиқӣ, ки он вақтҳо камназир буд, пешкаш намуд. Мо бо ҳайрату



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

тааҷҷуб, аммо бо хурсандӣ ин дарсро гӯш мекардем. Рӯйбардор мекардем, навишта мегирифтем.

“Феъл”-ро солҳои баъд ҳам, барои донишҷӯёни соли чоруми факултети забон ва адабиёт ба сифати лексияи обзорӣ хонданд. Ин хонданҳо гӯё як навъ санҷиш буд ва ҳар дафъа ба ин муносибат устод таҳқиқоти худро месанҷиданд, меозмуданд ва такмил мекарданд. Дар он солҳо, ки худи домулло Маъсумӣ директори Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакӣ таъйин шуда буданд, ин институт якумин грамматикаи илмии забони тоҷикиро омода кард ва чоп намуд. Дар ҳамин грамматика ин “Феъл”-и Носирҷон Маъсумӣ ҳам буд. Намедонам кадом сол буд соли чопи он грамматика? Ҳаминро медонам, ки ин асар, ин “Феъл” ном китоби домулло Маъсумӣ чандин сол пеш аз чопаш, кор мехурд, заҳмати илмии чандин сол аст, ки аввали он ҳамон соли 1945, соли донишҷӯии банда буд.

2-Солҳои донишҷӯӣ дар идораи рӯзномаи “Тоҷикистони советӣ” кор мекардам. “Корректор” будам, аввал “подчитчик” (ғалатгир, мусаҳҳеҳ) будам, ҳатто мухбирӣ ҳам кардам. Лекин соли 1944, вақте ки мо ба курси чорум гузаштем, азбаски бисёр давраи пурмасъулияти асил ва донишҷӯӣ



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

оғоз ёфт, давраи тайёрӣ ба имтиҳонҳои давлатӣ, бояд аз таҳи дил сахт мехондам. Аз кори шабонаи рӯзнома баромадам, то бисёртар ба тайёрии имтиҳон машғул шавам. Аз кори рӯзнома ҷавоб гирифта будам, ки маро домулло Шарифҷон Ҳусейнзода, ки муаллими таърих, забон ва адабиёти мо буданд, ба филиали Академияи илмҳои СССР, ба кори лаборантӣ даъват карданд. Қабул кардам, омадам. Ин институт яке аз муҳимтарин институтҳои филиали Академияи илмҳои СССР дар Душанбе буд ва баъд соли 1951 ҳамин институт ба ду тақсим шуду Институти таърих ва институти забону адабиётро ба вуҷуд овард. Ман ба Институти забону адабиёт омадам, то материали фонди фолклори институтро рӯйбардор кунам. Бо сиёҳӣ навиштан лозим будааст. Маводеро, ки домулло бароям дода буданд, рӯйбардор кардам бо сиёҳӣ ва ҳоказо, баъзе корҳои дигар. Дар байни муаллимҳоям ба кор афтода будам. Муаллимҳои худам дар он ҷо кор мекарданд. Ба ман дарс надода бошанд ҳам, медонистам, ки муаллимони худи мо ҳастанд, дар дигар гурӯҳҳо, дар дигар факултетҳо дарс медиҳанд. Шарифҷон Ҳусейнзода, ки директори ҳамин институт буданд, Ниёзмуҳаммадов, Неменова ин ҷо кор мекарданд.

Рӯзе котиби директор ба ман гуфт:



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

-Туро директор фарёд дорад. Ман ба кабинети домулло Ҳусейнзода рафта, дарро кушодам, ки Ҳусейнзода дар чояшон нишастаанд, аммо дар рӯ ба рӯи эшон шахсе рақскунон "Соқӣ, соқиҷон, пиёла пурмай кун"-гуфта суруд мехонд. Дарро пӯшидам. Мо донишҷӯйҳо домулло Ҳусейнзода, Маъсумӣ ва ҳамаи дигари инҳоро одамони бисёр ҷиддӣ медонистем ва дар гӯшаи хаёл ҳам намеовардем, ки онҳо ҳам мерақсида бошанду суруд мехонда бошанд, хандаву ҳазлу шухӣ бикунанд. Ҳусейнзода бо табассум нигоҳ карда шишта буданд. Мо аз солҳои донишҷӯӣ ҳеҷ надида будем, ки ба лаби домулло Ҳусейнзода табассум давида бошад. Солҳои сахт, солҳои азоб буд он солҳо албатта. Мо ҳама метарсидем аз эшон. Ҳайрон шудам. Чун ман дарро пӯшидам, домулло Ҳусейнзода гуфтанд, ки:

-Не-не биё, даро, дарро напӯш! Ман дарро кушодам, даромадам дар пеши дар истодам. Он шахс ҳанӯз мерақсиданд, ҳанӯз суруд мехонданд, бисёр шод буданд. Намедонистам, ки чапак занам ё биншинам. Ин дам гуфтанд, ки:

-Биё, ту ҳам рақс кун.

Баъд, вақте ки тамом шуд рақсидани эшон, ҳазлу шӯхиҳои аҷиб, намакин бисёр гуфтанду



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

дидам. Аммо аввали диданам чунон таъсир кард, ки хостам дар ин ҷо зикраш кунам.

3-Ҳамон рӯзҳо, ки ман дар Институти забон ва адабиёт кор мекардам, Кумитаи Марказии ҳизби Комунисти Тоҷикистон маводеро ба Институти таърих, забон ва адабиёт супурдааст, то ин, ки муҳокима кунанд. Рӯзе аз домулло Ҳусейнзода пурсидам, ки:

-Домулло Бобоҷон Ғафуров китоби "Таърихи халқи тоҷик"-ро овардаанд, мегӯянд, ҳамин тур аст?

-Навиштааст, овардааст, лекин ин ҷо ба. Ба болои шкафе, ки дар кунҷи хона истода буд ишора кард устод. -Дар болои шкаф истодааст. Мо мутахассисонеро, ки ин асарро муҳокима кунанд ва мо қарор бурорему ҳал кунем, надорем. Мутахассисон ҳама дар ҷанг. Мо имкон надорем, ки инро муҳокима кунем.

Ҳамон соли 1945 баъзе мутахасисҳои мо, ки ба ҷанг рафта буданд, гашта омаданд. Абдулғанӣ Мирзоев-устоди банда, ки аз соли 1941 ба Эрон бо роҳи хизмати ҳарбӣ ба кор фиристода шуда буданд, ҳам гашта омаданд.

Пурсиданд, ки:



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

-Чаро китоби ”Таърихи халқи тоҷик”-ро Институти забон, адабиёт ва таърих нигоҳ дошта муҳокима накардааст? Мудири институтро дидааст ва дастнависро талаб карда гирифтааст. Он гоҳ маълум шуд, ки ин дастнависро Абдулғанӣ Мирзоев таҳрир мекунанд. Чоп шуд. Ҳамон сол китоби Абдулғанӣ Мирзоев “Сайидо ва мақоми ӯ дар адабиёти тоҷик” низ чоп шуд. Забону услуби илмии китоби Бобоҷон Ғафуров “Таърихи халқи тоҷик” ва китоби Абдулғанӣ Мирзоев “Сайидо ва мақоми ӯ дар адабиёти тоҷик” ҳар ду як аст, ба якдигар бисёр наздик аст, бисёр монанд аст. Маълум буд, ки ин ҳарду китоб аз як даст гузаштааст.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

# Ҳикояти рисолаи номзадии ман

Соли 1948 ба аспирантура дохил шудам, дар ҳамин Донишгоҳи омӯзгории ба номи Айнӣ. Роҳбари ман дар аспирантура Мирзозода нав омада буданд ба институт, лекин ҳама кормандони кафедра эшонро мешинохтанд. Домулло Мирзозода барои рисолаи номзадӣ ба камина эҷодиёти Саййидаҳмадхоҷаи Сиддиқии Аҷзиро (1888-1927) доданд. Аҷзӣ яке аз маорифпарварон ҳисоб мешуд ва хеле шуҳрат дошт.

Корро сар кардам. Рафтан ба пеши бузургон ва устодон лозим омад. Аввал устод Айниро дидам. Якумин бор буд, ки банда ҳавлии устод Айнӣ,



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

хонаи эшон ва ҷойи корашро медидам. Бароям чой мерехт. Пурсидам, ки:

-Оё мумкин аст ҳамин рисола қабул шавад? Чи касонро бинам, бо киҳо суҳбат кунам? Чанд нафарро номбар карданд, ки шояд баъзе чизҳо дар ёд дошта бошанд, аз ҷумла Раҳим Ҳошимро тавсия карданд, ки ман бо ӯ суҳбат кунам. Рафиқамон ба хонаи ҳар кас муоширату рафтуомад намекард, чунки зиндонӣ шуда будааст. Шояд бо мо гап назаданҳояш ба таъқиби ӯ, ба чанд воқеаи пурҷӯшу хурӯши он солҳо вобаста аст. Аммо беҳбуд ҳам пайдо мешуд. Аз ин музей берун набаромадам, ҳар чӣ буд дар кулвори зеҳнаш, кашида гирифтам. Аммо аз онҳое, ки бо ӯ шиносоӣ доштаанд, гап рӯёндан мумкин нашуд. Бо вуҷуди ин ман маводи хуби зиёде ба даст овардам ва хурсанд шудам.

Ба Тошканд, китобхонаи Институти шарқшиносии Академияи илмҳои Узбекистон рафтам, ки маводи таърихии ду даҳаи аввали қарни бист, се даҳаи аввали қарни бист, сеяки даҳаи қарни бистро бисёр дорад ва бо профессор Александр Александрович Семёнов суҳбат кардам. Дар он ҷо аввалин бор акси падарамро дидам. Акси падарам будааст, ки ба шиша часпонида шудааст. Бар рӯйи ду шиша гузошта шудааст, бинобар ин рангаш



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

напаридааст, рангаш бисёр нағз монда буд. Семёнов ин аксро ба ман доду гуфт, ки:

-Нусха бардор аз ину худашро биёр. Ин якумин акси ҳазрати қиблагоҳ аст, ки ман ба даст овардаам. То он вақт акси ҳазрати қиблагоҳ дар дасти ман набуд, ягон аксашон намондаст. Чанд бор мехостам, ки дошта бошам акси ҳазрати қиблагоҳро. Аксро аз Семёнов гирифтам. Бисёр хурсанд шудам.

Баъд аз ин аз архивҳои Тошканд чизҳои даркорӣ бисёр баромад. Ҳар чӣ баромад, гирифтам. Архиви он ҷо ҳам чунон будааст, ки як моҳ ин ҷо нишастан кам аст. Моҳҳо бояд сар берун накард. Тоҷикон дар Тошканд зиёд буданд. Ман инро медонистам, лекин ҳеҷ кадоми онҳо бо ман шахсан шинос набуданд. Ман ғоибона баъзеи онҳоро шиносам ҳам, онҳо маро намешиносанд, бинобар ин ба ҳеҷ кадоми онҳо муроҷиат накардам. Ба ҷуз як нафар, ки донишҷӯйи факултаи форсии Донишгоҳи Осиёи Миёна буд, Эргаш Рустамов ном ҷавони узбек буд. Ягона касе, ягона шиносе, ки он ҷо доштам, ҳамин Эргаш Рустамов буд. Кофта ӯро ёфтам ва бо ҳам суҳбатҳо мекардем. Рӯзона, ки ман корҳои архиву китобхонаву инҳоро анҷом медодам, хеле зиқ мешудам. Тобистони гарм буд, хаста мешудам. Баъд бегоҳӣ бо Эргаш Рустамов андак



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

гардиш мекардем. Ҳавои тоза мебаромадем. Кино мерафтем. Андак дам мегирифтем. Рӯзе дар шаҳр гашт мекардем, ки иттифоқе рух дод ва зиқамон кард. (Ин иттифоқро дар "Қиссаи дӯстии ману Рустамов" метавонед мутолиа намоед). Банда ба ӯ гуфтам, ки:

-Фардо хоҳам рафт, корҳоям нимкола мондааст. Архив ҳоло хеле чизҳо дорад, ки бояд бихонам, лекин ман фардо пагоҳӣ меравам. Барои поезд билет мегирам. Пагоҳ ё паспагоҳ бояд, ки аз ин ҷо равам.

Ман ҳамту кардам. Пагоҳӣ билет гирифтам ва баъд аз пешин ба роҳ баромадам ва дигар то панҷ сол Тошканд нарафтам. Рафтан лозим шуд, нарафтам. Ҳатто лозим шуд, ки ба китобхонаи падарам дароям ва аз он баъзе чизҳоро пайдо кунам. Хонаи падарамро бинам. Бо вуҷуди ин нарафтам. Баъди панҷ сол аз рӯйи як зарурат маҷбур шудаму рафтам, лекин дар кӯчаҳош нагаштам. Аз ҳамон маҷлисгоҳамон берун набаромадам. Ҳамроҳони узбекамон хонаашон бурданд, зиёфат карданд. Зиёфати бисёр як маҳдуд ҳам карданд, ки дар он ҷо чизе нагуфтам. Аз он воқеаҳо ҳеҷ ба ёд наовардам, ҳикоя накардам.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Дар Институти шарқшиносияшон байни олимон, кормандони илмӣ қиссаи командировкаи аспирантиямро нақл кардам.

Соли 1950 ба Маскав командировка гирифтам. Бештар дар китобхонаи Ленин нишастам, то адабиёти маорифпарварии асри 19 ва ибтидои асри 20, маҷаллаи “Мулло Насриддин”-ро пурра биёмӯзам ва ҳоказо. Дар зарфи як моҳ ин корро кардам.

Соли 1951 асосан ба навиштани рисолаи якумам машғул будам ва онро, ки дар бораи Аҷзӣ буд, ба охир расонидам. Аз муҳокима гузаронидем.

Домулло Мирзозода-роҳбарам автореферати диссертатсияро низ талаб карда гуфт:

-Туро лозим буд, исбот кунӣ, ки Аҷзӣ аз ҷадидон набуд, барои аз ҷадидон ҷудо карданаш бояд коре мекардӣ.

Дар се соле, ки ман кор мекардам барои рисолаам, китоби академик Бобоҷон Ғафуров “История таджикского народа в кратком изложении” дар Маскав чоп шуда буд. Охири ин китоб як андаке дар бораи адабиёти асри 19 ва даҳаи асри бист, ду даҳаи аввали асри бист, пеш аз инқилоб матлаб дошт. Дигар банда далер шуда, китоби Бобоҷонро гирифтаму диссертатсия



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

навиштам. Ҳамон рӯз банда рисолаамро оварда ба Мирзоев супурдам ва китоби худ навиштаашро ба ёди домулло Мирзоев овардам. Лекин маълум буд, ки бо ӯ суҳбат кардаанд ва фикрашро гардондаанд. Ҳайрон будам, ки чаро ин тавр шудааст?

Директори Институти забон ва адабиёти Рӯдакӣ Муллоҷон Фозилов маро ба кабинеташ даъват карду гуфт, ки:

-Фардо ё пасфардо ин ҷо маҷлисе мешавад дар бораи адабиёт ва дар бораи Аҷзӣ. Ту бояд бо сабру тоқат гӯш кунӣ гапҳоеро, ки он ҷо гуфта хоҳад шуд. Худат суханронӣ накунӣ, чизе нагӯйӣ, ҳар чӣ гӯянд, қабул бикунӣ, вагарна азоб хоҳӣ кашид. Суханронии домулло Абдулғанӣ Мирзоев ва Бобоҷон Ғафуровро расман эълон хоҳанд кард.

-Пас, чаро банда бояд чизе нагӯям?-пурсидам аз худ. Қабул мекунанд, намекунанд, ман бояд фикри худамро баён кунам-ба ин қарор омадам ва зуд як матни суханронӣ навиштам, ки хеле муфассал ва хеле ботафсил буд. Суханронии худро ба тоҷикӣ навиштам. Ба маҷлис омадем, маҷлис 29 декабри соли 1959 аз соати шаши бегоҳии баъд аз кор сар шуд ва соати сеи саҳар ба поён расид. Раиси маҷлис котиби сеюми Кумитаи Марказии Ҳизби Комунисти Тоҷикистон Алиқул Имомов буд, ки котиби идеология ҳисоб мешуд. Ӯ аз аввал сухан



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

аз ин сар кард, ки Аҷзӣ ҷадид, миллатчии буржуазӣ буд, аммо то ин вақт дар адабиёти илмии мо ба ӯ баҳои мусбат медоданд. Ӯро чун нависандаи пешқадам муаррифӣ мекарданд. Имшаб мо бо муҳокима бояд муайян кунем, ки моҳияти эҷодиёти Аҷзӣ чӣ арзише дошту дорад.

Даррав мардуме пайдо шуданд, ки суханронияшон тайёр, навишта, мошинкакарда, омода карда омадаанд. Одамони бисёре суханронӣ карданд, аз адабиётшиносон, нависандагон, аз муаллимони мактабҳои олӣ бисёр касон суханронӣ карданд ва ҳама Аҷзиро ҷадид ва иртиҷоӣ мегуфтанд. Шоири иртиҷоӣ мегуфтанд, аммо се нафар дар бораи Аҷзӣ сухани хуш гуфтанд. Яке профессор Холиқ Мирзозода, дигаре академик Алоуддин Баҳоуддинов гапи манро, сухани манро, ки хеле муфассал буд, батоқат гӯш карданд. Қарор бар ин шуд, ки Аҷзӣ шоири иртиҷоӣ дониста шавад ва чоп шудани осоре, ки дар бораи Аҷзӣ се-чор сол боз ман заҳмат кашида будам, манъ шавад. Ҷои тааҷҷуб аст, онҳое, ки як зарра заҳмат накашидаанд, меҳнат накардаанд, таҳқиқи илмӣ накардаанд, вале имрӯз гап заданд, гапашон гузашт.

...Ҳар ду нишастем дар хона, як чой мондем. Аҷоиботро бинед, ки моҳи декабри соли 1952



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

писарам таваллуд шуда буд, писари дуюмам Анвар. Ҳанӯз дар таваллудхона буд. Шод будам, ки Худо боз писар дод. Худоро шукр мегуфтам, агарчи рисолаи номзадиро аз дасти ман рабуданд, аммо Худованд ӯро умр диҳад, аз давлат бархурдор дорад. Худованд аз ин камина як чизро бигирад, ба ҷояш як чизи дигар медиҳад, ки албатта ҷои шукр аст.

Моҷарое, ки домулло Мирзоев бар сари масъалаи Аҷзӣ бардоштанд, мақсади ҳалли як масъалаи муҳимми илмиро надошт, балки бештар ғаразҳои шахсиро доро буданд. Он маҷлисе, ки барпо гардид, шурӯъ шуда буд, мақсадаш ғайр аз саркӯб кардани якдигар ягон ҳадафи дигар надошт. Банда борҳо таъкид кардаам, ки дар солҳои 1950 се нафар адабиётшинос доштем, ки яке аз онҳо домулло Абдулғанӣ Мирзоев буд. Ҳар се ҳанӯз ҷавон, вале душмани якдигар ҳисоб мешуданд, аз якдигар айб меҷустанд. Муборизаи байни ин се нафар рӯз ба рӯз шадидтар мешуд. Баҳси Аҷзӣ барои домулло Абдулғанӣ Мирзоев дастак шуд, барои саркӯб кардани Мирзозода, ки раҳбари банда буданд. Як шоири иртиҷоӣ, ки албатта дар ин моҷаро ӯро қасдан манфӣ муаррифӣ карданд, баҳонаи хубе буд барои сиёҳ кардани рақиб ва он кас бо кумаки Бобоҷон Ғафуров ва Кумитаи Марказӣ ин баҳсро хеле моҳирона ба майдон



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

кашиданд ва ғолиб омаданд. Вале сабаб чӣ буд, ки Ғафуров, ки дар аввал Асирию Аҷзию Айнию инҳоро шоирони пешқадам, шоирони пешбари тоҷик дар ду даҳаи аввали садаи бист ҳисоб мекард, омада-омада ба гапи Абдулғанӣ Мирзоев даромаду Аҷзиро иртиҷоӣ эълон намуд? Ба фикри ман сабабаш ин буд, ки модоме ки як адабиётшиноси шинохта бисёр пофишорӣ бар ин кард, ки Аҷзӣ иртиҷоист, мумкин набуд Ғафуров сухани Абдулғанӣ Мирзоевро қабул накунад. Агар қабул намекард ё андак қабули онро кашол медод, хавфе буд, ки хабари ин моҷаро ба Маскав равад ва онҳо бигӯянд, ки Ғафуров паноҳи шоирони иртиҷоӣ шудааст, шоирони иртиҷоиро ҳимоя мекунад, ҳарфи адабиётшиносони имрӯзаи шӯравиро қабул надорад. Худо накарда чунин хабаре ба Маскав мерафт, умуман аз майдони илму сиёсат ӯро берун мекарданд. Ӯро бисёр азоб медоданд. Ғафуров ночор буд назарияи Абдулғанӣ Мирзоевро ин, ки ҳама фаҳманд, то Аҷзӣ иртиҷоист, қабул кунад, барои он, ки ҳабс нашавад, душмани халқ эълон нашавад ва кушта нашавад. Он замонҳо чунин иттифоқҳо зиёд буданд. Аксари рӯшанфикронро бо ҷурмҳои гуногун ҳабс мекарданд. Масалан, мо он вақтҳо Раҳимбоевро душмани халқ ҳисоб мекардем.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Пас аз маҷлиси 29-12-1952 баъзеҳо бандаро таблиғгари иртиҷоиён медонистанд. Брагинский ба ман тасалло дода гуфтанд:

-Ғами бекор шудани рисолаатро нахур. Хоҳиш карданд, ки ман зуд мавзӯи дигаре бигирам ва рисолаи дигаре бинависам ва ба ҳимоя гузорам. Гуфтанд:

-Як бор рисолаи номзадӣ навиштаӣ, дуюм рисолаи номзадиро навиштан осонтар мешавад. Зуд менависӣ, зуд ҳимоя мекунӣ.

Домулло Брагинский Иосиф Самойлович бисёр пофишорӣ карданд, ки зуд мавзӯи нав бигирам ва барои як сол ба Маскав биёям. Дар Маскав рисола бинависам ва ҳамон ҷо дифоъ кунам. Таъкид мекарданд ва мегуфтанд:

-Ин корро ҳатман анҷом бидеҳ. Ин кори туро ман худам кумак мекунам, ки хуб анҷом шавад. Агар Маскав биёӣ, он ҷо фақат ба навиштани рисола машғул мешавӣ, бо навиштани рисола корат зудтар анҷом меёбад.

Ин маслиҳатро қабул кардам ва бо маслиҳати домулло Брагинский аз эҷодиёти устод Айнӣ навиштани рисолаамро шурӯъ кардам. Он солҳо ду ҷилди "Ёддоштҳо"-и Айнӣ, ҷилди якум ва дуюм аз чоп баромада буд. Ҳарчи ҷилди сеюм ҳам пайдо



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

шуд, лекин худи ду ҷилди аввал, ҷилди якум ва дуюм алоҳида. Бо маслиҳати Брагинский ба сафари Маскав омодагӣ гирифтам.

Охири баҳор, аввали тобистон ба Маскав рафтам. Августи соли 1954 кор мекардам. Кор кардан лозим буд. Ба зудии зуд ин диссертарсия дар мошинка мошиннавис шуд дар Маскав дар идораи рӯзномаи “Известия”. Азбаски онҳо кори дигар ҳам надоранд, ин мошиннависро маъқул дониста буданд, ки ҳимоя кунам. Рисола мошиннавис шуд. Рафиқон хонданд, гузашт ва банда бекор нанишастам. Дар ин муддат тарҷумаи Рудинро шурӯъ кардам, лекин дар байн баъзе корҳои дигар баромад. Масалан автореферати дисертатсияи доктории Брагинскийро ба тоҷикӣ тарҷума кардан лозим шуд барои маҷаллаи “Садои Шарқ”. Ман ба уҳда гирифтам. Агарчи саъй кардам, ки зуд анҷом бидиҳам, аммо бештар корҳои майда-чуйдаи бисёре буд, ки ҳамеша иҷро кардан лозим меомад. Дар ин байн Рудин ҳам кам-кам пеш мерафт ва дар ниҳоят тарҷумааш ба охир расид.

Рисолаам ҳам омода шуда буд, вале соли 1955 пешниҳод шуд ба Шӯрои илмӣ. Дар як сол навиштанашро ба поён расонидам. Ба ҳимоя пешниҳод кардам, балки ҳимоя ҳам карда, ҳама корҳоямро анҷом дода, ба Душанбе баргаштам.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Албатта бисёр касон умед надоштанд, ки банда ин қадар зуд аз уҳдааш бароям.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

## Ҳикояти тарҷумаи китоби “Тоҷикистон”

Аз корҳое, ки бо кумаки Иброҳимҷон-ака анҷом дода будам, боз яке ба ёдам омад, ки бисёр ибратомӯз аст. Соли 1953 бандаро лозим омад, ки барои навиштани рисолаи номзадӣ ба Маскав биравам. Барои ин сафар андак пул даркор шуд. Пуле бошад, ки ҳам барои хонаводаам монда равам, ҳам бо худ бибарам. Вале пуле надоштам, ҳайрон монда будам, ки биравам ё наравам?

Пеши Иброҳим Раҳматов рафтам ва илтимос кардам, ки дар ин масъала кумаке кунад. Раҳматов фикр карданд, фикр карданд, коғазҳояшонро диданду гуфтанд, ки:



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

-Як китоби публисистӣ ҳаст, бояд ҳатман тарҷума кунем. Агар ба ту маъқул шавад, китоби Лукнитский “Тоҷикистон”-ро гирифта тарҷума кун.

Китоби “Тоҷикистон” буд, асари Лукнитский, ки дар Маскав чоп шудааст, ҳатто дар Чехословакия тарҷума ва чоп шуда буд.

Мо шартнома имзо кардем бо нашриёт, ки ман дигар корҳоро як тараф монда, ин китобро тарҷума кунам. Ин китоб калон буд, хеле бошитоб тарҷума мекардам. Лекин дар баъзе ҷойҳо шубҳанок менамуд. Масалан, ӯ Тоҷикистонро тасвир мекунад ба таври нимбадеӣ ва нимпублисистӣ, муваффақиятҳои замони шӯравиро бисёр таъриф мекунад, ки боке нест албатта, мо ба инҳо одат карда будем. Дар баъзе ҷойҳои китоб омада буд, ки солҳои сиюми қарни бистум олими рус дар Тоҷикистон фалон гиёҳро ё фалон чиро ёфта, хусусиятҳои онро муайян кардааст. Масалан, гиёҳҳое, ки хусусияти дармонӣ доранд, аз онҳо дору, даво сохтан мумкин аст. Инҳоро ин олими рус тасвир карда, дар китобаш муфассал баён намуда, чоп кард. Гӯё ба ҳамин тарз он гиёҳро ин олими рус ба олами илм дохил намуд, ки то ин вақт ба ҳеҷ кас маълум набуд ва ҳоказо. Ин гуна мисолҳо, ки кашфиёти олимони русро нишон медиҳад, хеле бисёр буд ва ҳамаро Лукнитский,



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

муаллифи китоби “Тоҷикистон” як-як зикр карда буд.

Вақте ки ман инҳоро тарҷума мекардам, дар дилам як шубҳа пайдо шуд. Шубҳа ин буд, ҳамон гиёҳеро, ки олими рус кашф намуду тавсиф кард ва Лукнитский дар китобаш баён намуду чоп кард, албатта барои илм хидмати хуб кардааст, аз ҳар ҷиҳат кори бисёр хуб кардааст. Аммо ҷойи шубҳа ин буд, ки аз куҷо медонем, ки ҳамин гиёҳ то ин вақт кашф нашуда буд? Ҳеҷ кас намедонисту истифода намекард, аз куҷо медонем? Агар ин гиёҳ хусусиятҳои дармонӣ, доруйӣ дошта бошад, аз вай доруҳо сохтан мумкин бошад... Мо медонем, ки мардуми мо дар гузашта, доруву давоҳои худро аз гиёҳҳо месохтанд, пас, чаро дар вақти гиёҳсозиҳо, дар вақти ҷустуҷӯйҳои илмии пешгузаштагони мо ин гиёҳ кашф нашуд ва истифода нагардид? Аз куҷо медонем, ки ин гап, ки ин гиёҳ акнун кашф шуд, акнун маълум шуд, ки чӣ хусусиятҳо дорад, то куҷо дуруст аст? Аслан ин гап он қадар ба ҳақиқат рост намеояд. Дар ин бора ҳатман як санҷиши комил лозим аст. Китобҳои қадимро дидан даркор, масалан, осори Ибни Синоро дидан даркор аст. Ҳама доруҳое, ки Ибни Сино мефармуд, месохт аз гиёҳҳову ҷисмҳои кӯҳистони худамон, аз гиёҳҳои дашту биёбону гулистону боғистону аз ҳамин сарзамини худамон гирифта шудаанд. Китоби ӯро



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

бояд дид, ки шояд ин гиёҳро, ки “олими рус кашф кард” мегӯем, шояд Ибни Сино кайҳо ҳамаҷониба тавсиф карда, хусусиятҳояшро муайян карда, дар китобҳои худаш навишта бошад. Ё олими дигаре шояд ин корро карда бошад, онҳоро дидан даркор. Корҳои он олимони асрҳои гузаштаро дидан даркор, асарҳояшонро мутолиа кардан даркор. Муайян кардан даркор, ки аз он табиати Осиёи миёна, кӯҳистони тоҷик, водиҳо, дашту биёбон, аз ин ҷойҳо гузаштагон чиҳо кашф карда буданд, аз чиҳо бехабар монда буданд? Чиҳоро кашф карда буданд? Чӣ доруҳоро сохта буданд ва боз аз он чӣ доруҳо сохтан мумкин? То он осори гузаштагони худро, кашфиёти онҳоро муайян накунем, кашфиёти имрӯзиҳоро муайян карда наметавонем. То надонем, ки гузаштагони мо чиҳо кашф карда буданд, имрӯз наметавонем бигӯем, ки олимони рус дар кӯҳистони тоҷик чиҳо кашф кардаанд.

Азбаски осори гузаштагони мо ҳанӯз тафтиш нашудааст, таҳқиқу омӯхта нашудааст, мо наметавонем бигӯем, ки гузаштагони мо аз ин кӯҳистон чиҳо кашф карда буданд ва чиҳо кашфношуда монда буд. Ба ҳамин ҷиҳат нахостам китоби Лукнитский пурра чоп шавад. Ҳеҷ дастам пеш нарафт, то чизҳоеро, ки гузаштагони мо пеш кашф карда бошанд, имрӯз Лукнитский гӯяд, ки:



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

-Не, инро солҳои сӣ олимони мо кашф карданд, олимони рус кашф карданд ва ман онро ҳамон тавр носанҷида тарҷума кунам. Шояд ҳам бори аввал онро олимони рус кашф накарда буданд. Ман ба ин хулоса расидам, ки ҷойҳои дақиқашро тарҷума мекунам, аммо ҷойҳои шубҳанокашро набояд тарҷума кунам.

Бо ин андешаҳо пеши Иброҳимҷон-ака рафтам ва гуфтам:

-Китобе, ки ба ман барои тарҷума додед, хеле хуб тарҷума шуда истодааст. Китоби нимпублисистӣ, ки осон навишта шудааст, лекин ин гуна як масъала пеш омад. Мехоҳам, ки ин қисмҳое аз китобро, ки суол доранд, ман тарҷума накунам.

Баъд аз андешаи бисёр гуфтанд:

-Тарҷума накунед ва сабаби тарҷума накарданатонро ҳатман нависед. Он чи, ки маъқулу мақбул аст, тарҷума карда, зудтар биёред. Мо зуд чоп мекунем.

Тарҷумаи китоби Лукнитскийро ба охир расондам. Азбаски баъзе чизҳоро тарҷума накардам, тарҷума зуд ба охир расид. Чоп карданд. Вақте ки чоп карданд, ҳаҷми китоб ба забони тоҷикӣ аз ҳаҷми чопи русии он қариб ду баробар кам шудааст, ҳаҷмаш қариб ним шудааст. Он



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

бахшҳое, ки ихтисор шуд, бисёр зиёд будааст. Яъне, гуфтаҳое, ки асос надорад, бебунёд аст, дар ин китоб зиёд будааст. Яъне, ки ҳақиқатан, масалан, фалон гиёҳро дар кӯҳистон ҳамон олими рус ихтироъ карда бошад? Пеш аз ин мумкин аст, ки ҳақиқатан ҳамин гиёҳ кашф шудагӣ набуду онро ҳеҷ кас намедонист? Олими рус омад, дид, кашф кард, тасвир карду чоп кард? Шояд ҳақиқатан ҳамин тур аст, лекин инро исбот кардан даркор, исбот кардан даркор, ки ҳамин тур аст. Пеш аз ин онро ҳеҷ кас намедонист? Дар ҳақиқат масалан, фалонӣ, фалон олим, фалон нафаре аз гузаштагон дар бораи ин гиёҳ чизе нагуфтаанд? Дар бораи гиёҳҳои бисёре гуфтаанд, аммо дар бораи ин ҳеҷ чизе нагуфтаанд. Инро исбот кардан лозим буд, ки ҳақиқатан олими рус ҳамин гиёҳро кашф кард. Пеш аз ин кашфношуда монда буд, олими рус кашф кард. Исбот кардан лозим буд, то ин ки гап асоснок шавад, ҳам бабунёд бошад. Маводҳои ин китоб исбот надорад, беасос аст, бебунёд аст, мо тарҷума накардем.

Ман аз тарҷума пул гирифтанам даркор буд ва умедвор будам, ки дар охир пули нағз мегирам, вале якбора ду баробар кам шуд.

Баъди чанд вақт як хабар омад, ки Павел Лукнитский аз Маскав омадааст. Ба тарҷумаи



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

тоҷикии китобаш ошно шудааст. Фаҳмидааст, ки дар вақти тарҷума зиёд ихтисор кардаанд. Бисёр хашмгин шудааст. Ба Кумитаи Марказӣ, Совети Вазирон рафтааст, доду фарёд кардааст. Аз ҳамин рӯ ба масъулон зиёд сарзаниш омадааст. Фармон омадааст, ки китоби “Тоҷикистон” пурра, мукаммал, беихтисор, дубора чоп шавад. Дубора тарҷумон кофтанд, ҷустанд. Масалан, маро ҷеғ зада гуфтанд:

-Биё, акнун илоҷ нест, пурра тарҷума кун. Ман гуфтам:

-Не, ман ин корро намекунам. Аввал мекардам, ки он вақт ба ман пул даркор буд. Дар охир ба ин кор Абдуқодир Маниёзов розӣ шуданд. Он ҷойҳоеро, ки тарҷумон дар вақти тарҷумаи якум ихтисор карда буд, партофта буд, бояд ҳамон ҷойҳоро дубора барқарор мекарданд. Бисёр ҷойҳои китоб эҳтиёҷ ба тарҷумаи нав надошт. Фақат ҳамон қисмҳои табиатшиносӣ. Аммо Абдуқодир натавонистаанд. Бисёр душвор будааст ёфтани он чизе, ки ихтисор шуд. Бинобар ин китобро аз сари нав пурра тарҷума карданд.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

# Ҳикояти ҷашни "Ҳазораи Ибни Сино"

Соли 1980 дар тамоми Иттифоқи Шӯравӣ ҷашни бузурги "Ҳазораи Ибни Сино" баргузор гардид. Дар тамоми кишвари Шӯравӣ, дар ҳама ҷумҳуриҳои иттифоқӣ ин ҷашнро бо тантана таҷлил карданд. Дар Маскав як кумитаи марказӣ барои баргузории ҷашни Ибни Сино таъсис шуд, ки раиси он як академик буд. Мутаассифона номашро фаромӯш кардам. Агар ба ёдам биёяд, дар поинтар мегӯям. Ин академик, ки раиси ҷашни Сино буд, аз Чуқонған, аз тоторҳо будааст ва аз чӣ сабаб бошад, ки кумита дар бисёр масъалаҳо тарафи тоҷиконро



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

намегирифт. Пешниҳодҳои ҷумҳуриҳои дигарро қабул мекард, ки бештари онҳо бар зарари Тоҷикистон буд. Масалан аз аввал ин раиси кумитаи ҷашн масъала гузошт, ки Ибни Синоро тоҷик намегӯем. Фарзанди халқи тоҷик, намояндаи фарҳанги тоҷикӣ нагӯем. Агар Ибни Синоро тоҷик гӯем, рафиқони узбек меранҷанд. Намояндаи Тоҷикистон дар кумитаи марказии ҷашни Ибни Сино домулло Муҳаммади Осимӣ бисёр кӯшиш карданд, ки ин ақида, ин пешниҳод, ки Ибни Синоро тоҷик нахоҳем гуфт, қабул нашавад, лекин доду фарёди Осимӣ ба ҷое намерасид. Касе ӯро намешунид.

Қарор ин шуд, ки дар рӯзҳои ҷашн, дар чорабиниҳо, маҷлисҳо, дар китобу мақолаҳое, ки чоп мешавад, Ибни Синоро на тоҷик мегӯем на узбек, балки олими бузурги асрҳои миёна мегӯем. Ҳамин пешниҳод қабул шуд. Тоҷик гуфтани Ибни Сино манъ гардид.

Ҷашни бузурги ҳазорсолагии Ибни Сино оғоз шуд. Ба кадом миллат тааллуқ доштани ӯ маълум набуд. Ба онҳое, ки ин масъаларо медонанд, гуфтан шарт ва зарур не, лекин оммаи халқ, мардум бояд бидонанд, ки фарзанди кадом халқ аст? Ба кадом миллат тааллуқ дорад? Ӯ, ки аз осмон ба замин бе ресмон наафтодааст. Забони модарии ӯ тоҷикист ва



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

ба забони тоҷикӣ шеър гуфтааст. Ба забони тоҷикӣ китоб навиштааст. Масъала бисёр равшан аст ва дар ин бора бисёр навиштанд. Бо вуҷуди ин, қарори ҷашн ҳамин буд, ки Ибни Синоро на тоҷик мегуфтанд, на узбек, балки олими барҷастаи асрҳои миёна. Лекин ин қарор дар Тоҷикистон иҷро мешуд, тамом. Танҳо мо маҷбур будем ин қарорро иҷро кунем. Аммо дар Узбекистон касе парвои ин қарорро надошт. Ҳама ӯро узбек менавиштанд. Менавиштанд, ки Ибни Сино олими халқи узбек аст ва ҳол он, ки дар асри 10-11 калимаи “узбек” ҳанӯз вуҷуд надошт. Чун нияти баргузории ҷашн шуд, ҷашни ҳазора, ҷашни бузург, бояд ин ҷашн сабабгори он мешуд, ки баъзе фаҳмишҳои нодуруст ислоҳ шавад. Баъзе ҷиҳатҳои норавшани ҳаёту эҷодиёти Ибни Сино, ки заррае нишонаи узбакӣ надошт, маълум шавад.

Ҷашн шурӯъ шуд. Ба Тоҷикистон ва дар шаҳри Душанбе меҳмонони бисёре омаданд. Аз ҳама ҷумҳуриҳои Иттифоқи Шӯравӣ, аз хориҷ, аз Маскав, аз ҷумҳуриҳои Осиё, Африқо, Аврупо, Амрикои Ҷанубӣ. Ҳамин қадар меҳмон омад, ки Душанбе пури меҳмон, пури аҳли ҷашн буд. Конфронси калоне шуд ва маърӯзаҳои калону хурд хонда шуданд. Дар рӯзи якуми конфронс, дар баъзе маърӯзаҳо, аз ҷумла дар маърӯзаи банда, робитаҳои баъзе рӯйдодҳое, ки дар ҳаёти Ибни Сино буд, бо



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

пантуркизми баъдӣ, ки дар қарни бист ҳукмрон буду монандӣ дорад, матраҳ шуд. Ба ҳар ҳол ин раванд пантуркизм номбар шуд. Ҷаласаи рӯзи якум ба охир расид. Профессор Расулхон Ҳодизода, банда, Маниёзов меҳмонони Узбекистонро то дачаи ҳукуматӣ, ки онҳо он ҷо зист доштанд, мушоаят кардем.

Чун мерафтем, яке аз он меҳмонҳо, ки Абдуллоев ном дошту арабшинос буд, чизе гуфт.

Ман фаҳмидам, ки даррав болои гапро андова кардан хостанд, ки:

Ҳа, вай- гуфт. Маҷбур шуду гуфт. Ман дар бораи мавзӯи имрӯзаи маҷлис сухан кушодам:

- Бинед, дар Узбекистон ҳама ҷо менависанд, ки Ибни Сино фарзанди халқи узбек аст. Ҳаминро ошкоро менависанд. Он навиштаҳо чоп шуда, ба Тоҷикистон меоянд. Яке аз он олимони узбек, ки узви ҳайати Узбекистон буд, гуфт, ки:

-Мо олимон намегӯем. Мо Ибни Синоро узбек нагуфтаем. Асарҳои мо сесад ҳазор- чорсад ҳазор чоп мешавад, он ҷо дар ҳама ҷо ё тоҷик гуфта шудааст, ё ин ки на тоҷик, на узбек. Масъалаи миллияти Ибни Сино дахл нашудааст.

Ман посух додам:



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

-Асарҳои илмии шумо, ки сесад ҳазор-чорсад ҳазор дар Узбекистони бузург чоп мешаванд, ба дасти баъзе касони хосса, мутахассисон меафтанд, аммо оммаи халқатон он асарҳои шуморо намехонанд. Вале, оммаи халқатон, масалан, маҷаллаи “Гулистон”-ро мехонанд, ки алъон дар Тоҷикистон дар ҳамин рӯзҳо, дар Душанбе фурӯхта истодаанд. Тиражаш якуним милион нусха аст ва он ҷо аз аввал то охир гуфта шудааст, ки: “Ибни Сино олими узбек аст. Ибни Сино табиби узбек аст” ва ҳоказо. Ва ҳатто “узбек қизи Ситора”. Дар замоне, ки мафҳуми узбек ҳанӯз вуҷуд надошт, Ситораро духтари узбек гуфтаанд.

Ин аст, ки мо мебинем, мехонем. Халқ мебинад, мехонад. Дар ин бора чизе гуфтан лозим буд ё не?

Меҳмонони узбек чизе нагуфтанд. Ба дача омада расидем. Эшонро ба манзилашон гузоштем ва худамон баргаштем. Расул Ҳодизода ва Маниёзов бандаро сарзаниш мекарданд, ки меҳмонҳоро ранҷондед.

Конфронси бузурги Душанбе ду ё се рӯз давом кард ва ба охир расид. Аз рӯйи барномаи ҷашнӣ бояд ҳама акнун ба Бухоро мерафтем. Ҳам меҳмононе, ки аз ҷумҳуриҳои шӯравӣ омадаанд, ҳам меҳмонони хориҷӣ ва ҳам онҳое, ки аз



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Тоҷикистон дар ин чорабинӣ иштирок доштанд. Бо чанд ҳавопаймо ҳайати бузурге бояд ба Бухоро мерафтанд. Аз ҷумла маро гуфтанд, ки:

-Ту ҳам меравӣ. Ман гуфтам:

-Наравам, беҳтар аст.

-На, гуфтанд, ки ту ҳамшаҳрии Ибни Сино ҳастӣ, бояд биравӣ ва он ҷо иштирок дошта бошӣ!

Вақте ба Бухоро расидем, дидем, ки меҳмони бисёре аллакай омадаст. Меҳмони хориҷӣ аз ҳар қитъаи дунё. Пас аз омада расидани мо, боз омаданд. Гурӯҳе аз Тошканд, аз Маскав, меҳмонони хориҷӣ омаданд, меҳмононе аз ҷумҳуриҳои дигари шӯравӣ омаданд. Ҳамин қадар меҳмон бисёр шуд, ки ба фикрам дар Узбекистон ҳеҷ вақт ин қадар хориҷӣ ҷамъ нашуда бошад. Дар Бухоро хориҷиён доим зиёданд, дар солҳои шӯравӣ турист шуда хеле бисёр меомаданд, аммо ин қадарашро ҳеҷ кас надида буд. Якум дар Бухоро ҷаласаи аввал баргузор шуд. Дар як толори бузург. Тамоми меҳмонҳо гунҷиданд. Боз ҷойи холӣ монд, мардуми худи Бухоро ҳам омаданд. Сарвазири Узбекистон раиси кумитаи ҷашн дар Узбекистон будаст. Бинобар ин раисии маҷлисро низ ӯ ба ухда дошт. Дар ин ҷаласа воқеаҳои аҷибе рӯй дод, ки наметавонам нагӯям.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Дар Душанбе аз Югославия ду нафар, ду ҷавон омада буданд, ки маърӯза карда буданд. Ҳамонҳо, ҳамон ду нафар ба Бухоро омадаанд ва сухан гирифтанд барои маърӯза. Ҳар дуяшон як маърӯзаро мехонанд, чунон, ки дар Душанбе карда буданд. Яъне, яке як ҷумла, ду-се ҷумларо ба англисӣ мехонад, дувумӣ ҳамин ду-се ҷумларо ба тоҷикӣ тарҷума мекунад ва тарҷумаи тоҷикияшро мехонад. Ба ҳамин тарз маърӯза оғоз карданд, ин намояндагони Югославия.

Ногаҳон шахсе аз толор ба саҳна баромад ва тамоми саҳнаро бо садои баланди по давр зада, ба пеши маърӯзачиён омад ва ба гӯши онҳо чизе гуфт. Мо нафаҳмидем. Онҳо "харашо-харашо" гуфтанд. Он кас боз ҳамон тавр тап-тап карда, тамоми саҳнаро давр зада, омада аз он канор нишаст. Маърӯзачиён маърӯзаи худро давом доданд. Яъне боз яке ба англисӣ чанд ҷумла мехонд ва дигарӣ ба тоҷикӣ тарҷумаи онро мегуфт. Он касе, ки аз поин ба саҳна баромада, ба онҳо гӯшакӣ карда буд, дубора ба саҳна баромад. Боз саҳнаро давр зада, ба пеши маърӯзачиён омад ва ин дафъа бо овози баланд, ки аз микрофон мо ҳам шунидем, гуфт:

-"На русском языке нужно". Ба русӣ гап занед, ба тоҷикӣ лозим нест. Ба русӣ гап занед, ба русӣ маърӯза кунед. Онҳо чизе гуфтанд, ки ин боз гуфт:



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

-Не-не русӣ. Ё узбекӣ ё русӣ. Онҳо хуб гуфтанд. Он одам боз тап-тапкунон, чарх зада, саҳнаро аз он канораш фуромаду ба ҷояш нишаст. Аммо маърӯзачиёни югославии мо кори аҷиб карданд. Боз якумӣ ба англисӣ мехонд, дуюмӣ тарҷумаро ба тоҷикӣ мехонд ва баъд ба русӣ тарҷума мекард.

Аммо чун матни русӣ, ки пешакӣ омода набуд ва тайёрӣ надошт, бо азоби бисёре дафъатан тарҷума мекард. Вақтро бисёр мегирифт. Оқибат раиси маҷлис ин маърӯзаро қатъ кард ва гуфт:

-Инҳо омодаи маърӯза кардан набудаанд. Маърӯзаҳо дар шакли китоб чоп мешаванд ва ҳамон вақт матни маърӯзаро мехонед. Маърӯзачиёни югославии мо маърӯзаашонро нимкола гузошта нишастанд. Ман ҳам дар саҳна нишаста будам, қатори меҳмонҳо. Дидам, ки бисёр хиҷолат кашида буданд.

Дар он нишаст шарқшиноси машҳури Чехословакия Иржи Бечка ҳам буд. Иржи Бечка ҳар сол ба Тоҷикистон як бор меомад. Ҳар ҷо равад, ба тоҷикӣ сухан меронду суханрониҳои вай ба ҳама маъқул буд ва бисёр ҳурматаш мекарданд. Халқамон ӯро бисёр ҳурмат мекарданд. Ӯ медонист, ки ҳар куҷо тоҷикӣ гап занад, маъқул мешавад. Одамҳо хурсанд мешаванд. Ба раиси маҷлис хатча фиристодааст, ки ман ҳам маърӯза



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

мекунам, лекин ба забони тоҷикӣ. Гумон кардааст, ки дар Бухоро ҳам агар ба забони тоҷикӣ гап занад, мардум хурсанд мешаванд. Раиси маҷлис гуфтааст, ки:

-Ба забони тоҷикӣ мумкин не. Ба русӣ ё ба узбекӣ. Иржи Бечка боз навиштааст, ки:

-Ман ба забони Ибни Сино мехоҳам сухан бикунам, дар рӯзи ҷашни Ибни Сино, яъне, ба забони тоҷикӣ.

Оқибат ба Иржи Бечка сухан надоданд. Имкон надоданд, ки суханронӣ кунад. Хеле зиқ шуд. Хеле қаҳраш омад. Чун ба танаффус баромадем, ман ҳеҷ вақт Иржи Бечкаро ин қадар хашмин, қаҳролуд надида будам. Ӯ бисёр шахси ҳалиму нарм буд. Аммо он вақт дидам, ки бисёр хашмаш омадааст. Хост, ки ҳамон рӯз ба тарафи Маскав ё Душанбе равон шавад, лекин гуфтанд, ки имкон нест. Дар ин вақти дӯлобии ҷашн ҳавопаймо надорем.

Ҳамин тариқ якумин ҷаласаи ҷашни Ибни Сино дар Бухоро баргузор шуд. Хуб он буд, ки ҳар чӣ ҳам бошад, он дӯстони югославии мо андак сухани тоҷикиро ба гӯши мардум расонданд. Ба забони худи Ибни Сино сухан карданд. Дар Бухоро ба забони тоҷикӣ суханронӣ карданд. Бисёр кори



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

аҷиб аст, ки ҳеҷ муяссар намешавад, аммо он ҷо тасодуфан, агарчи андак буд, агарчи беаввалу беохир, нотамом буд ва ҳоказо, ба ҳар ҳол буд.

Меҳмононро рӯзи дигар аз шаҳр берун бурданд. Автобусҳои калони бисёре қатор андар қатор омада, он қадар меҳмони бисёрро дар худ гунҷонда, ба сӯи Вобканд равон шуданд. Дар қарибиҳои Вобканд ҷое истодем. Мошинҳоро нигоҳ доштанд. Гуфтанд, ки:

- Фуруд оед, фуруд омадем.

Як боғи бисёр бузург буд. Дар ин боғ мизи бисёре, курсии бисёре гузоштаанду дастархон оростаанд. Гуфтанд, ки:

- Бифармоед, сари ин дастархон бинишинед. Нишастем. Ман бо Ҷалол Икромӣ будам. Дар мошин бо Икромӣ ҳамроҳ омада будем, лекин вақте ки аз мошин фуромадем, ман Икромиро гум кардам. Ҳамин қадар нигоҳ кардам, ёфта натавонистам. Баъд худам як ҷое нишастаму як ҷои дигар дар паҳлуям холӣ нигоҳ доштам, барои Икромӣ. Пас аз лаҳзае Икромӣ давон-давон омадаанду гуфтанд:

-Ин ҷо холӣ? Ман гуфтам:

-Бале.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

-Ман ҳамин ҷо шинам?

-Ҳа, шинед, марҳамат. Ҷой барои шумост.

Баъд гуфтанд, ки:

-Ман дар он ҷо бо калонҳо будам, як шашлик оварданд, ки мисли ҳалво дар даҳан об мешавад. Бисёр шашлики нағз. Ман мехоҳам боз аз он бихурам, бинобар ин ин ҷо омадам.

Ҳақиқатан як замон оварданд. Вақте ки ба мо ҳам оварданд, дидем ки аз ҳамонҳост. Кабобе, ки дар сихи кӯтоҳ, ду пораи хурд дар сих гузаронидаанд. Сари ҳар касе ду сих кабоб доданд. Дар ҳақиқат он қадар ширин, он қадар бомаза буд, ки то ҳанӯз чунин шашлик нахӯрда будам. Фақат баъд аз чандин соли дигар дар Кавказ як бор, як шашлик хӯрдем, ки ҳақиқатан бисёр хуб буд. Баъд аз ин шишлики оличаноб ва як пиёла чой, боз гуфтанд, ки ба мошинҳо нишинем ва рафтем. Ин дафъа хеле дур. Зодгоҳи Ибни Сино. Деҳе, ки он ҷо Ибни Сино ба дунё омада буд.

Соли 1946 ё 1947 буд, ки устод Айнӣ бо Икромию Улуғзода, Кимёгарови киносоз ва дигарон ба Бухоро рафта, он қишлокро, зодгоҳи Ибни Синоро муайян карда буданд. Аз рӯи китоб ёфта буду муайян карда буд. Лекин акнун дар арафаи, дар остонаи ин ҷашни Ибни Сино, олимони



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Узбекистон ун гуфтаи Айниро аз эътибор соқит карда, худашон олим шуда, дониста, як қишлоқи дигарро зодгоҳи Ибни Сино қарор додаанд, ки дар ин қишлоқ аҳолӣ имрӯз ҳама узбек будааст. Гуфтем:

- Хайр, аҳолии он ҷо имрӯз узбек будааст, магар дар асри 10 ҳам узбек буд? Шояд дар асри 10 на танҳо узбек, балки умуман турк дар он ҷойҳо набуд. Дар он деҳае, ки зодгоҳ қарор додаанд, биноҳо сохтаанд, музей сохтаанд. Дар музей, бисёр шеърҳои Ибни Синоро ба узбекӣ тарҷума карда, хеле зебо чоп карда, ба девор овехтаанд. Лекин нагуфтаанд, ки ин тарҷумаи кист? Тарҷума аз кадом забон аст? Аз арабӣ ё тоҷикӣ аст? Ба забони узбекӣ чоп кардаанду мондаанд, то ин ки мардуми сода, мардуми ноогоҳ бовар кунанд, ки Ибни Сино узбек будааст. Ҳатто дидем, ки узбекҳои ҳамон атроф гумон кардаанд, ки Ибни Сино ба узбекӣ навишта буд, ба забони узбекӣ шеър гуфта буд. Ин буд, гуфтем, ки:

-На, ин тарҷума аст, тарҷума аз тоҷикӣ. Тоҷикияш ин аст ва тоҷикияшро хондем. Мегӯянд:

-На, агар тарҷума буд, мегуфтанд. Нагуфтааст, ки тарҷума аст.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Тамоми он музей бо мақсади ҳамин гуна назарфиребӣ сохта шуда буд.

Ҷашни Ибни Сино дар шаҳри Душанбе, Тошканд ва Бухоро, дар ҳар кадоми ин шаҳрҳо ҷудогона таҷлил шуд ва бисёр муҳташам буд. Ин ҷашн дар ҳашмат метавон гуфт, назир надошт. Тантанаи ҷашн дар Маскав ба охир расид. Дар Маскав як маҷлиси бузург ташкил шуд. Лекин дар ин маҷлис сарварони шӯравии Маскав дар ҳаққи Тоҷикистон ва мардуми тоҷик боз як хиёнат карданд, ки ин ҷо гуфтанист. Воқеа ин тавр рӯй дод.

Маҷлиси бузурге барои таҷлили Ибни Сино ва ҳазораи ӯ дар "Колонний зал дома союзов", ("Толори чилсутуни хонаи иттиҳодияҳо"), ки бисёр толори муҳташаме дар маркази Маскав буд, баргузор шуд. Дар саҳна, яъне дар ҳайати раёсати ин маҷлис котиби Кумитаи Марказии ҳизби Коммунисти Шӯравӣ Пономарёв ва дар атрофи ӯ раиси кумитаи марказии ҷашни Ибни Сино академик, он академик, ки номашро фаромӯш кардаам ва аз як тараф Президенти Академияи илмҳои Тоҷикистон академик Муҳаммад Осимӣ ва аз тарафи дигар дар канор, Президенти Академияи илмҳои Узбекистон Содиқов нишаста буданд. Толор пур аз одам буд. Асосан намояндагони



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

зиёиёни Маскав, нависандаҳо, кормандони тиб ва ҳоказо омада буданд. Аз рӯи барномаи маҷлис, ки дар дасти мо дода буданд, маълум буд, ки бояд ду маърӯза бишунавем. Яке маърӯзаи Осимӣ, дигаре маърӯзаи Содиқов. Албатта аввал сухани ифтитоҳияи раиси кумитаи марказии ҷашни Ибни Сино академик фалониро гӯш кардем, ки раиси маҷлис худи ӯ буд, худи раиси кумитаи марказии ҷашн. Баъд аз он сар кард ба эълон кардани маърӯзаи якум. Гуфт:

-Сухан дода мешавад ба Президенти Академияи илмҳои...

Чун инро мегуфт, Осимӣ ба по шуд. Коғазҳояшро гирифта, ба сӯи ҷойгоҳи сухан рафтан гирифт. Аммо раиси маҷлис, Осимиро ном нагирифт, балки Содиқовро ном гирифт:

-Сухан дода мешавад ба Президенти Академияи илмҳои Ҷумҳурии Узбекистон Содиқов –гуфт.

Осимӣ ба якбора истод. Бисёр бо қаҳру хашм ба ҷои худ баргашт ва он коғазҳоеро, ки дар даст дошт, сахт ба рӯи миз партофт ва чиҳое гуфтан гирифт. Навбати маърӯза аз Осимӣ буд, мувофиқи барномаҳое, ки дар дасти мо ҳаст, аммо навбатро ба Содиқов доданд. Навбати Осимӣ дуюм шуд. Ҳеҷ мумкин нест, ки Тоҷикистон аз Узбекистони бузург



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

пештар гузарад!! Намояндаи Тоҷикистон якум маърӯза бикунад!! Намояндаи Узбекистони бузург дуюм маърӯза бикунад!! Бинобар ин ин тавр барномаро тағйир доданд.

Бе маслиҳат, ки аз ин маслиҳат Осимӣ хабар надоштааст. Аҳли толор, онҳое, ки он ҷо ҷамъ шуда буданд, хабар надоштанд. Хелеҳо аз ин кор, аз барҳам задани барнома, аз он, ки ба ҷои Осимӣ Содиқов маърӯза кард, огоҳ нашуданд. Маҷлис ба охир расид ва як консерт доданд. Консерти якҷояи ҳунарпешагони ҷумҳуриҳои собиқ Шӯравӣ. Вале намояндагони Тоҷикистон хеле ғамгин буданд. Мо омада-омада дар ҷашни ҳазораи Ибни Сино натавонистем бигӯем, ки Сино тоҷик аст, фарзанди халқи тоҷик буд ва ин ҳамеша боиси сарафкандагии мо дар назди форсизабонон, хусусан эрониён гашта буд. Норозигии мардуми тоҷик, ранҷидагии онҳо дар ҷашни Ибни Сино ҳамеша бармало намоён буд, чунки аз аввал то охир сохтакорӣ, назарфиребӣ дар тамоми ин ҷашн ҳукмрон шуда буд.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

## Ҳикояти ҷашни 70-умин солгарди Инқилоби Бухоро

Тахминан нимаҳои даҳаи 70-уми қарни 20 буд, ки як рӯз ман ба Институти забон ва адабиёт ба кор мерафтам. Дар қарибиҳои институт як кас маро нигаҳ дошту гуфт, ки:

-Ман ба шумо як гап дорам, ки бояд бигӯям. Агар имкон дошта бошед, ҳозир ман гӯям, гӯш кунед. Ман гуфтам:

-Хайр, марҳамат.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Як одами тахминан 45-47 сола буд, муаллими кадом ноҳия будааст, муаллими мактаби миёна. Гуфт, ки:

-Соли гузашта ман бо як муаллими дигари ҳамон мактабамон ба курорти Кавказ рафтем. Ё Кисловодский ё чи буд, кадом курортро ном гирифт, ки ба ин курорт барои дам гирифтан, барои муолиҷа рафтем.

Он ҷо қоида ҳамин буд, ки чун пешин ба ошхона хурокхурӣ мерафтем, дар паҳлуи ошхона як дукони винофурӯшӣ буд. Мардум, ки барои хурок мебиёянд, аввал дар навбат истода, қатор шуда мераванд, то пеши ин дукон. Як истакон майи ноб мезананд, баъд медароянд ба ошхона. Ҳамин тур навбат истода омада истода будем, ки мегӯяд: бинем пеш аз мо Моленков истодааст. Моленков он вақтҳо акнун дигар бознишаставу хонанишин буду кор намекард. Ба муолиҷа омада будааст. Чун Моленков моро дид, ки дар сар туппӣ доштем, гуфт, ки:

-“Что, узбеки, да”? Мо гуфтем, ки:

-“Нет, таджики”.

-Ҳа-гуфт-агар тоҷик бошед, гапи манро гӯш кунед ва ҳеҷ вақт фаромӯш накунед. Гӯш кунед, ман ба шумо чӣ мегӯям.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Моленков бароямон ҳикоя кард, ки:

- Баъд аз ҷанги дуюми ҷаҳон Бобоҷон Ғафуров, ки соли 1946-ум котиби якуми Кумитаи Марказии Ҳизби Коммунисти Тоҷикистон шуда буд, ба номи Сталин як номаи калон навишту талаб кард, ки Самарқанду Бухоро ба Тоҷикистон дода шавад. Сталин барои ҳалли ин масъала як комиссия таъсис кард ва маро раиси ин комиссия таъйин кард. Мо аз номи комиссия бо имзои Сталин ба ҳама институтҳои дахлдор, ба Кумитаҳои Марказии Ҳизби Коммунисти Узбекистон, Қазоқистон, Қирғизистон ва обкомҳову академияҳо нома навиштем, ки дар бораи ин пешниҳоди Ғафуров фикрашонро гӯянд. Баъд аз чанд вақт ҷавоб омадан гирифт. Ҷавоби бисёре омад. Ҳама ҷавобҳо ба фоидаи шумо тоҷикҳо буд,- гуфтааст Маленков. Масъала тамоман ба фоидаи шумо ҳал шуда истода буд. Ман як "докладная записка"(гузориш) навиштанам лозим буд ба Сталин аз номи комиссия барои ҷамъбасти ҳамаи он ҷавобҳое, ки омад. Навиштанашро сар кардам. Аммо ҳамин вақт Сталин вафот кард. Ин дӯлобӣ сар шуд. Олам зеру забар шуд. Ин комиссия худ ба худ пароканда шуд, комиссияи Моленков. Лекин ман, тамоми он ҷавобҳою материалҳои ин комиссия ҳамаашро якҷой, ресмон қатӣ баста, якҷоя дар архиви худам гузошта будам. Агар дар архиви ман набошад, дар



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

архиви “политбюро” ҳаст, вай нест намешавад. Шумо тоҷикҳо бояд ҳамон материалҳоро бардоред. Масъаларо дубора ба муҳокима гузоред. Масъала ба фоидаи шумо ҳал мешавад.

Ин одам инро ба ман ҳикоя карду гуфт, ки ҳаминро шумоҳо бояд донед. Шумо барин одамҳо ба ҳама ва калонҳои Тоҷикистон хабар диҳед. Илтимос.

Ман: -Раҳмат.- гуфтам. Хайр, баъд ба калонҳо хабар додем, лекин ҳеҷ натиҷа нашуд. Ин калонҳо, акнун Ғафуров набуданд. Ҳеҷ кас парво накард. Ҳамин хел аз байн чанд сол гузашту баъд ба муносибати ин ҷашни Инқилоби Бухоро, ин воқеа, ин ҳикояҳои ин одам, ин комиссияи Моленков ба ёди ман расид.

Ҷашни 70-умин солгарди Инқилоби Бухоро соли 1990 баргузор шуд. Пеш аз ин ҷашн дар Тоҷикистон, дар маҷаллаи “Садои Шарқ” чанд мақола чоп шуд. Аз ҷумла мақолаи нури чашмам Рустамҷон Шукуров ва боз чанд мақолаи дигар, дар бораи ин, ки Инқилоби Бухоро чандон инқилоб набуд. Инқилоби Бухоро як таҷовуз буду ишғолгарӣ буд. Баъд моҳи сентябри соли 1990 як гурӯҳ аз Тоҷикистон ба ҷашни Инқилоби Бухоро ба Бухоро даъват шуданд. Баъд ҳамон вақт мо аз Институти забон ва адабиёт як сессияи солонаи



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Айнӣ доштем, сесияи илмии ҳарсола. Ҳамон сессияи илмиро дар Бухоро таъйин карда будем, ки дар Бухоро ба муносибати ҷашни Инқилоб сессияи Айниро мегузаронем. Бинобар ин, ҳам бо даъвати калонҳои Бухоро ва ҳам бо хоҳиши раҳбарони Душанбе як гурӯҳи калони мутахассисони Тоҷикистон барои ҷашн ба Бухоро рафтанд.

Дуюми сентябр ҷашн сар шуд. Ҷашн дар бинои обком, Кумитаи вилоятии Ҳизби Коммунисти Бухоро, як бинои баланди нав буд, ки як зали бисёр калони зебо доштааст, дар он толори калон, ки пури одам буд, сар шуд. Аз Тошканд меҳмонон омада буданд, аз Кумитаи Марказии ҳизби Комунисти Узбекистон. Аз ҳама обкомҳои Узбекистон меҳмон омада буд. Аз баъзе институтҳо, аз кучоҳо, меҳмон хеле бисёр буд. Баъд аз ҳамаи ноҳияҳои вилояти Бухоро намоянда омадааст, ки толор пур, пури одам буд. Вақте ки ин маҷлис сар шуд, котиби якуми Кумитаи вилоятии Ҳизби Коммунист Дамир Ёдгоров ном касе маърӯза кард. Дар бораи Инқилоби Бухоро маърӯза карду омада-омада, дар охир баногоҳ, аз мавзӯъ баромада гуфт, ки:

-Як вақте шоҳони Эрон Бухороро гирифта буданд. Бо онҳо ба Бухоро забони форсӣ омад. Баъд забони тоҷикӣ шуд. Забони тоҷикӣ дар дарбор, дар



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

дарбори амирон истифода мешуд. Монанди он, ки забони фаронсавӣ дар Санкт-Петербург дар байни дворянҳои(ашроф) Россия ба кор мерафт, мисли ҳамин.

Вақте ки ин гапро гуфт, ман дигар тоқат карда натавонистам. Сардори мо дар ин маҷлис Осимӣ буд. Академик Осимӣ, Ҷалол Икромӣ ва ман сеямон дар боло нишаста будем, дар ҳайати раёсат. Дигар намояндаҳои Тоҷикистон ҳама дар поин, дар қатори якуму дуюми ҳамон толор нишаста буданд. Ман чун ин гапҳоро шунидам, ҷаста хестам аз ҷою гуфтам, ки:

-Чӣ музахрафот мегӯед шумо? Забони тоҷикӣ ҳеҷ вақт, фақат забони дарбор набуд. Забони тоҷикӣ ҳама вақт ва имрӯз ҳам забони халқ аст. Забоне, ки мардум бо он суҳбат мекунанд. Ба атроф нигоҳ кунед. Ҳама ба тоҷикӣ гап мезананд. Забони давлатӣ дар ин обкоми шумо дигар аст. Ва ҳоказо.

Домулло Осимӣ хестанд, чиҳое гуфтанд. Домулло Икромӣ хестанд, чанд луқма партофтанд. Ба ҳар гапи мо аз тарафи Бухоро, аз калонҳои шаҳри Бухоро, вилояти Бухоро, ба ҳар кадоми мо ҷавоб мегуфтанд. Мо боз ба онҳо ҷавоб мегуфтем. Дӯлоб шуд. Мубоҳисаи калон сар шуд. Маърӯзачӣ рост истодааст дар минбар, ҳеҷ чӣ гуфта наметавонад.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Ман, ки дар боло шишта будам, медидам, ки чун барои мо баъзеҳо қарсак мезананд аз толор, барои он маҳаллиҳо низ баъзеҳо ҳам чапак мезананд, қарсак мезананд. Нигоҳ кунам, ҳамин толори бузург ба ду тақсим шудааст. Нисфаш ба мо чапак мезанад, нисфаш ба он узбекпарастҳо чапак мезананд. Яъне, дар ҳамон толори бузург, дар рӯзи ҷашн ҳам тоҷикҳо ҷудо ва узбекҳо ҷудо нишаста буданд. Чун ин мубоҳисаву ин мунозира хеле давом кард, котиби дуюми обком, ки як ҷавони рус буд, эълон кард, ки танаффус. Маҷлис нотамом монд, танаффус эълон шуд. Баъд моҳоро гирифта бурданд як хона, ба як хонаи калон, ки столи бисёреву дастархон оростаанд. Он ҷо хурок хурданамон даркор буд. Домулло Осимӣ шиштанд, баъд Икромӣ, баъд ман. Рӯ ба рӯи мо аз он тарафи стол, боз ҳамон Ёдгоров шишт, котиби дуюм урусбача шишт, баъд дигар калонҳои Бухоро. Баъд ҳамон меҳмонҳое, ки аз обкомҳою аз куҷоҳо омада буданд, ҳамон меҳмонҳо будаанд дар он хона барои хурокхурӣ омадагӣ. Лекин ман гапамро боз гуфтам. Мубоҳисаи ман он ҷо давом кард. Ҳамту шишта будем, ки ман гуфтам:

-Ин гаперо, ин музахрафотеро, ки гуфтед, аз куҷо гирифтед? Аз куҷо шумоба ин маълумот, ки гӯё шоҳони Эрон омадаанду ин ҷо забон форсӣ шуду



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

баъд забони тоҷикӣ, мисли забони фаронсавии Петербург забони дарборӣ буд?

Ёдгоров гуфт, ки ман инро аз архивамон ёфтам, аз архиви обком, ки Қучқоров ном котиби обком ба Сталин мактуб навишта, ҳамин гапро гуфта буд. Чун Ёдгоров инро гуфт, ман ба ёдам омад он комиссияи Моленков.

Қучқоров, дар ҳамон солҳои баъд аз ҷанг котиби обкоми Бухоро буд. Баъд аз ин ҷо рафт, вайро Тошканд бурданд, вазири корҳои хориҷии Узбекистон шуд. Чанд вақт дар ҳайати вакилони СССР дар ООН менишаст, ҳар дафъа, ки сессияи ООН мешуд. Ҳамин тур хеле боло рафт. Ҳамон вақте, ки комиссияи Моленков нома навишта буд ба обкомҳо, аз ҷумла обкоми Бухоро, ин ҷавоб навиштааст. Яъне, ҳамин Қучқоров, котиби обком. Ман гуфтам:

-Таърихи навиштани ин нома ошкор шуд. Таърихи навишта шудани ин номаи Қучқоровро ман медонам. Таърихаш ҳамин, ки бо талаби комиссияи Моленков ин гуна ҷавоб навишта шудааст. Ҷавоби бемаънӣ. Наход шумо гумон кардед, ки Сталинро фиреб медиҳед? Ба роҳи нодуруст мебаред? Ҳамин хел боз давом кард мубоҳисаи мо. Хурок нахурдем. На Осимӣ, на Икромӣ, на ман, даст нарасондем ба хурок. Ин котиби обком ҳам ҳеҷ чӣ нахурд. Онҳо



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

ҳам нахурданд. Дар охир боз ҳар замон Осимӣ гап мезанад, Икромӣ гап мезанад, ман гап мезанам. Ҳама айнан чӣ хеле ки дар толор буд, давом кард. Ба овози баланд. Тамоми ҳамон хонае, ки меҳмонҳо барои хурокхурӣ омада буданд, ҳама мешунаванд. Баъд дар охир ман гуфтам, ки:

-Дар байни ҳамин меҳмонҳое, ки ин ҷо нишастаем, ягон таърихшинос ҳаст ё не? Як кас гуфт, ки:

-Ман профессори таърих. Дар Институти педагогии шаҳри Бухоро кор мекунам. Ман гуфтам, ки:

-Шумо таърихшинос бошед, ба ман гӯед, ки ҳамин гапе, ки Ёдгоров мегӯяд, ки шоҳони Эрон омаданду ин ҷо забони форсӣ пайдо шуд, ҳеҷ асоси таърихӣ, асоси ҷиддӣ дорад ё не? Вай гуфт, ки:

-Не. Асоси илмӣ надорад.

Аҷаб одами нотарс будааст, ки котиби обком ҳамон ҷо ҳозир, дар пеши ҳамон котиби обком гуфт, ки: “Не гапи вай дурӯғ, нодуруст”. Баъд аз ин ман гуфтам, ки:

-Хайр, набошад, тамом. Ман дигар гап надорам. Ҳеҷ чиз намегӯям. Баъд хестему боз рафтем барои давоми маҷлис.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Баъд рӯзи дигар, яъне 03-09-1990 ин сессияи солонаи Айнӣ шуд. Он ҷо ҳам масъалаҳои Инқилоби Бухоро буд ва ман маърӯза кардам. Мавзӯи ман дар бораи “Айнӣ ва Инқилоби Бухоро”. Он ҷо гуфта шуда буд, ки Айнӣ дар асарҳояш мегӯяд, ки: “халқи Бухоро ба Инқилоби Бухоро омода набуд. Халқи Бухоро на танҳо ба Инқилоби болшевикӣ, ба Инқилоби иҷтимоӣ, Инқилоби пролетарӣ, масалан тайёр набуд, балки ҳатто ба қабули он таълимоти маорифпарварон тайёр набуд. Ҳатто маорифпарварон ҳамон ҷадидонро, ки мактаби нав мекушоданду ташвиқу тарғиб мекарданд, ки ин илми замонро мардум донанд, инро ҳатто қабул надоштанд. Муллоҳои ҷоҳил хеле нуфуз доштанд дар байни халқ. Бинобар ин халқ аз ин гапҳо хеле дур буд”-мегӯяд Айнӣ.

Ман инро гуфтам, ки ин хел бошад, Инқилоби Бухоро, ки Инқилоби халқии Бухоро мегӯянд, Инқилоби халқӣ нест. Халқ тайёр набошад, халқ иштирок накарда бошад, чӣ тавр мо онро халқӣ меномем? Ҳамин хел. Баъд бо ҳамин сессияи мо тамом шуду мардум гашта рафтанд. Масалан аз Душанбе омадагиҳо гашта Душанбе рафтанд. Ман мондам. Ман, Ҳодизода, Маъруф Раҷабӣ, ҳамин хел якчанд кас мондем. Ман Маъруф Раҷабиро бурда, тамоми Бухороро ба вай нишон додам. Вай якумин бор дар умраш сафари Бухоро



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

пеш гирифта буд. Як-як нишон додам, фаҳмонидам. Ҳодизода ҳам бо мо мегаштанд. Баъд бо Ҳодизода рафтем “Чорбикр”. Ҳодизода, ки дар бораи Бухорову Аҳмади Дониш роман навишта буданд, “Чорбикр”-ро надида будаанд. Ҳамон ҷо “Чорбикр”-ро диданду ҳайрон шуданд, ки ин тур чизҳо будааст, ин тур ҷойҳо будаасту ман бехабар. Ҳамин хел як ду-се рӯзи дигар мо сайругашт намудем дар Бухоро. Баъд вақти бозгашт ман гуфтам:

- Ман як ҳамон котиби обкомро бинам, Ёдгоров қатӣ як-ду даҳан гап занам, рӯ ба рӯ шишта, ҳамту як ба як.

Омадам ба обкому илтимос кардам, ки маро қабул кунад. Гуфтанд, ки:

-Вай нест. Фаҳмидам, ки нахост. Баъд гуфтам, набошад, ба ман котиби дуюм даркор. Котиби дуюм, ҳамон ҷавони рус. Вай қабул кард. Вай қатӣ сухбат кардем. Ман  ба вай гуфтам, ки:

-Бародар, ту намояндаи Маскав ҳисоб мешавӣ дар Бухоро. Ту бояд бетараф бошӣ. На тарафи узбекро гирию на тарафи тоҷикро. Кадомашон ҳақ, ҳаққониятро риоя кунӣ, бас. Ҳамон рӯзҳо паспорти тоҷикӣ гирифтани тоҷикҳо сар шуда буд дар Бухоро. Лекин бо бисёр мумониатҳо. Намехостанд,



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

ки паспорти тоҷикӣ диҳанд. Паспорте, ки дар он ҷо миллати ин одам тоҷик навишта шудааст. Ман гуфтам:

-Ба ин корҳо ту ёрдам кун. Инҳо дар ҳаққи мардуми тоҷик бисёр ҷабр мекунанд. Ту намон, ки инҳо ҷабр кунанд. Аз ту илтимос. Гуфт:

-Бисёр хуб. Ман кӯшиш мекунам. Ман гуфтам:

-Ба фикри ту тахминан дар вилояти Бухоро чӣ қадар тоҷик ҳаст? Фикр карду гуфт:

-Ҳамин ним тоҷику ним узбек. Як панҷоҳ фоиз тоҷик, як панҷоҳ фоиз узбек дар тамоми вилоят. Ман гуфтам, ки:

-Не бародар. 80 фоиз тоҷик дар вилояти Бухоро ҳаст.

Як гурӯҳ мардумшиносони Ленинград, ана ҳамон Раҳмат Раҳимов. Инҳо чанд сол пеш Бухоро омада буданд, барои экспедитсия. Рафтанд, тафтиш карданд, хуб диданду баъд вай мақола навишт ҳамон Раҳимов. Ҳамон ҷо гуфт, ки халқи вилоят 80 фоиз тоҷик. Ман гуфтам:

-Ҳамин мардумшиносони Ленинград инро гуфтаанд. Котиби обком гуфт, ки:



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

-Ҳа, ман онҳоро медонам. Онҳо ҳар дафъа, ки меомаданд, ман ба онҳо кумак мекардам. Мебурдам ноҳияҳо. Ман ба гапи онҳо бовар мекунам.

Ман гуфтам:

-Ана ҳамин. Бовар мекарда бошӣ, дон, ки 50 фоиз нею 80 фоиз тоҷик аст дар Бухоро. Нисбат ба инҳо андак сиёсатро дигар кардан даркор. Ҳамаи инҳоро узбек гуфтан, узбек навиштан ҳеҷ ба ҳақиқат наздик намеояд. Баъд гуфт, ки:

-Бисёр хуб. Ман кӯшиш мекунам, ин халқи ҷабрдидаро тарафашро гирам. Намонам, ки ноинсофӣ шавад дар ҳаққи тоҷик. Шумоҳо биёед аз Душанбе, одамҳоро фиристонед, ҷавонҳоро фиристонед, ки биёянд ин ҷо, халқи ин ҷо қатӣ кор кунанд. Лекин “этого, кудрявого историка не посилайте”-гуфт. Ин “кудрявий историк” ҳамин Намоз Ҳотамов, ки ҳозир профессор аст. Ин ҳамон рӯзи мубоҳиса дар толор, дар қатори якум шишта буду ҳар замон мехест. Ҳар замон мехесту чизе мегуфт. Ҳамон чиҳо гуфта будааст, ки ба ин бисёр маъқул нашуда будааст. Гуфт, ки ҳамин таърихшиноси ҷингиламӯйро нафиристед. Дигар ҳар касро хостед, фиристед. Биёянд. Мо ёрдам мекунем. Бо халқи ин ҷо кор кунанд.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Ман бисёр хурсанд шуда, аз он ҷо баромадам. Баъд аз он ҷо омадем Душанбе. Акнун албатта ин воқеа ҳамеша фикри маро ба худ банд медошт.

Як вақте СССР барҳам хурд. Бухоро омадем, ки ҳамон обком акнун ҳокимхона шудааст. Ҳамон бинои хиштини нуҳошёна ҳокимхона шудааст. Ҳамон Ёдгоров ҳокими вилоят шудааст. Дар ҳамон кабинети зебои калоне, ки дошт, дар ҳамон кабинет мешинад. Дар ҳамон толор маҷлис мекунад. Лекин номаш акнун ҳоким. Баъд аз як сол ё ду сол буд, ки як замон хабар омад ба Душанбе, ки ҳамон Ёдгоровро гирифтанд. Ёдгоров нест дигар. Ба ҷояш як касро ҳокими вилоят таъйин кардаанд, ки ин одам акнун номашро фаромӯш кардаам, Институти политехникии Душанберо тамом карда будааст. Он вақт Осимӣ ректори ҳамон институт буданд. Осимӣ гуфтанд, ки:

-Эй, вай шогирди ман. Ана акнун ман меравам, вай қатӣ гап мезанам. Вай қатӣ дигар хел гап мезанем. Вай ба Душанбе омада мерафтааст. Аз ин ҷо зан гирифта будааст. Аз исфарагиҳо. Ҳама хешу табори занаш аз ҳамин ҷо, дар Исфара, дар Душанбе. Домулло Осимӣ бисёр хурсанд шуданд. Баъд як замон аз Бухоро ба номи чанд кас як даъватнома омад. Аз ҷумла Осимӣ. Даъватномаи кадом конференсия. Конференсияи таърихӣ буд, ё чӣ буд?



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Ба номи ман даъватнома наёмад. Баъд домулло Осимӣ хурсанд шуданду гуфтанд:

-Ана акнун меравам ман. Акнун ман меравам, акнун ман бо ин шогирдам гап мезанам.

Рафтанд ва қатора қатӣ омаданд. Баъд ҳикоя карданд, ки моро бисёр нағз пешвоз гирифтанд. Дар меҳмонхонаи бисёр нағз ҷой доданд. Рӯзи дигар пагоҳӣ ба маҷлисгоҳ рафтем. Соати даҳ ба маҷлис сар шуданаш даркор буд. Дар даст папкаю матни маърӯза, Осимӣ маърӯза карданашон даркор буд. Омадаанд, ки ҳоло калонҳо наомадаанд. Соати даҳ ба сар нашудааст маҷлис, соати даҳуним сар нашудаасту соат ёздаҳ шуд, ҳоло ҳам сар нашуд, сар накарданд. Калонҳои вилоят наомадаанд.

-Баъд як замон ду кас омаду- мегӯяд домулло Осимӣ- гуфтанд, ки домулло Осимӣ бояд зуд Самарқанд раванд...

-Чаро?

-Он ҷо ким-чӣ маҷлис асту аз Душанбе телефон карданд, аз Тошканд телефон карданд, аз Самарқанд телефон карданд. Зуд бояд равед. Ана мошин тайёр. Ин кас гуфтаанд:

-Не, ман маърӯза мекунам дар ин ҷо, маърӯзаи ман тайёр.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

-Не, не.-маҷбур он касро шинонданду Самарқанд фиристонданд. Самарқанд меоянд, “қирғиз” шуда меоянд,  ки дар Самарқанд ҳеҷ гап не. Ҳеҷ кас пешвоз ҳам нагирифтааст. Маҷлис-паҷлис ҳам не. Баъд, хайр Душанбе меоянд. Баъд мо шиштему инро, ки ҳикоя карданд домулло Осимӣ. Баъд гуфтем, ки шуморо ҳамон ҷо рафтанатон, домулло Осимӣ, нодуруст шуда будааст. Агар ҳамон рӯз, ки бо шогирдам гап мезанам, гуфта бо иштиҳо рафтед, агар шогирдатон шуморо қабул мекард, панҷ дақиқа бо шумо сухбат мекард, даррав хабар мерафт ба Тошканд, ки ана ҳамон устодаш, ҳамон касе будааст, ки соли 1990 он қадар шӯр афканд. Ҳамон устодаш қатӣ хуб сухбат кард. Тамом. Ҳамин хабар, ки рафт ба Тошканд, ин шогирдатонро аз кор мегирифтанд. Бинобар ин вай нахостааст, ки шуморо бинад. Нахостааст, ки бо шумо суҳбат кунад. Вайро аз гуноҳаш гузаштан даркор. Кораш нодуруст не. Шумо аз вай хафа нашавед,-гуфтем. Баъд домулло Осимӣ андак ором шуданд. Бо ҳамин қиссаи ҷашни Инқилоби Бухоро ба охир расид ба фикрам.

Дар мавриди ин ҷашн мавод ба фикрам чоп нашудааст. Ин ҳайати Тоҷикистон гашта ки омаданд, дар рӯзномаҳо навиштанд. Дар рӯзномаҳо хабарҳои муфассал чоп шуд. Маърӯзаи ман, ки маърӯза карда будам дар сессияи солонаи Айнӣ чоп



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

шуд. Дар рӯзномаи “Омӯзгор” чоп шуд. Ҳамин хел баъзе чизҳо чоп шуд. Ман дигар хабар надорам. Маърӯзаи асосӣ ва дигар чизҳо гӯё ки чоп нашудааст.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

# Қиссаи дӯстӣ бо Эргаш Рустамов

Донишҷӯи факултаи форсии Донишгоҳи Осиёи Миёна Эргаш Рустамов аз ҷавонони узбек буд. Қиссаи дӯстии мо бо ӯ ба соли 1943 ё 44 бармегардад, ки банда донишҷӯи Донишгоҳи педагогии шаҳри Душанбе будам. Рӯзе бо як ҷавоне шинос шудам, ки либоси ҳарбӣ дошт. Бо касе суҳбат мекарду шеър мехонд. Фаҳмидам, ки ин ҷавонест шоиртабиат. Нав аз майдони ҷанг омадааст. Эргаш Рустамов дар майдони ҷанг захмин шудааст. Дар госпиталҳо хеле хобидааст ва акнун ҷои таҳсил кардан гоҳ-гоҳ ба донишгоҳ назди мо меомад. Ману Солеҳӣ бо ӯ ҳамсуҳбат



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

мешудем. Гоҳ онҳоро ба хонаи аммаам мебурдам, ки зиёфат кунам, вале бештар суҳбат мекардем. Ҳунари рассомӣ ҳам дорад, расми моро кашид. Он расми ман, ки Рустамов кашида буд, шояд ҳанӯз дар хона, дар ҷое бошад. Шеър мегуфтааст Эргаш Рустамов:

Очилур кунлун бергулдек очилур.

Ба оҳанг ҳам гирифта буданд ва ин оҳанг дар "пинка" (дастгоҳи сабти овоз) ҳам чоп шудааст. Сурудашонро ман шунидаам ва он пинкае, ки ин сурудро дорад, низ дар дасти ман ҳаст. Дар дасти худи Эргаш Рустамов низ буд ё не, намедонам. Эргаш Рустамов адабиётро бисёр дӯст медошт, нағз медонист адабиёти рус, адабиёти Ғарбро. Забони русиро нағз медонист. Адабиёти ҷаҳонро ба забони русӣ хеле бисёр хонда буд.

Дар он вақтҳо, ки ман дар идораи рӯзномаи "Тоҷикистони сурх" кор мекардам, баъзе шабҳо навбатдор будам, бегоҳиҳо пеш аз рафтан ба навбатдории рӯзнома мо рафиқон ҷамъ мешудему андак мешиштем. Чорта гап мезадему шеър мехондему баъд ман мерафтам ба кор. Дар идораи "Тоҷикистони сурх" он ҷо ҳеҷ кас набуд ва танҳо ман навбатдорӣ мекардам. Чунон ки гуфтем, солҳои ҷанг солҳои гушнагӣ буд, идораи "Тоҷикистони сурх" ҳар ҳафта як бор як чек медод.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Бо ин чек аз ошхона як пирогмонанд як чиз мегирифтам, ки ба нон монанд буду дар миёнаш ҷем дошт ё ягон ширинии дигар. Ин ҳар ҳафта, ки аз ҳамин рӯзи чоршанбе ё панҷшанбе ин шириниро ки гирифтам, он дӯстон ҳозир мешуданд. Баъд сухбат мекардем, суҳбатҳои адабӣ. Эргаш Рустамов рӯзе баногоҳ гуфт, ки:

-Баъзе шеърҳои масалан Шевченко ва дигарҳоро ҳатто тарҷума кардаам, лекин аз Навоӣ як шеър нахондаам. Дар бораи эҷодиёти Навоӣ чизе намедонам. Аз осори ӯ тамоман бехабар ҳастам. Шарм мекунам, ки узбек ҳастам, лекин Навоиро фақат аз рӯи шунид медонам. Банда гуфтам:

-Ман як китоби Навоӣ дар даст дорам, лотинӣ аст пеш аз ҷанги соли 1941. Яке аз онҳо, ки “Чордевон” ном дорад. Аз девони ғазалиёти Навоӣ низ ба хатти лотинӣ соли 40 чоп шуда буду ман як нусха гирифта монда будам дар дастам. Ба Эргаш Рустамов гуфтам:

-Ман ҳамон девонро биёрам, мехонӣ? Бисёр хурсанд шуду гуфт:

-Зуд биёр, ман як бинам. Ман кофта ёфта, овардам. Рустамов хурсанд шуда гирифта бурд онро. Чанд вақт ғайб зад ва дигар намеомад. Бо хондани ҳамин машғул будааст, дигар ҷое намерафтааст, коре



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

намекардааст, сар аз болои ин китоб намебардоштааст. Лекин як рӯз пайдо шуду гуфт, ки:

-Ин китоби “Чордевон”-еро, ки ту ба ман додӣ, бисёр бодиққат хондам, лекин ҳеҷ хонда натавонистам, нафаҳмидам. Таъбирҳои тоҷикияш бисёр будааст. Ними шеъраш тоҷикӣ, аммо ман забони тоҷикиро намедонам. Чӣ кор кунам? Ҳамин қадар алам мекунад, ки онро мехонаму намефаҳмам. Ман гуфтам:

-Як кор мекунем. Бо ҳам мехонем. Бо ту ҳар ду. Салоҳ ҳам агар хоҳанд, мехонем. Ман ба ту ҷойҳои тоҷикии шеъри Навоиро мефаҳмонам, ту ба ман ҷойҳои номафҳуми узбекии Навоиро мефаҳмонӣ, то ки ман ҳам узбекиро ёд гирам. Ҳазрати Навоӣ ба ману ту забон ёд медиҳад.

Бисёр хурсанд шуда, гуфт:

-Кошкӣ.

Рӯз таъйин кардем, соат таъйин кардем. Ҳар ҳафта фалон рӯз ман тоҷикии ашъори Навоиро ба Эргаш мефаҳмонам, Эргаш қисмҳои ғализи онро ба ман мефаҳмонд. Шахсан барои ман ин ҳамнишиниву ин навоихонӣ бисёр муфид омад. Ман бисёр калимаҳои узбекиро ёд гирифтам. Бисёр не, андак-андак узбекӣ ёд гирифтам, ки аз устоди



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

забардасти забони узбекӣ ҳамин дӯсти худам миннатдорам. Эргаш Рустамов андаке тоҷикӣ медонист, аммо тоҷикии авомонаро камтар медонист, акнун тоҷикии шоиронаро аз худ мекард. Бисёр хурсанд буд. Бисёр меҳри самимӣ пайдо кард.

Баъд аз ҷанг Эргаш Рустамов ба факултети шарқшиносии Донишгоҳи Тошканд дар шуъбаи форсӣ ба хондан даромад. Дар соли 1948 ман ба Тошканд омадам. Ягона касе, ягона шиносе, ки он ҷо доштам, ҳамин Эргаш Рустамов буд. Кофта ӯро ёфтам ва бо ҳам суҳбатҳо мекардем. Рӯзона, ки ман корҳои архиву китобхонаву инҳоро анҷом медодам, хеле зиқ мешудам. Тобистони гарм буд, хаста мешудам. Баъд бегоҳӣ бо Эргаш Рустамов андак гардиш мекардем. Ҳавои тоза мебаромадем. Кино мерафтем. Андак дам мегирифтем. Эргаш Рустамов аз ин, ки ман ба Тошканд омадаам, хеле хурсанд шуда буду ҳар рӯз бегоҳиҳо пеши ман меомад. Баъзе рӯзҳо, масалан, рӯзи якшанбе, ки ҳама ҷойҳо баста, архиву китобхонаҳо баставу ман бекор будам, меомад бо ҳам шаҳр мебаромадем, мегаштем. Шаҳрро нишон медод.

Вале боре ҳодисае рух дод, ки лозим аст ин ҷо бигӯям. Рӯзе бо Эргаш Рустамов дар кӯча ҳар ду қадам мезадем, суҳбате доштем. Эргаш Рустамов ба



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

ман гуфта буд, ки ту бо ман бо забони тоҷикӣ гап зан, ки ман донишҷӯи факултаи шарқшиносӣ ҳастам, бароям лозим аст, ки сухани бештар шунавам. Лекин худи Эргаш Рустамов, ки он қадар тоҷикӣ гап зада наметавонист бо ман русӣ ҳарф мезад. Ҳамин қарорро аз аввал бо ман дар миён гузошта буд:

-Ман бо ту русӣ гап мезанам, ту бо ман тоҷикӣ ҳарф бизан. Албатта розӣ шудам. Ҳамон рӯз, ки дар кӯча қадам зада рафта истода будем, оҳиста-оҳиста ба Эргаш Рустамов чизе мегуфтам, мо чӣ суҳбате доштем. Масъала чӣ масъалае буд, ки ман ногаҳон баланд-баланд сухан кардам. Як шахсе аз чойхона давида баромаду омад пеши мо ва гуфт:

-Нима тоҷикчалаб ҷикилайсан? Ҷикиллама!

Эргаш чизе гуфт ба вай, ки вай боз ҳам шӯрида қариб аз гиребони Эргаш гирифт. Ман ба ӯ гуфтам:

-Бародар, бигзораш, рафтем. Мо ба роҳамон равон шудем. Дигар суҳбатамонро давом дода натавонистем. Сухани он узбек, ки:”Тоҷикчалаб ҷикиллама, нима ҷикилайсан?”- мегӯяд, бисёр ба ман алам кард. Дар Тоҷикистони мо дар он солҳо, ки банда донишҷӯ ва аспирант будам, албатта аз ин ҳарфҳо каме буд: Ин кас тоҷик, ин кас узбек



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

мегуфтем. Дар байни зиёиён ин гуна гапҳо буд, аммо нафрат ба ягон кас набуд, манъ кардан аз суҳбат бо забони модарӣ набуд. Аммо дар Тошканд? Акнун, ин касе, ки аз чойхона давида баромад, як одами одӣ, фақат як чойхонанишин буд. Дар халқи Тошканд ин гуна ақидаҳо ҳаст магар?



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

# Ҳикояти ман ва устод Раҳматов

Он вақтҳо, ки ман ба Донишгоҳи педагогӣ, Донишгоҳи омӯзгории шаҳри Душанбе ба кор даромадаму кор оғоз кардам, устодонам меҳрубониҳо нишон доданд ва чун падар бо ман муомила мекарданд. Аз рӯи ҳамин меҳрубониҳои эшон ба ман дар хобгоҳи муаллимони донишгоҳ, ки хобгоҳи тахтадевор буд, дар паҳлуи худашон ҷой доданд, хона доданд. Ман ба ин хона кӯчидам. Ҳамсояи паҳлуям Носирҷон Маъсумӣ рӯзе чун ман аз кор омадам, гуфтанд, ки "рафтем!" Равон шудем. Дар роҳ аз ман пурсиданд:



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

-Ту Раҳматовро мешиносӣ ё не? Ман гуфтам:

-Бале, мешиносам, бисёр одами хуб аст, бисёр доно, бисёр суҳбати аҷиб дорад. Устод гуфтанд:

-Ман шуморо ба суҳбати ӯ мебарам, то бо ӯ аз наздик шинос шавед ва минбаъд рафтуомад дошта бошед.

Хонаи Раҳматов дур набудааст, дар ақиби як ҳамом буд. Чун омадем ба хонаи эшон, ба хонаи Иброҳим Раҳматов дастархон ороста аст, аммо ғайр аз домулло Маъсумӣ дигар меҳмон нест. Нишасти хоссаи домулло Маъсумӣ бо Раҳматов буд. Ҳар ду хеле суҳбат карданд. Ман ин гуна суҳбатҳоро надида будам. Шеър мегуфтанд дар байни суҳбатҳо, як байт-як байт, ҳар ҷо-ҳар ҷо суруд хонданд. Чанд суруд хонданд ҳама классикӣ, ба ман бисёр маъқул шуд. Баъд ин сурудҳоро чандин бор дар маҳфилҳову нишастҳои дигар хонданд ва ба ҳама маъқул буд. Ҳамеша аз эшон мехостанд, ки дар нишастҳо сурудҳои худро бихонанд. Ва мехонданду мо гӯш мекардем. Лекин он шаб бори аввал гӯш кардани ин сурудҳо боиси хуб, хушгувору хуш гузаштани ин нишасти аввалини мо гардид ва хотироти неке аз ин шиносоӣ бардошта будам.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Ман домулло Иброҳим Раҳматовро якчанд вақт надидам. Аммо як рӯз Иброҳим Раҳматов ба ҷои кори ман телефон кард ва хост, ки ӯро бинам. Ӯ дар "Нашриёти давлатии "Тоҷикистон" шояд нав ба кор таъйин шуда буд. "Нашриёти давлатии Тоҷикистон" тахминан дар миёнаҷои фаввораҳои боғи Рӯдакӣ воқеъ буд. Он ҷо омадам. Коре ба ман супурданд.

Чун таҳрирро ба охир расондам, нусхаи дастнависро ба нашриёт бурда супурдам. Гумон кардам, ки дигар вазифаи ман иҷро шуд, дигар ман аз ин фориғ ва ҳоказо. Аз паи корҳои дигарам шудам, лекин як рӯз боз домулло Раҳматов телефон карданд, ки як одам ба нашриёти "Ирфон" омадагӣ, ба ту гап дорад. Ба нашриёт омадам. Он папкаи дастнависи "Завол"-ро кушодам, ки пур аз эрод кардаанд. Як дафтари алоҳидаро гирифта кушодаанд. Ҳар куҷое, ки дар тарҷумаи банда эрод доштаанд, дар дастнавис хат кашида ва эродро дар ин дафтар қайд кардаанд, ки саҳифаи чандум, сатри чандум, кадом дафтар, ҳамин гуна эродҳо. Он шахс ба ман гуфтанд:

-Аввал ин дафтарро гиру бин, ки кадом хатоҳо ҳаст ва ба кадомаш ҷавоб дошта бошӣ, дар дастнавис ислоҳ кун. Баъд бо ҳам мешинему кор мекунем.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Маро ғам гирифт, ки вақти ман бисёр кам буд. Он дафтари эродҳоро, эродҳои домуллоро қабул кардаму корро сар кардем. Нусхаи асли ҳамон дафтарро кушоданд, ба ман нишон доданд, ки ин ҷо нолозим, нодуруст шудааст. Ислоҳро дида рафтем. Ҳар ислоҳро, ки медидем, ман мегуфтам, ки чаро ин тур ислоҳ кардаам? Чаро ин тур таҳрир кардаам? Чаро инро ман ин тур кардаам? Домулло гӯш мекарданду лекин қабул намекарданд. Чанд бори дигар боз ҳамин гап, боз он чизеро, ки ман ислоҳ кардаам, боз эзоҳ медиҳам, шарҳ медиҳам, сабабашро мегӯям. Домулло гӯш мекунанду мегӯянд:

-Аслаш дуруст буд, аслашро гузор. Ҳамин тур ба ҳамин минвол, ба ҳамин минвол ягон корамро қабул накарданд. Ман ба сифати вироишгар ҳар коре, ки карда бошам, ҳамаашро шарҳ додам. Аммо намедонам, дар куҷое, дар як ҷой як калима омад, ки ман онро ислоҳ кардаам, бисёр чизи муҳим буд. Банда гуфтам, ки:

-Домулло дар ҳамаи он шарҳу эзоҳе, ки бо шумо дидем, ман ба гапи шумо розӣ шудам, аз таҳрири худ даст кашидам, аммо дар ин маврид шумо бояд гапи маро қабул кунед. Гуфтанд:

-Чаро? Ман сабабашро гуфтам. То тавонистам, эзоҳ додам, ки ин масъала масъалаи ҷиддӣ аст, ман



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

ислоҳ кардаам, истад. Вале ҳеҷ гапи маро қабул накарданд.

-Медонед, барои ин масъаларо ҳал кардан пеши Раҳматов меравем. Ҳамон кас кадоме, гапи ту ё гапи ман дуруст гӯяд, гапи ҳамонро қабул мекунем. Бе чуну чаро. Бо ҳам пеши Иброҳим Раҳматов рафтем ва сармуҳаррир гуфтанд, ки:

-Дар фалон масъала ду фикр пайдо шуд. Акнун мо чӣ кор кунем? Ҳар чизеро шумо бифармоед, акнун мо ҳамонро қабул мекунем. Иброҳим Раҳматов он вариантеро, ки банда дар вироиш истифода кардаам, гуфтанд, ки дуруст аст. Ҳамин тавр мушкил ҳал шуд. Сармуҳаррир бе чуну чаро гуфтанд:

-Раҳмат, ташаккур, масъала ҳал. Омадем ба он коргоҳамон. Гуфтанд, ки:

-Тамом, гапи ту гузашт, ман розӣ. Ҳамон хеле ки Иброҳим Раҳматов гуфт, ҳамон тур истад.

Ман ба домулло гуфтам, ки:

-Домулло, ман ҳамин қадар кӯшиш кардам, ки дурустии ин вироиши худамро ба шумо исбот кунам, қабул накардед, аммо сухани Иброҳим Раҳматовро бе чуну чаро, бе ягон савол, бе ин, ки гуфта бошед, ки: о, чаро ин тур мегӯйӣ?- қабул



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

кардед. Чаро ин тур шуд? Чаро гапи мо рад шуду гапи эшон бе ҳеҷ сабаб, бе ҳеҷ шарҳу эзоҳ қабул шуд?

Он кас гуфтанд:

-Бачам, ту намедонӣ, ин Иброҳим Раҳматов бухороӣ. Аз Бухоростанд. Забонро медонад, аз онҳо пурсупос карда, бояд сабаб наҷӯем. Ҳар чӣ гӯяд, қабул кун.

-Ман ҳам бухороӣ ҳастам, аз Бухоро ҳастам. Чаро ҳама гапи маро рад мекунед?

Дастнависро пӯшонданду ин дафтарро боз рӯи ҳамин дастнависҳо монда гуфтанд:

-Бибар ба хонаатон. Ман дигар ба инҳо кор надорам, намебинам ҳам. Бигзор бо ислоҳу вироиши ту ба чоп равад. Ҳар чӣ онҳо мегӯянд, қабул кардан лозим.

Ман ин дафтари эродҳоро бо худ бурдам. Дар ҳақиқат дигар эрод надошт. Хуб дида будам.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

# Ҳикояти Муҳаммадҷон Раҳимӣ

Муҳаммадҷон Раҳимӣ соли 1901 ба дунё омадааст. Падари вай як бенаво, бебизоат будаст. Чун қандфурӯшӣ мекардааст, ӯро Раҳими Қанд мегуфтаанд. Устод Айнӣ дар достони "Марги судхӯр" Раҳими Қандро андак ба тафсил тасвир кардаанд, ки ин достони устод Айнӣ соли 1930 чоп ҳам шудааст.

Муҳаммадҷон Раҳимӣ аз аввали солҳои 30-юми қарни бист гӯё дар Ленинград дар як Институти молия мехондааст. Он вақт он ҷо як зани рус гирифт, лекин чун таҳсилро ба поён расонид ва ба Душанбе омад, танҳо омад, занашро



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

наоварd. Баъди чанд вақт шунидам, ки Раҳимиро аввал дар кадом ноҳияе ба унвони мудири молия таъйин карданд. Мудири молия шудааст. Рӯзе деҳқоне пеши ӯ омадааст ва бисёр илтимос кардааст, ки ӯро аз андоз озод кунанд. Раҳимӣ узри ӯро қабул кардааст ва ӯро аз ҳамаи андозҳо озод кардааст. Он гоҳ баъди чанд вақт деҳқонон ба пеши Раҳимӣ омадан гирифтанд, ҳама бо узр, ҳама бо ҳуҷҷатҳо, санадҳо, ки бенаво ҳастанд ва андоз дода наметавонанд. Хостанд, ки онҳоро ҳам аз андоз озод кунад. Ин Раҳимӣ ҳам чун дид, ки шароиташон танг аст, ҳамаро як-як аз андоз озод кардан гирифт. Дар охири сол он ноҳия натавонист плани молияро, плани андозҳоро иҷро кунад. Раҳимиро аз кор гирифтанд, гӯё ҷазо надоданд, лекин дигар ба корҳои молия наздик намонданд.

Он вақт Раҳимӣ ба сифати шоир андак шуҳрат ёфта буд. Шеърҳояш чоп мешуд. Дар соли 1937 як воқеаи аҷиб шудааст, ки бояд бигӯям.

Дар бораи Раҳимӣ ривоятҳои аҷибе ҳаст дар байни мардум, ки ба якдигар ҳикоя мекарданд. Баъзеи онҳо афсонавор, чизҳои боварнокарданӣ, аммо баъзеяш унсурҳои афсонавӣ дошта бошад ҳам, ба ҳар ҳол воқеӣ, боваркарданӣ. Яке аз онҳо ин аст.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

## Ҳикоятҳои оканда аз ҳаёт

Соли 1937-ум терори сталинӣ ба дараҷаи олӣ расид. Ҳама зиёиёнро нест карданд. Тоҷикистон кишвари хурд буду нависанда ҳам надошт, бастакору санъаткори зиёде ҳам надошт. Роҳбарони сиёсӣ гӯйӣ, аз онҳо ҳам дар Тоҷикистон бисёр набуданд, кам буданд, вале ҳамин якчанд нафар, ки доштем, ҳаминҳо ҳам ё дар зиндон вафот карданд, ё дар яхзорҳои Сибир.

Қоида ҳамин буд, ки ягон рӯз рӯзнома ё ин ки дар ягон маҷлис як нависандаро танқид кунанд, ҳамон шаб ин нависандаро омада ба зиндон мебурданд. Ҳамон гапе, ки дар танқид гуфта шуд, сабаб мешуд, ки инро ҳабс кунанд.

Як рӯз дар Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон Раҳимиро сахт танқид кардаанд.

Ҳамин ки танқид ба охир расид, аз маҷлис баромада, рост ба вокзали Роҳи оҳан омад. Дид, ки қатораи Душанбе-Масква ба рафтан омодагӣ мебинад. Лекин дар дасти Раҳимӣ пули билети поезд набудааст. Чӣ кунад? Ба андеша монд ва дид, ки яке аз кондукторҳои андак солхӯрда, шахси меҳрубон менамояд. Ба ӯ мегӯяд:

-Маро имрӯз андак танқид кардаанд, бояд бигурезам. Пули билети то Когонро надорам. Оё наметавонӣ маро то Когон бебилет бибарӣ?



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Розӣ мешавад, ки Раҳимиро бибарад. Онҳо ба вагон даромаданд. Якчанд нафар ӯро шинохта, аз Раҳимӣ мепурсанд, ки чаро Бухоро меравад?

Кондуктор (роҳбалад) гуфт:

-Модоме ки туро он ҷо баъзе касон мешинохта бошанд, маслиҳат нест, ки дар Бухоро зиндагӣ кунӣ. Он ҷо ҳам мумкин аст, ки туро ҳабс кунанд. Беҳтар ин, ки ман туро ба Маскав бибарам ва арзу додатро шунаванд. Раҳимӣ ба ин гап розӣ шуда, ба Маскав меравад.

Дар истгоҳҳои калони роҳи оҳан, ки қатора меистад, қатора бисёр меистад ва билетбинҳо барои тафтиши билетҳо медароянд, ӯ Раҳимиро дар ангиштхонаи вагон ҷо мекард, то ин ки пинҳон шавад. Раҳимӣ ҳам фақат як қабат либоси тобистонӣ дошт, ки онҳо аз кор баромаданд, дигар чизе набуд, ки пӯшад. Чун ба Маскав расиданд, бо ин ҳол, бо ҳамин доғу сиёҳиҳо Раҳимӣ рост ба Иттифоқи нависандагони СССР рафт ба назди дӯстеяш рафт, ки нисбат ба ӯ меҳрубонӣ дорад, ба кабинети Фадеев рафт. Фадеев дар кабинеташ будааст, ӯро қабул кард ва ба ин ҳол дида, хеле хандид. Раҳимӣ воқеаро ҳикоя кард. Пас аз чанде суҳбат як шахсеро ҳамроҳаш намуда фармуд:

-Барояш хуб харидорӣ бикунед.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Харид ҳам карданд. Фадеев ӯро бурдааст ба дачаи худ, яъне ба Бедилкино. Раҳимиро ба дача оварда, гуфтааст:

-Минбаъд ту акнун ҳамин ҷо зиндагӣ мекунӣ, дар яхдон ҳама хӯрок ҳаст, китоби хонданӣ чӣ қадар хоҳӣ, ҳаст.

Баъди чанде ба Раҳимӣ гуфт, ки:

-Тамом, туро аз пинҳонӣ берун мекунем. Ба Кумитаи Марказӣ рафта, масъаларо фаҳмондам. Он ҷо қарор доданд, ки имрӯз калонҳои Тоҷикистон туро бо худ бибаранд, дар вагони ҳукуматӣ. Зуд боратро ғундор.

Раҳимӣ раиси “Литфонд”-и Тоҷикистон, бунёди адабии Тоҷикистон шуд. Корҳои бузурге ҳам кард. Як бинои истиқоматӣ барои нависандагон сохт. Ин бино ҳанӯз ҳам ҳаст. Алъон ин кӯча, кӯчаи Бохтар ном дорад. Ин бинои истиқоматӣ, ки Раҳимӣ барои нависандагон сохт, 8-10 квартира дошт.

Банда бо Раҳимӣ аз ҷавонӣ шинос шуда будам. Он солҳои донишҷӯӣ, ки дар идораи рӯзномаи “Тоҷикистони советӣ” кор мекардам, Раҳимӣ ҳам дар ин идора кор мекарданд. Ин яъне соли 1942. Он ҷо ҳар замон якдигарро медидем. Андак суҳбат, гуфтугӯе ҳам мешуд. Ман он вақтҳо



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

орзую ҳавасе ҳам доштаму гоҳе шеър мегуфтам ба таври худ. Чизҳои шеърмонанд ва зуд мебурдам ба “Тоҷикистони советӣ” барои чоп ва он ҷо ба дасти Раҳимӣ меафтод. Раҳимӣ ҳам бо ман нишаста, шеърро аз аввал хонда, як-як баъзе ҷойҳои онро таҳрир мекард. Баъзе калимаҳоро нобаҷо ё ин ки беҷо омадани он калима, ё ин ки гапи дигари онро иваз кардан лозим,- мегуфт. Чанд шеъри маро он кас сахт таҳрир кардаанд.

Шиносоии мо, саломалейки мо давом кард. Домулло медонистанд, ки ҳамшаҳрии эшон ҳастам. Ба банда ҳусни таваҷҷуҳ доштанд. Гоҳе ба хонаи ман меомаданд. Домулло қиёфаи қашшоқона доштанд, либосҳои қашшоқона мепӯшиданд. Ҳамсари ман эшонро “председатель колхоза” “раиси колхоз” мегуфт.

-Опят пришёл этот “председатель колхоза”.-огоҳ мекард маро ҳамсарам.

Меомаданд гоҳе хонаи мо ва мегуфтанд:

-Китобе лозим шудааст.

Китобро гирифта медиданд ё ин ки мебурданду боз меоварданд. Ҳамин хел бо сабабе меомаданд, бесабаб намеомаданд. Як бор, ки омаданд, табъашон болид. Ҳамон ҷо дар хонаи ман шеъре навиштанд ва дар он шеър номи фарзандони



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

маро ҳам зикр карданд. Номи фарзандонам ҳам даромад ба он шеър. Онро, ҳар мисраъро чанд бор таҳрир карда, шеърро ба шакли охирин дароварданд ва ба банда тақдим карданд. Ман ҳама он нусхаҳоеро, ки таҳрири ҳар мисраъ намоён аст, ки аввал чӣ буд ин мисраъ, баъд чӣ тӯр тағйир ёфт, таҳрир шуду дигар шуд, яъне, сиёҳнависи домулло Раҳимиро низ гирифтаму даруни дафтари рӯзнома монда будам. Шояд ҳамон ҷойҳо ҳанӯз ҳам бошад.

Либоспӯшии Раҳимӣ ҳақиқатан аҷиб буд. Омиёна либос мепӯшиданд. Хоксорона, қашшоқона либос мепӯшиданд. Дар зимистон ҳам як плаш ё палтои тунук дар тан, як тоқии тунук дар сар. Дар по ҳам чандон чизи гарм нест. Мегаштанд. Ҷои суол буд, ки чаро ин тур либос мепӯшанд?

Муҳаммадҷон Раҳимӣ дар шеър дар ҳақиқат тавоно буд. Тавоноии дили худро худ эҳсос мекард. Боре ӯ бо устод Лоҳутӣ баҳс оғоз кард. Ин ҳодиса, дар ёд дорам, ки чунин рӯй дод:

Охирҳои даҳаи чиҳилуми қарни бист буд ё аввалҳои даҳаи панҷоҳум буд, ки як рӯз, як рӯзи ид, иди Октябр ё иди якуми май, дар ин иди бузург газетаҳои Тоҷикистон рангин ва зебо баромаданд. Дар яке аз ин рӯзномаҳои рангин банда шеъри Муҳаммадҷон Раҳимиро дидам, ки бо мисраи:



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

“Шоири хушнавои мо, тарк бигӯ фасонаро”, шурӯъ шудааст. Дар поини шеър навишта шудааст: Ашқобод. Яъне, гӯё ин шеър, ин ғазал, дар сафари Туркманистон гуфта шудааст. Агарчи банда намедонистам, шеъри хуб кадому шеъри нохуб кадом аст, ин шеър ба ман маъқул шуд. Гӯё шеъри хуб буд. Дидам, ки дигарҳо ҳам хондаанд. Лекин касе чизе намегӯяд. Сарварони Иттифоқи нависандагон ҳам хондаанд. Гӯё шеър ба ҳама маъқул аст. Лекин ба монанди бисёр шеърҳое, ки дар рӯзномаҳо чоп мешаванду ба мардум маъқул меоянд, вале пас аз чанд гоҳ аз ёдҳо мераванд, фаромӯш мешаванд. Ин шеъри Раҳимӣ ҳам дигар тамом, аз ёд баромад. Лекин баъд аз як ду-се моҳ устод Лоҳутӣ аз Маскав ба Душанбе омад ва он гоҳ дар Иттифоқи нависандагон шӯре барпо шуд, ки Раҳимӣ устод Лоҳутиро танқид кардааст ва сахт сарзаниш намудааст. Инро фақат худи устод Лоҳутӣ, вақте ки дар Маскав он шеъри Раҳимӣ ба дасташ расиду чашм давонд, фаҳмида будааст. Дигарҳо бехабар мондаанд:

Шоири хушнавои мо, тарк бигӯ фасонаро...
Хуршеди ман, чӣ гӯйӣ шабпараки шабонаро?

Давомашро фаромӯш кардаам.

Гӯё Раҳимӣ он шеърҳои ишқии Лоҳутиро, ки ба ҳамсараш Силсилабону бахшида буд, дар назар дорад. Устод Лоҳутӣ бисёр шеърҳои хуб гуфтаанд.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Шеърҳои ишқии хуб бисёр доранд. Аз ҷумла баъзеи онҳо мумкин ҳақиқатан ба Силсилабону бахшида шуда буданд:
Хуршеди ман куҷоӣ,
Сард аст хонаи ман.

Ҳаминҳоро Раҳимӣ танқид кардааст ва ҳоказо.

Яъне, Раҳимӣ ба муқобили шеъри ишқӣ, лирикаи ишқӣ сухан рондааст. Он вақтҳо дар адабиёти Шӯравӣ назарияе ҳам буд, ки лирика бояд ичтимоию сиёсӣ бошад. Мазмуни ичтимоию сиёсӣ дошта бошад. Бас аст васфу мадҳ, аз ҷумла бас аст ишқияҳо, ишқиясароӣ, ошиқона шеър гуфтан, занҳои номаълумро таъриф кардан. Давраи Инқилоб, давраи муборизаҳои синфӣ, давраи шеъри ичтимоию сиёсист ва шеъри ишқӣ аҳаммияташро гум мекунад.

Ҳамин тур як назария буд. Бинобар ин бисёр шоирон шеъри ишқиро тарк карданд. Аз баҳри ишқиясароӣ баромаданд. Ҳатто Маяковский ҳам дигар шеъри ишқӣ нагуфт. Лекин баъзе шоирон сахт истоданд, ки шеър бе ишқ наметавонад вуҷуд дошта бошад. Ишқу муҳаббат ва шеър тавъаманд, ҳамеша бо ҳаманд. Аз ҷумла устод Лоҳутӣ дар солҳои сиюм бисёр шеърҳои ишқии хеле хуб гуфт. Бисёр шеърҳои хуб. Бисёр шеърҳои оличаноб. Ҳама



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

шеъри ишқӣ, ишқӣ. Вақте ки устод Айнӣ шеърҳои Лоҳутиро таъриф кард ва сарсухан навишт ба китоби Лоҳутӣ ва шеърҳои ӯро таъриф кард, ин шеърҳои ишқии ӯро низ дар назар дошт. Шеърҳои ишқии ӯро низ хеле баланд гузошт, хеле баланд баҳо дод. Акнун Раҳимӣ ба муқобили ҳамин шеърҳои ишқӣ, ки гӯё шеърро аз майдони инқилоб дур мебарад, баромадааст. Ҳатто дар ин шеър Раҳимӣ калимаи “револютсия”-ро ба шеър дохил кардааст. Калимаи “револютсия”-ро кам шоире тавонистааст ба шеър дохил кунад. Ҳама дар шеър револютсияро инқилоб гуфтаанд. Револютсияро баробар овардан бо он ҳиҷоҳои оҳанги шеъри арӯзӣ хеле душвор аст, аммо Раҳимӣ тавонистааст. Устод Лоҳутӣ чун шеъри Раҳимиро дидааст ва зуд пай бурдааст, ки Раҳимӣ ӯро-Лоҳутиро дар назар дорад ва Лоҳутиро мегӯяд, ки:

Шоири хушнавои мо, тарк бигӯ фасонаро.

Гӯё Лоҳутӣ афсонагӯйӣ мекунад. Албатта устод Лоҳутӣ ба шӯр омада, зуд манзумае эҷод кардааст ва чун таҳрири ин манзума ба охир расид, ба Душанбе омадааст ба ҳама нависандаҳои Тоҷикистон дар Иттифоқи нависандагон доду фарёд бардошта, манзумаи худро, ки ҷавоби шеъри Раҳимӣ буд, “Халқ ва ғазал” ном дошт, дар маҷлисҳо хонд, дар маҷлисҳо ғазали ишқиро бисёр



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

тавсиф кард. Дар рӯзнома чоп ҳам шуд “Халқ ва ғазал”. Аммо Раҳимӣ дигар хомӯш буд, дигар чизе намегуфт. Раҳимӣ пеш аз навиштани ин шеър худаш шеърҳои ишқӣ дошт. Ман чандон намефаҳмам, ки чаро касе, ки пеш аз ин худ шеърҳои ишқӣ гуфта буд, имрӯз ин қадар сахт ба муқобили ишқия шеър мегӯяд. Аммо солҳои баъд Раҳимӣ боз бештар шеърҳои ишқӣ гуфт. Шеърҳои хуб. Шеърҳое, ки дар байни эҷодиёти Раҳимӣ мавқеи муайян доранд. Ҷойгоҳашон босазо. Аз бисёр шеърҳои ичтимоию сиёсии Раҳимӣ хеле баландтар меистанд. Аз онҳо хеле зиёдтар аҳаммият доранд, чунки пурмазмун ҳастанд. Шеърҳои ичтимоӣ-сиёсии Раҳимӣ дар бисёр мавридҳо хеле ба назар мерасанд. Лекин шеърҳои ишқияш таассуроти хуб боқӣ мегузоранд. Пас, шояд Раҳимӣ бо он шеъраш на ба муқобили лирикаи ишқӣ баромада бошад, балки ба муқобили таърифу тавсифи ҳамсари худ, як зане, ки шояд ҳусн дорад, вале хислатҳои бад ҳам дорад. Вақте шахсияти ҳамсари Лоҳутӣ ба бисёр касон маъқул набошад, шеъре, ки дар бораи ӯ гуфта шудааст, дар бораи ҳамсари Лоҳутӣ низ албатта маъқул намешавад. Инро дар назар дошт, ки инро дар ҳаққи ҳар зан гуфтан мумкин нест.

Фақат дар ҳаққи занҳое гуфтан мумкин, дар ҳаққи духтарҳое гуфтан мумкин, ки дар ҳақиқат



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

сазовори сухани олӣ ҳастанд. Дар ҳақиқат шеърофарин ҳастанд, ки шеър офариданд. Бо дидани онҳо аз дили шоир шеър ҷӯшида мебарояд.

Ба ҳар ҳол ман фақат ҳаминро мегӯям, ки Раҳимӣ ҷуръат карда бо устод Лоҳутӣ баҳс кушод. Бо устод Лоҳутӣ баҳси адабӣ кардани Раҳимӣ ҷои тааҷҷуб дорад, ки ҷуръату ҷасорати ӯро нишон медиҳад. Дар бораи шеър ва чигунагии он баъзе ақидаҳои ба худ хосро дошт. Ба ҳар ҳол он шеъри Раҳимӣ шеъри муҳим аст.

Дар маҷлисҳои Иттифоқи нависандагон Раҳимӣ бисёр танқид мешунид. Дар ин маҷлисҳо аз рӯи қоида нависандагоне чун Суҳайлӣ, Икромӣ бештар танқид мешуниданд, ҳамеша чӯби танқид ба сари эшон мешикаст. Ба Раҳимӣ эрод мегирифтанд, ки куҳнапараст аст, калимаҳои архаистиро бисёр кор мефармояд. Ба шаклҳои куҳнаи анъанаӣ бисёртар шавқ дорад. На танҳо дар ҳаққи Раҳимӣ, балки умуман дар танқиди он маҷлисҳо эродҳои ночиз, айбҷӯии сиёсӣ бештар ба назар мерасид. Аввалҳо тоқат меовард ба ин танқидҳо. Аммо кам-кам ба он эътироз кардан хост ва эътирози ӯ ба тарзҳои аҷибе пеш аз баён шудани танқид зоҳир мешуд. Боре Сотим Улуғзода дар бораи адабиёти он рӯзҳо сухан меронд ва якбора ба



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

шеър гузашт, аз камбудҳои шеър сухан оғоз кард ва гуфт:

-Мисол Раҳимӣ ва фалон шеъри нави ӯ.

Раҳимӣ, ки он ҷо ҳозир буд зуд аз ҷо хест ва даст пеш гирифта, андак таъзим карда ба сӯи Улуғзода гуфт:

-Ҳо, тақсир, моро барои танқид офаридаанд.

Мардум хандид. Улуғзода чун хандаи мардум бас шуд, суханро давом доданд. Бо ҳамин кор Раҳимӣ гӯё аҳаммияти танқиди Улуғзода, арзиши онро фаровард. Дафъаи дигар Абдусалом Деҳотӣ дар бораи шеъри рӯз сухан меронд ва низ Раҳимиро ном гирифт. Ҳамин, ки Раҳимиро ном гирифт, Раҳимӣ аз ҷо бархост ва боз таъзимкунон ба сӯи Деҳотӣ гуфт:

-Ту ҳам ёде бикун аз ман.

Мардум хандиданд. "Ту ҳам ёде бикун аз ман" як мисраи шеъри Деҳотист, ки дар бораи додараш, ки дар майдони ҷанги фашистӣ ба ҳалокат расида буд, навишта буд. Онро дар радио месуруданд ва мо мешунавидем. Ба ёд овардани ин мисраи Деҳотӣ аз тарафи Раҳимӣ якбора ба Деҳотӣ сахт таъсир кард, суханронияшро давом надод, ба охир расонд ва ҳоказо.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Ҳар дафъа, чун Раҳимиро танқид кардан мехостанд, Раҳимӣ пеш аз он, ки танқидро сар кунанд, чизе мегуфту онро масхара мекард, бо хандаву шухӣ арзиши онро кам мекард. Рӯирост ба муқобили он танқиди якхелае, ки солҳои сол давом мекард ва фақат аз баъзе айбҷӯиҳои ғаразкорона, ғаразнок иборат буданд, меистод. Дар асл шоир Раҳимӣ бисёр ҳазлкаш, шӯх набуд. Ҳикояҳои хандадор ҳикоя кардан одат надошт. Ҳазлкашии ӯ фақат дар маҷлиси Иттифоқи нависандагон буд. Хоксор, беозор буд, касе аз ӯ озор надида буд. Аммо бархеҳо аз ҷавобҳои пешакии хандадор, масхараомез, ки мегирифтанд, меранҷиданд. Мегуфтанд, ки Раҳимиро беозор гуфтан мумкин не. Вале ин озорҳои ӯ фақат дар мавриди танқид зоҳир мешуд. Бо дӯстони наздик муносибати Раҳимӣ хуб буд. Носирҷони Маъсумӣ ӯро ҳурмат мекарданд. Дар бораи ӯ як китоб ҳам навишта буданд, дар бораи Раҳимӣ.

Он вақт, ки тартиб додани кори фарҳанг ба охир расид, аз паи ислоҳи кор шуданд, аз паи ин, ки ин фарҳангҳоро чӣ тур ба чоп тайёр кардан лозим аст. Оқибат ба ин қарор расиданд, ки ба ҳар кадоми ин фарҳангҳо шахсеро таъйин кунанд. Тамоми фарҳангро аз нав таҳрир кунанд, вироиш намоянд. Бо маслиҳати устод Айнӣ барои фарҳанги русӣ-тоҷикӣ Абдусалом Деҳотиро таъйин карданд.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Барои фарҳанги тоҷикӣ-русӣ Муҳаммадҷон Раҳимиро вобаста намуданд

Банда медонам, ки Абдусалом Деҳотӣ барои фарҳанг бисёр меҳнат кард. Тамоми матни онро дубора таълиф намуд, дубора навишт. Ман бо чашми худ дида будам, ки дастнависро чӣ гуна хонд, чӣ гуна таҳрир кард. Ҳатто чанд вақт Деҳотӣ ба Маскав  рафта, зиндагӣ кард, то ин, ки аз ташвишҳои Душанбе дуртар бошад ва фақат бо Ершов ҳардуяшон сари ин кор нишаста, заҳмат мекашиданд.

Ин гуна кор ба сари Муҳаммадҷон Раҳимӣ ҳам омада буд, чун он вақтҳое, ки ин луғати тоҷикӣ-русиро тартиб дода буданд, Институти забон, адабиёт ва таърих ном муассисае дар Тоҷикистон вуҷуд дошт, аммо ин институт ҳанӯз пойдевори мустаҳкам надошт. Ҳанӯз осори адабии гузаштагон ва муосирон ба қайд гирифта нашуда буд. Яъне, барои ба вуҷуд овардани фарҳанг асос вуҷуд надошт. Бинобар ин он тартибдиҳандагони фарҳанги тоҷикӣ-русӣ, як фарҳангча тартиб додаанд. Раҳимӣ ҳангоми таҳрир калимаҳои зиёдеро аз он чи худ медонист, ба луғат дохил кард. Калимаҳои зиёд, ибораҳои зиёд, хеле зиёдро ҷамъоварӣ карда буд. Аз фарҳанги русӣ-тоҷикии Деҳотӣ камӣ надошт. Ҳамин қадар калимае, ки ӯ



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

ҷамъ карда буд, дар институт нест. Раҳимӣ моҳиятан худаш ҷамъоварӣ, худаш тартибдиҳӣ, худаш омода, таҳияи чоп, ҳамаро худаш карда буд. Бисёри касон намедонистанд инро, ки Раҳимӣ кофта-кофта, дар ба дар рафта, пурсуҷӯ карда, ёфта, ҷамъ намуда буд. Бисёриҳо намедонистанд, ки инҳо дониши худи ӯ, аз захираҳои дониши худи Раҳимӣ аст. Инро мо имрӯз мегӯем. Ба ҳар ҳол китоби Раҳимӣ имрӯз ҳам аҳаммияташро гум накардааст ва мо наметавонем имрӯз баъзе аз он луғатҳоро дар фурӯш пайдо кунем, фақат дар ҳамон ҷо ҳастанду бас. Чанд бор чунин пеш омад, ки калимаро ҷустуҷӯ карда, ҷустуҷӯ карда, наёфта оқибат аз луғати Раҳимӣ, аз Раҳимиёнлуғот мегӯем мо вайро, ёфтам, аммо аз ягон фарҳанги дигар ёфта натавонистам.

Як вақте домулло Носирҷон Маъсумӣ, Раҳим Ҳошим ва ман Маскав рафтем, барои таҳрири “Фарҳанги забони тоҷикӣ”. Домулло Маъсумӣ депутати Совети Олии Тоҷикистон буданд. Бинобар ин эшонро дар меҳмонхонаи сафорати Тоҷикистон, дар хонаи люкс ҷой доданд, ки ин иборат аз ду утоқ буд. Як утоқ барои хоб аст, ки он ҷо домулло Маъсумӣ дар он мезистанд ва як утоқи дигар барои нишаст ҳаст, ки столу стулҳои (мизу курсӣ) бисёр дорад, диванҳои хуб дорад. Домулло Раҳим Ҳошим ва ман дар ин утоқи дуюм будем. Як



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

рӯз фаҳмидем, ки домулло Раҳимӣ ҳам дар Маскав будаанд ва дар ҳамон меҳмонхонаи сафорати Тоҷикистон дар як утоқи яккасӣ зиндагӣ мекардаанд.

Раҳимӣ домулло Маъсумиро бисёр ҳурмат мекарданд. Ҳар бегоҳ ба пеши мо меомаданд, ба он хонаи домулло Маъсумӣ, ки мо он ҷо будем ва бегоҳ он ҷо менишастему суҳбат мекардем. Чандин вақт бегоҳҳои мо бо суҳбат, бо суҳбати гуворо мегузашт. Суҳбате, ки он ҷо Раҳим Ҳошим ва Муҳаммадҷон Раҳимӣ иштирок мекарда бошанд, албатта бисёр суҳбати хуб аст. Дар кучоҳо, шояд мазмуни ин суҳбатҳоямонро мухтасар навишта бошам. Оқибат як рӯз домулло  Раҳим Ҳошим суханро ба сари ин оварданд, ки фардо домулло Раҳимӣ магазин раванду барои худ либоси мувофиқи зимистони Маскав бихаранд. Палтою телпаку попӯши хуб дошта бошанд. Вагарна домулло Раҳимӣ дар Маскав ҳам бо ҳамон либосе, ки дар Тоҷикистон мегаштанд, гашта буданд. Аммо Раҳимӣ сар нафуровард.

-Хунук намехуред? О, сард аст!?-исрор карданд ҳамсуҳбатон.

Оқибат домулло Раҳимӣ розӣ шуданд, ки бо Раҳим Ҳошим ба магазин раванду харид кунанд. Либоси зимистонӣ бихаранд. Рӯзи дигар аз пагоҳӣ



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Раҳим Ҳошим бо Раҳимӣ рафтанд. Рафтанд, рӯзи дароз гаштанд ва ҳар ду танҳо бегоҳӣ омаданд. Аҷиб ин, ки Раҳимӣ боз бо ҳамон либосҳои пештараи худ омаданд. Гуфтем:

-Чӣ шуд?

Раҳим Ҳошим гуфтанд, ки:

-Нашуд. Рафтем, бисёр магазинҳоро дидем, либоси гарму нағз, гуногун буд, ҳеҷ кадомаш ба домулло маъқул нашуд. Ҳамин қадар, ки дидем, оқибат нахаридем. Рӯзи дароз гаштем, аз пой мондем, лекин хариде накардем. Баъд аз ин ба фикрам домулло Маъсумӣ тамоман аз баҳри масъалаи либоси домулло Раҳимӣ баромаданд. Дигар либоси Раҳимиро ислоҳ кардан мумкин нест.

Раҳимӣ чанд гоҳе дар Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакӣ кор карданд. Он вақтҳо, ки “Фарҳанги забони тоҷикӣ” тартиб дода мешуд ва таҳрири охирини он идома дошт, чанд гоҳ, хеле кӯтоҳ, фақат якчанд гоҳ Раҳимӣ кор карданду баъд эшонро ба дигар ҷойҳо кашидаанду ба дигар ҷо рафтанд. Дигар дар “Фарҳанг”-и мо ширкат накарданд. Лекин куҷоҳои дигар кор мекарданд, аммо дар ҳисоби ташкилоти ҳизбии институти мо буданд. Ҳаққи аъзогии ҳизбро дар институти мо адо мекарданд. Лекин аксар вақт, бисёр вақтҳо



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

барои адои ҳаққи узвият намеомаданд. Аз куҷое ба ташкилоти партиявии институт як телефон мекарданд, ки:

-Ба ҷои ман бист тин ҳаққи узвият супоред, ман ин моҳ даромаде надоштам. Моҳи оянда боз ҳамин, боз чандин моҳ ҳамин хел давом мекард, ки домулло ё омада бист тин монда мерафтанд ё телефон мекарданд, ки: Худатон бист тин бидиҳед. Яъне, домулло ҳар вақт китобашон чоп шавад, китоби шеърҳояшон чоп шавад, ҳаққи таълиф мегиранд, ҳаққи заҳмат мегиранд, аммо дигар даромад нест. Як моҳонаи муайяни доимӣ надоштанд. Чанд вақт бе моҳона зиндагӣ мекарданд. Шояд аз чунин сабабҳо бошад, ки хеле хоксорона амал мекарданд.

Боре чун аз Сталин ва парастиши шахсияти ӯ сухан мерафт, Раҳимӣ гуфт:

-Хушомад бо Худо гуфтам, хуш омад...



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

# Феҳрист:


| | |
|---|---|
| Пешгуфтор | 3 |
| Каломи устод Шакурӣ бобати фароҳам сохтани имкони забти хотироташон | 12 |
| Ҳикояти омӯзиши забони форсии тоҷикӣ ба фарзандонам | 13 |
| Ҳикояти мубориза дар роҳи қонунӣ ва миллӣ шудани забони тоҷикӣ дар Тоҷикистон | 23 |
| Ҳикоятҳое аз даврони донишҷӯӣ | 49 |
| Ҳикояти рисолаи номзадии ман | 55 |
| Ҳикояти тарҷумаи китоби “Тоҷикистон” | 67 |
| Ҳикояти ҷашни “Ҳазораи Ибни Сино” | 74 |
| Ҳикояти ҷашни 70-умин солгарди Инқилоби Бухоро | 89 |
| Қиссаи дӯстӣ бо Эргаш Рустамов | 106 |
| Ҳикояти ман ва устод Раҳматов | 113 |
| Ҳикояти Муҳаммадҷон Раҳимӣ | 119 |




*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Ҳикоятҳои оканда аз ҳаёт

عنوان کتاب: **حکایت‌های آکنده از حیات**

**ده حکایت از زندگی استاد محمد جان شکوری بخارایی**

به کوشش: **دل‌افروز قربانی، مجید اسدی**

زیر نظر: **دل افروز اکرامی (همسر عالمه و بزرگوار استاد محمد جان شکوری بخارایی)**

طراحی جلد: **رامش شیرعلی**

ناشر: **رایزنی فرهنگی سفارت جمهوری اسلامی ایران در تاجیکستان**

لیتوگرافی، چاپ و صحافی: **پیام دانش تاجیکستان**

نوبت چاپ: **اول ۱۳۹۳ه.ش/۲۰۱۴ م**

شمارگان: **۵۰۰ جلد**



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

# حکایت‌های آکنده از حیات

## ده حکایت از زندگی

## استاد محمد جان شکوری بخارایی



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*